Тақиюддин Набҳонӣ

# ПИНДОРҲОИ СИЁСИИ ҲИЗБИ ТАҲРИР

Нашрияи

Ҳизби Таҳрир

АЗ НАШРИЯҲОИ ҲИЗБИ ТАҲРИР -Чопи чорум (ба забони арабӣ)
1425 ҳиҷрӣ - 2005 милодӣ (чопи мўътамад).

Чопи якум ба забони тоҷикӣ 1428 ҳиҷрӣ - 2007 милодӣ

# МУНДАРИЧА


Муқаддима....3
Сиёсат мафкура ва тариқат аст....6
Нақша ва услубҳои сиёсӣ....10
Вазъияти байналхалқӣ....15
Меъёри байналхалқӣ ва қонуни байналхалқӣ....23
Сабабҳои мубориза дар байни давлатҳо....40
Бузургтарин муаммоҳои ҷаҳон....45
1. Масъалаи Аврупо....65
2. Масъалаи Шарқи Авсат....70
3. Масъалаи Шарқи Дур....83
4. Масъалаи Осиёи Миёна....89
5. Масъалаи нимҷазираи Ҳиндустон....93
6. Масъалаи Африқо....95
Сабабҳои бадбахтии олам....107
Роҳи таъсиррасонӣ ба сиёсати дунё....117
Хиради сиёсӣ....119

# *МУҚАДДИМА*

Сиёсат идора кардани корҳои дохиливу хориҷии уммат аст. Он аз тарафи давлат ва уммат амалӣ гардонида мешавад. Идора бевосита дар ихтиёри давлат мебошад. Уммат аз давлат пайваста ҳисобот мегирад. Умматро аз ҷиҳати дохилӣ идора кардани давлат татбиқ намудани мабдаъ дар дохил аст. Инро сиёсати дохилӣ меноманд. Умматро аз ҷиҳати хориҷӣ идора кардани давлат алоқа бо дигар давлатҳо, халқҳо, умматҳо ва ҳамчунин паҳн намудани мабдаъ дар олам аст. Инро сиёсати хориҷӣ меноманд.
Донистани сиёсати хориҷӣ асоси муҳофизати вуҷуди давлату уммат ва пайдо намудани имкони паҳн кардани даъват ба олам мебошад. Ҳамчунин он барои дуруст ба роҳ мондани алоқаҳои уммат бо дигарон зарур аст.
Уммати Ислом маҷбурияти ба тамоми инсоният расонидани даъвати Исломро ба зимма гирифтааст. Пас мусулмонон вазифадоранд, ки муттасил бо олам алоқаманд буда, аз аҳволи он хабардор шаванд, муаммоҳоро дарк намоянд, рақобати давлатҳову халқҳоро бидонанд, корҳои сиёсиеро, ки дар олам рух медиҳад, пайгирӣ намоянд, дар хусуси услубҳои амалӣ гардонидани нақшаҳои сиёсати давлатҳо, муносибатҳои байни онҳо, инчунин дар хусуси музокираҳои сиёсӣ мулоҳиза биронанд. Ҳамин тавр, онҳо пас аз донистани мавқеи байналхалқӣ бояд моҳияти мавқеи Олами Исломро дарк кунанд, то ки барои барпо намудани давлат ва ба олам баровардани даъват ба муайян сохтани услуби кор муваффақ шаванд.
Аммо набояд фаромӯш кард, ки мавқеи байналхалқӣ ҳамеша як хел боқӣ намонда, вобаста ба вазъият доимо тағйир меёбад. Мавқеи ҳар як давлат аз ҷиҳати байналхалқӣ дар ҳолати якхелаи доимӣ қарор намегирад. Вобаста ба пурзӯрӣ ё заифӣ ва дорои қувваи таъсир будан ё набудан, вобаста ба алоқаи он бо дигар давлатҳо ва гуногунии ин алоқаҳо пайваста тағйир меёбад. Бинобар ин дар хусуси мавқеи байналхалқӣ батафсил таваққуф кардан ва доир ба мавқеи ягон давлат фикри муайян баён намудан номумкин аст. Танҳо метавон доир ба мавқеи байналхалқӣ дар як давраи муайян батафсил таваққуф кард.

Дар ин сурат низ эҳтимоли тағйирёбии он ба назар гирифта мешавад. Метавон дар хусуси мавқеи як давлати муайян дар шароитҳои муайян фикри аниқ баён кард. Аммо дар айни вақт қобилияти тағйирёбии он низ аз эътибор канор гузошта намешавад. Аз ин рӯ, шарт аст, ки сиёсатмадор бояд корҳои сиёсии дар олам рухдиҳандаро пайгирӣ намуда, онҳоро бо маълумотҳои собиқа пайваст кунад. Танҳо ҳамон вақт муваффақ мешавад, ки сиёсатро дуруст бифаҳмад, тағйир ёфтани мавқеи байналхалқиро сарфаҳм равад, мавқеи ҳар як давлатро бидонад,

ба ҳоли худ мондан ё намондани онро дарк кунад. Тағйир ёфтани мавқеи байналхалқӣ бо тағйир ёфтани мавқеи баъзе давлатҳо рух медиҳад. Агар давлати муайяне бо туфайли пурзӯрӣ ё заифӣ, бо туфайли мустаҳкамӣ ё сустии муносибат бо дигарон мавқеи худро тағйир диҳад, дар мизони байналхалқӣ дигаргунӣ ба вуҷуд меояд. Чунки дар мизони қувваҳои мавҷудаи дунё дигаргунӣ рух дода истодааст. Пас донистани мавқеи давлате, ки ба мавқеи байналхалқӣ таъсир расонида метавонад, асоси донистани мавқеи байналхалқӣ мебошад. Бинобар ин лозим аст, ки эътибори асосиро бояд ба дастрас намудани маълумотҳо дар хусуси ҳар як давлат равона кунем. Зеро ин амал бузургтарин оташдони хиради сиёсист. Мавқеи ҳар як давлат на ба

мақоми он дар майдони байналхалқӣ, балки ба корҳои бо сиёсати дохиливу хориҷии он алоқаманд вобаста мебошад. Аз ин бармеояд, ки асоси сиёсат, яъне мафкураи давлатҳои мавҷудаи дунёро омӯхтан зарур аст. Уммати Ислом ҳам бояд муносибати худро бо онҳо муайян намояд. Ҳамчунин лозим аст, ки услуб ва тактикаҳои онҳоро донист, бо пайгирии доимӣ дараҷаи тағйирёбии онро муайян созад, бо фаҳмидани омилҳо ё сабабҳои ба тағйирёбӣ маҷбуркунанда алоқаманд шавад. Дар айни вақт донистани омилҳое, ки ба ин давлатҳо таъсир мерасонад ё онҳоро ба тағйир додани услубҳову тактикаҳояшон маҷбур мекунад, шартаст.

# *СИЁСАТ МАФКУРА ВА ТАРИҚАТ АСТ*

Асоси сиёсате, ки муносибати давлатро бо давлатҳо ва умматҳои дигар ташкил медиҳад, бар мафкура бунёд мегардад. Фикрҳо дар давлатҳои бемабдаъ гуногун буда, зуд-зуд тағйир меёбанд. Дар хусуси онҳо танҳо аз ҷиҳати тактика ва услубҳои сиёсӣ омӯхтан ва сухан гуфтан мумкин аст. Аммо аз ҷиҳати мафкураи сиёсӣ наметавон омӯхт. Мафкураи давлатҳои мабдаӣ устувор аст. Яъне ҳарчанд услубҳо гуногун бошанд ҳам, онҳо мабдаи худро тавассути тариқати устувор ба олам паҳн мекунанд. Онҳоро аз ҷиҳати мафкураи сиёсӣ ҳам метавон омӯхт.

Аз ин маълум мешавад, ки ба устувор ё ноустувории мафкураи давлатҳои мавҷудаи дунё, ки асоси муносибатҳои онҳоро бо халқҳо ва миллатҳои дигар ташкил мекунад, аз рӯи нақша ва услубҳое, ки дар асоси мафкура ва тариқат тартиб медиҳанд, баҳо гузоштан лозим аст. Ба тағйирёбанда будан ё набудани тариқати иҷрои мафкура низ ҳамин гуна баҳо гузошта мешавад. Аммо ногуфта намонад, ки давлатҳои имрӯзаи дунё танҳо бо услуб кифоя карда, зимоми худро раҳо додаанд. Аз татбиқ намудани услубҳои ба тариқат зид ҳам худдорӣ накарда, бар асоси қоидаи «ғоя воситаро сафед мекунад» амал мекунанд. Бинобар ин тамоми давлатҳо аз рӯи эҳтиёҷ нақшаҳои сиёсии тағйирёбанда тартиб дода, вобаста ба вазъият услубҳои ҳамеша тағйирёбандаро ба кор мебаранд

Давлатҳо дар фаъолияти сиёсии худ манфиати халқҳояшонро ҳимоя мекунанд. Муносибатҳоро бо дигарон дар асоси ҳамин манфиатҳо ба роҳ мемонанд. Манфиатҳо аз ҳам фарқи калон доранд. Дар давлатҳои бемабдаъ омили ба муносибати байналхалқии он таъсиррасонанда танҳо аз манфиат иборат аст. Дар давлатҳои мабдаӣ ҳамин омил танҳо худи мабдаъ мебошад. Манфиат ҳамагӣ омили ёрирасон аст. Бинобар ин ба давлат аз рӯи фикрҳо, мабдаӣ ё ғайримабдаӣ будани он баҳо додан лозим аст. Фақат ҳамон вақт омилҳои ба муносибатҳои байналхалқии он таъсиррасонанда равшан мегардад. Модом ки мабдаъ ба давлат,

муносибатҳои байналхалқии он, мақоме, ки дар майдони байналхалқӣ ишғол кардааст, омили таъсиррасонанда бошад, пас бо мабдаъҳое, ки имрӯз оламро идора мекунанд, шинос шудан лозим аст. Ҳамчунин қувваи таъсири ҳар яки онҳоро дар сиёсати гузашта, ҳозира ва ояндаи байналхалқӣ муайян намудан зарур мебошад.

Вақте ки ба олами имрӯза менигарем, мебинем, ки онро се мабдаъ идора мекунад. Ин мабдаъҳо Ислом, коммунизм ва капитализм мебошад. Ҳар як мабдаъ дорои садҳо миллион пайраванд. Дар айни замон мабдаи Ислом давлат надорад. Барои ҳамин он дар муносибатҳои байналхалқӣ ва дар майдони байналхалқӣ, ки оламро идора мекунад, ба мушоҳида намерасад. Давлатҳои дунё диданд, ки Уммати Ислом ба бедорӣ шурӯъ намудааст, бинобар ин кӯшиш карда истодаанд, ки аз нав ба ҳаёт баргаштани Давлати Исломро пешгирӣ намоянд. Вале ин ҳолат ба майдони байналхалқӣ алоқа надорад, инчунин ба муносибатҳои байналхалқӣ ҳам таъсир намерасонад. Зеро ин кор давлатеро талаб мекунад, ки Исломро ҳамчун мабдаъ ба олам тақдим карда, сиёсати дохиливу хориҷии худро бар асоси он бунёд менамояд.

Сиёсати байналхалқӣ, хусусан сиёсати Амрико зӯр мезанад, ки бо воситаи лоиҳаҳое, монанди «Лоиҳаи Шарқи Авсати Калон», минтақаи Исломро аз нав ташаккул диҳад. Мақсад аз ин лоиҳаҳо ба даст даровардани ҳукмронӣ аз болои минтақа мебошад. Аммо ин чиз ифодаи қувваи таъсири Ислом дар сиёсати байналхалқӣ нест, чунон ки дар давраҳои мавҷудияти давлати худ дорои чунин қувва буд. Балки фақат ифодаи он аст, ки ин давлатҳо аз наздик гаштани бунёди Давлати Ислом ба даҳшат меафтанд.

Аммо ду мабдаи дигар дорои давлат, дурусттараш, давлатҳои худ мебошанд. Бинобар ин онҳо дар алоқаҳои байналхалқӣ, дар майдони байналхалқӣ ва дар сиёсати байналхалқӣ дорои қувваи таъсир ҳастанд. Хусусан дар даврони мавҷудияти Иттиҳоди шӯравӣ ин чиз ошкоро ба чашм мерасид. Бо туфайли онҳо дунё ба ду лагер: лагери шарқӣ ва лагери ғарбӣ ҷудо шуда буд. Баробари барҳам хӯрдани лагери шарқӣ «Созишномаи Варшава» бекор карда шуд ва сиёсати дуқутбагии дунё ба поён расид. Коммунизм ғайр аз Хитой ва Кореяи Шимолӣ дигар дар ягон давлат лоақал бо ном ҳам татбиқ карда нашуд. Бо ҳамин набарди байналхалқӣ анҷом ёфта, ҷои худро ба набарди минтақавӣ дод. Чунки бо барҳамхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ мафкураи он қувваи таъсири худро дар сиёсати байналхалқӣ гум кард. Мафкурае, ки дар аввал сиёсати хориҷии онро ташкил медод, яъне ба олам паҳн кардани коммунизм, акнун ҳатто татбиқ ҳам намешавад. Ҳоло сиёсати хориҷии давлатҳое, ки ба мабдаи коммунизм чанг задаанд, бар асоси ин мафкура бунёд нагаштааст. Масалан, сиёсати Хитой бар асоси паҳн намудани мафкураи коммунизм дар олам бунёд нашудааст. Агар ба воқеи мардуми Хитой назар афганем, гувоҳи он мешавем, ки умуман дар тӯли таърих бо густариши нуфузи худ дар Осиёи ҳамсоя кифоя карда, барои густариши нуфуз дар тамоми олам талош наварзидааст. Аз боиси ин

гуна ҳолати мардум давлати Хитой ҳеҷ гоҳ худро барои мавқеи ба сиёсати байналхалқӣ таъсиррасонанда омода накардааст. Тамоми ҳаракатҳои вай ҳамоно ба маҳдуд шудан бо нуфузи минтақавӣ равона шудааст.

Мафкурае, ки асоси сиёсати лагери капиталистиро ташкил медиҳад, ба олам паҳн намудани мабдаи капиталистӣ мебошад. Асоси ин мабдаъ ҷудо кардани дин аз ҳаёт аст. Новобаста ба гуногунии давлатҳое, ки мабдаи капиталистиро пазируфтаанд, мақсади ҳамаи онҳо ба олам паҳн намудани мафкураи капиталистӣ ва бо нуқтаи назари худашон идора кардани дунё мебошад.

Тариқати татбиқи мафкура дар лагери капиталистӣ мустамликадорӣ, яъне зӯроварии сиёсӣ, ҳарбӣ, сақофӣ ва иқтисодӣ аз болои халқҳои мағлуб аст. Ҳарчанд ҳукумат ва қонунҳои он дигаргун шаванд ҳам, тариқат, яъне мустамликадорӣ барқарор ва тағйирнаёбанда мебошад. Ленин мустамликадориро «марҳилаи олии капитализм» гуфта буд, аммо ин нодуруст аст. Чунки мустамликадорӣ қисми таркибии нуқтаи назари капитализм ва тариқати паҳн намудани он дар байни дигар халқҳову умматҳо мебошад. Бинобар ин сиёсати хориҷии лагери капиталистӣ ҳам аз ҷиҳати мафкура ва ҳам аз ҷиҳати тариқат барқарор ва тағйирнаёбанда аст. Фарқият ва рақобати байни давлатҳо онро тағйир дода наметавонад. Хоҳ Британия бошаду хоҳ Амрико, хоҳ Фаронсаву хоҳ Италия асоси сиёсати ҳамаи онҳо ба олам паҳн намудани мабдаъ ва нуқтаи назари худ тавассути мустамлика кардани халқҳову умматҳо мебошад.

Вақте ки дар хусуси тариқати лагери ғарбӣ фикр меронем, набояд як чизро беэътибор гузорем. Яъне ин тариқат, гарчи аз ҷиҳати мустамликадорӣ тағйирнаёбанда бошад ҳам, дар услубҳои амалигардонии он аз рӯи ба ҳам пайвастани мустамликадорӣ ва капитализм ҳамчун тариқат ва мабдаъ, аз рӯи нигоҳҳои гуногун ба мустамликадорӣ баъзе тағйиротҳо воқеъ шуд. Аввалан, дар бораи тағйирёбии услубҳо таваққуф мекунем. Тариқате, ки «мустамликадории кӯҳан» ном гирифтааст, бар зӯроварии ҳарбӣ асос меёфт. Аммо тариқате, ки «мустамликадории нав» ном гирифтааст, ба дигар корҳо такя кард. Масалан, Амрико ба ҷиҳати иқтисодӣ такя кард: қарздиҳӣ, амалиётҳо дар зери номи барномаҳои тараққиёт, мубодилаи мутахассисон ва ҳоказо. Дар айни вақт аз лоиҳаҳои ривоҷдиҳии фишору тазйиқҳои сиёсӣ низ куллан даст накашид. Баъдтар дар баробари ин услубҳо услуби зӯроварии ҳарбиро низ ҳамроҳ кард ва кӯшиш намуд, ки бо қувва нуфузи худро бар дигар халқҳову миллатҳо густариш диҳад. Барои ҳимояи нуфузи худ дар кишварҳое, ки мустамлика кардааст, ба сохтмони базаҳои ҳарбӣ шурӯъ намуд. Аммо Англия ба омода сохтани гумоштаҳо, шахсони зархариди разведкаи англис, ҳокимони гумошта ва созишномаҳои шубҳаноки тиҷоратии худ такя кард. Бо сабаби заиф шудани вазъи молиявияш ба қарзҳо такя кардани он суст гашт. Гарчи дар мустамликаҳои монанди Кипр ё атрофи онҳо ба сохтани базаҳои ҳарбии ҳимоятгар зеб дода истода бошад ҳам, бо туфайли заиф гаштани

нуфузи байналхалқиаш сохтмони базаҳои ҳарбии он низ заиф гашт. Аз ин метавонем ба хулоса биёем, ки тағйир ёфтани услубҳо як нишонаи мустамликадорӣ аст.

Акнун дар хусуси пайдо шудани нигоҳҳои гуногун дар бораи мустамликадорӣ таваққуф менамоем, зеро мустамликадорӣ тариқат ва капитализм мафкура аст, бинобар ин, ҳар ду бо ҳам алоқаманданд. Нигоҳҳо вобаста ба мустаҳкамӣ ва номустаҳкамии ҳамин алоқамандӣ гуногун мебошад. Алоқамандӣ мустаҳкам бошад, эътибори асосӣ ба паҳн кардани капитализм нигаронида шуда, мустамликадорӣ фақат ҳамчун тариқат ба он хизмат мекунад. Алоқамандӣ номустаҳкам бошад, эътибори асосӣ ба мустамликадорӣ нигаронида шуда, паҳн кардани капитализм ба кори дуюминдараҷа табдил меёбад. Яъне худи мустамликадорӣ ба ғоя табдил меёбад. Мустаҳкамию номустаҳкамии алоқамандӣ ба ҳазорат доштан ё надоштани давлате вобаста аст, ки мустамлика кардани он ба назар гирифта шудааст. Агар ҳазорат дошта бошад, барои осоншавии зӯроварӣ ва истисмор кардани боигариҳояш ба он даровардани ҳазорати фасоди капиталистӣ лозим мегардад. Мабодо ҳазорат надошта бошад, ба ин кор ҳоҷат нест, яъне мустамликадориро бе ин ҳам амалӣ кардан мумкин мегардад. Ин ҳолат ҳангоми муборизаи давлатҳои Ғарб барои мустамлика кардани Африқо ошкоро ба назар расид. Дар он ҷо паҳн кардани мафкураи капитализм ба хаёли касе ҳам наомад. Чунки ҷанги дохилии Уганда ва Руанда солҳо идома ёфт, садҳо нафар қурбон шуданд. Ҳамчунин дар ҳодисаҳои Заир (Конгои демократӣ) ғайр аз талош барои нуфуз ва чашмгуруснагии Аврупову Амрико чизи дигарро намебинем. Британия, ҳампаймонони вай дар Аврупо ва ҳамчунин Амрико ғайр аз манфиатҳои моддӣ дар Африқо ягон чизи дигарро ба инобат нагирифтанд. Ҳамин тавр, мустамликадории он ҷо аз тариқат ҳам бештар ба ғоя монанд шуд. Олами Ислом: Шарқи Миёна, Африқои Шимолӣ, Осиёи Марказӣ ва ҳодисаҳои ҷанубу шарқии он акси инро нишон медиҳад. Давлатҳои мустамликадор таҳти роҳбарии Амрико барои аз ин кишварҳо ниқори сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодӣ гирифтан, ҳамчунин барои истисмори боигариҳои моддии онҳо аз бисёр ҷиҳат ба паҳн намудани капитализм ҳаракат карданд. Анҷуманҳои «Озодии зан», «Дастгирии занон», лоиҳаи Амрико барои Шарқи Миёна, ба роҳ мондани назорати сақофӣ дар зери номи «азнавбарқароркунии сақофатҳо», «гуфтугӯи динҳо», «гуфтугӯи тамаддунҳо», дигаргунсозии барномаи таълим бо мақсади кандани риштае, ки мусулмононро бо ҳазорат ва сақофати исломӣ мепайвандад, аз ҷумлаи ҳамин мебошад. Ҳамин тавр, бо гузашти вақт тариқати капитализм торафт ривоҷ ёфт. Лекин аздусар мустамликадорӣ, хоҳ тариқат бошад, хоҳ ба ғоя табдил ёбад, рукни асосии капитализм мебошад.

Нақшаҳои сиёсӣ ва услубҳое, ки онҳоро амалӣ мегардонанд, бо тақозои манфиат ҳамеша тағйир меёбанд. Нақшаҳо нисбат ба услубҳо камтар тағйир меёбанд. Шахсе, ки сиёсати байналхалқиро пайгирӣ менамояд, нақша ва услубро аз якдигар фарқ мекунад. Нақша сиёсати умумӣ буда, барои паҳн намудани мабдаъ ё амалӣ гардонидани ягон ғоя, ки тариқат тақозо мекунад, тартиб дода мешавад. Аммо услуб сиёсати махсус вобаста ба ягон масъалаи хос аст, ки ба амалигардонии нақша ё мустаҳкам намудани он кӯмак мерасонад. Масалан, нақшаи Амрико новобаста ба мавҷуд будан ё набудани қарори байналхалқӣ истило кардани Ироқ, сипас ба воситаи СММ барпо намудани ҳукумате буд, ки ба ин истилогарӣ шакли қонунияти байналхалқӣ мебахшад. Тавассути интихоботи Ироқ то андозае қонунияти маҳаллиро низ ба назар гирифт. Мебинед, ки ин ҳукумат ҳамчун вакили халқи Ироқ ба ҳуҷҷате, ки ба ҳузури қувваҳои истилогар розигӣ медиҳад, имзо гузошта истодааст. Ҳамин тавр, гӯё бо ризоият ва талаби аҳолии мамлакат, ҳамчунин бо қарори байналхалқӣ истилогарӣ қонунӣ гардонда шуд. Дар натиҷа ҳам давлатҳои дигар ва ҳам Шӯрои амният аз дахолат намудан ба корҳои Ироқ барканор гаштанд. Ба таври дигар гӯем, Ироқ пурра ба дасти Амрико гузашт. Вақте ки ҳукумати қонунии Ироқ идомаи ҳузури қувваҳои истилогарро талаб мекунад, шакли қонунӣ гирифтани истилогарӣ як ҳолати табиӣ мешавад. Акнун дар зери назорати истилогар конститутсияи нави Ироқ тартиб дода мешавад. Бо баҳонаи федерализм давлатро пора-пора мекунанд, ба фирқагароӣ асос мегузоранд, оташи тоифагароиро аланга медиҳанд, мусулмонон бо якдигар овора шуда, ба рондани ишғолгарон аз кишвар рағбат намекунанд. Бинобар ин Амрико барои амалӣ гардонидани нақшаи истилои Ироқ тамоми восита ва имкониятҳоеро, ки дар ихтиёр дошт, ба кор бурд. Баъдан ба ин истилогарӣ шакли қонунияти байналхалқӣ ва маҳаллӣ дод.

Нақшаи Фаронса дар муқобили нақшаи мазкур тақозо мекард, ки аз давлатҳои калон бар зидди нақшаи Амрико як меҳвар ташкил дода шавад. Ба он мебоист Фаронса роҳбарӣ мекард. Ин нақша нагузошт, ки

Шӯрои амният нақшаҳои амрикоиро оид ба истилои Ироқ пинҳон дорад. Дар натиҷа Амрико аз бозӣ кардан бо қартаи Шӯрои амният билкулл маҳрум шуд. Дар миқёси байналхалқӣ ҳамчун давлати қонуншикан маъруф гашт. Оре, Амрикое, ки як вақтҳо ҳамчун ҳомии қонуни байналхалқӣ намоён шуда буд, инак чеҳраи давлати қонуншикан ва зӯроварро ба худ касб намуд. Фаронса то он дараҷа Олмонро ба шӯр овард, ки ҳатто Амрико ба таҳлука афтод. Русия ҳам Фаронсаро ҷонибдорӣ намуда, ба сӯиистифода кардани Амрико аз Шӯрои амният зид баромад. Ҳамин тавр, нақшаи Фаронса ба муваффақият ноил шуд. Амрико бо ин аз истилогарии худ даст накашид. Фақат натиҷа ҳамин шуд, ки расвогии ғаразҳои амрикоӣ аз ин истилогарӣ фош гардид.

Нақшаи Британия хеле печидаву ифлос аст. Гарчанд зоҳиран барои дар ғанимат шарик шудан Амрикоро дастгирӣ карда, ҳангоми пирӯзии Амрико ба тарафи вай гузарад ҳам, вале баробари пайдо шудани имконият ба пушташ корд мезанад. Ӯ ҳангоми вазнин шудани паллаи Амрико дар майдони байналхалқӣ ба ҳамон тараф гузашт. Аммо аз дигар ҷиҳат дар назди Шӯрои амният талаб гузошт, ки дар хусуси ҳамла бар зидди Ироқ қарор қабул намояд, Амрикоро маҷбур кард, ки ба Шӯрои амният муроҷиат намояд. Ҳол он ки ғайримкон будани қабули чунин қарор пеш аз ин ба вай маълум буд, зеро мавқеи Фаронса, Русия ва Олмонро хуб медонист. Ҳамин тавр, шармандагии Амрико баромад. Новобаста ба мавҷуд будан ё набудани қарор ба Ироқ ҳамла овардани ӯ фош шуд. Инро Британия 20 сентябри соли 2003 дар вохӯрии олидараҷаи миёни Блэр, Ширак ва Шрёдер таъкид карда буд. Маккории сиёсии Британия мавқеи ин ду давлатро бар зидди мавқеи Амрико ба шӯр меорад, дастгирӣ менамояд, аммо худаш дахолат намекунад ва дар назди Амрико сап-сафед боқӣ мемонад. Ҳам пас аз истилошавии Ироқ ва ҳам пас аз он ки Амрико барои қонунӣ гардонидани истилогариҳояш ба СММ лоиҳаҳо тақдим намуд, Британия ҳамин сиёсати худро идома дод.

Боз як мисоли дигар. Амрико, барои он ки Иттиҳоди Аврупо барои вай ба як қувваи хатарнок табдил наёбад, нақшаи худро бар асоси се меҳвари зерин матраҳ сохт:

1. Васеъ кардани ҳудуди Иттиҳоди Аврупо бо ҳамроҳгардонии давлатҳои Аврупои Шарқӣ ба иттиҳод. Ин давлатҳо дар таъсир расонидани Амрико ба иттиҳод хизмат мекунанд. Чунки онҳоро Амрико худаш сохтааст. Ин чиз дар дастгирӣ кардани таҷовузи Амрико ба хоки Ироқ намоён шуд. Кор то дараҷае расид, ки Рамсфелд ба Аврупо номи кӯҳнаву нав гузошта, ба он хандид. Президенти Фаронса Ширак аз кирдори ин давлатҳо сахт ба ғазаб омад. Ҳатто хост, ки бо сабаби ҳамроҳи Амрико дар як саф истоданашон бастани роҳи қабули онҳоро ба иттиҳод ба миён гузорад. Лекин аздусар ба аъзои нав қабул кардани Иттиҳоди Аврупо эътироз нишон надод.

2. Новобаста ба ин ки «Созишномаи Варшава» бекор карда шуд,

ҳамоно НАТО нигоҳ дошта мешавад. Илова бар ин, чунон ки дар ибтидо буд, ба ивази мудофиаи Аврупо барои ба муаммоҳои амниятии он дахолат намудан стратегияи иттиҳодро васеъ гардонд. Вақте ки Аврупо хатари ин иттиҳодро бо сарварии Амрико нисбат ба худаш эҳсос кард, Фаронса, Олмон, Белгия ва Люксембург барои ташкил намудани қувваҳои махсуси аврупоӣ ба мувофиқа омаданд. Иёлоти муттаҳида ба ин эътироз нишон дод. То ин қувва ба вуҷуд наояд, сар задани муаммоҳои навбанав бар зидди Аврупо идома меёбад.
3. Аз мавқеи Британия истифода кардани Амрико. Британия тибқи маккории одатӣ намехоҳад, ки Иттиҳоди Аврупоро ба қувваи ягона табдил диҳаду худаш дар таркиби он нопадид гардад ва монанди Люксембург як давлати гӯшанишин шавад. Ӯ ҳанӯз бо бузургии империяи худ мефахрад. Бинобар ин мебинем, ки ба ташкил намудани иттиҳод мамониат мекунад, танҳо вақте ки кӯлоҳ танг мешаваду дигар илоҷ намемонад, ба он медарояд. Он ҳатто то ҳозир ба воҳиди пулии Аврупо – евро ҳамроҳ нашудааст. Мафҳуми империя ӯро маҷбур месозад, ки ба ҳар тариқ дар майдони байналхалқӣ нақш бибозад. Бар хилофи ин, нақшаи Фаронса тақвият додани Иттиҳоди Аврупо ва онро ба паноҳгоҳе табдил додан аст, ки аз паноҳгоҳи америкоӣ бениёз гардонад, инчунин ташкил намудани қувваҳои мустақили Аврупо аст, ки ба Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) тобеъ набошад. Дар ин кор тавонист, ки Олмонро низ ба худ ҳамроҳ кунад. Иттиҳоди Фаронса бо Олмон ончунон иқдоми оқилона буд, ки ҳатто Британия ноилоҷ ба онҳо шарик шуд, то аз ғанимат бенасиб намонад. Ҳамин тавр, баъдтар Фаронса, Британия ва Олмон новобаста ба фишорҳои сахти Амрико ба таъсис додани қувваҳои мазкур муваффақ шуданд. Ҳамчунин нақшаи ин се давлат муваффақ шуд, ки барои Иттиҳоди Аврупо сиёсатҳои дурандешона таҳия созанд. Ҳам дахолати давлатҳои хурди иттиҳод ва ҳам давлатҳои монанди Италия ва Испания, ки мехоҳанд дорои қувваи таъсир бошанд, барканор монд.
Ҳамин тавр, Фаронса, гарчи дар ибтидо барои тақвият додани Иттиҳоди Аврупо худаш танҳо ҳаракат карда бошад ҳам, якҷоя бо Олмон ва Британия тавонистанд, ки ба сӯи сохтани ядрои ҳарбии мустақили Аврупо роҳ ёбанд. Агар ин давлатҳо бо туфайли қабули капитализм ҳар кадоме ба дунболи манфиатҳои худ намедавиданд, метавонистанд Иттиҳоди пурзӯри Аврупоро ба вуҷуд биёранд, ки бар зидди Иёлоти муттаҳида истодагарӣ карда метавонад. Новобаста ба ин, дастгирӣ ёфтани нақшаи Фаронса аз тарафи давлатҳои пурқувват, монанди Олмон ва Британия кори пуртаъсире ба ҳисоб меравад, ки Амрико наметавонад онро ба инобат нагирад.
Масалан, агар ба нақшаи Амрико дар хусуси Русия таваққуф кунем, дар асоси он бояд Русия ба давлати хурдҳаҷм ва ҳатто аз нуфузи минтақавӣ маҳрум табдил ёбад. Ин нақша мебоист Русияро аз нуфузи худ дар Балкан, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ маҳрум намояд, қувваи таъсири арсеналҳои ядровиашро, ки омили муҳими қудрати

Русия ба шумор меравад, барҳам занад, ҳамчунин дар «ҷанги кайҳонӣ» ғалабаи Амрикоро бар Русия таъмин намояд. Барои ин нақша якчанд услубҳоро ба кор бурд: аз муаммои Косово истифода намуда, артиши Югославияро (Сербия ва Черногорияро, ки бо русҳо ҳамнажод ҳастанд) бомбаборон кард; бо давлатҳои Аврупои Шарқӣ алоқаҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба роҳ монд; аксари онҳоро ба Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ ҳамроҳ кард; аз мубориза бар зидди терроризм истифода намуда, дар давлатҳои Осиёи Марказӣ базаҳои ҳарбӣ бунёд кард; барои ин кор тавассути кӯмакҳои иқтисодӣ баъзе ҳокимони он ҷоро тавонист, ки мутеи худ гардонад; Афғонистонро ишғол кард; ба ривоҷ додани системаи зиддимушакӣ такя намуда, хост, ки қувваи таъсири мушакҳои баллистикии дорои кӯлоҳаки ядровии Русияро аз байн барад; дар Гурҷистон аз қашшоқӣ истифода карда, гумоштагони худро ба сари ҳокимият овард. Бо ин нақша Туркияро, ки байни Русия ва аъзои НАТО-ро ҷудо мекард, ба чанголи худ даровард. Русияро розӣ кунонд, ки аз стансияи кайҳонии худ бо номи «Мир» даст кашида, бо «Стансияи кайҳонии байналхалқӣ» (СКБ) ҳамкорӣ кунад. Ҳамин тавр, бартарияти худро дар забт намудани кайҳон нишон дод. Хуллас, Амрико, баъд аз он ки Иттиҳоди шӯравиро сарнагун сохта, нуфузи байналхалқии Русияро аз байн бурд, барои аз нуфузи минтақавӣ ҳам маҳрум намудани он кашидани нақшаҳои гуногунро идома дод.

Бо Хитой ҳам аҳвол ҳамин тавр аст. Амрико лозим медонад, ки онро мутеъ гардонда, ба як давлати оддӣ табдил диҳад. Махсусан Хитой барои давлати калон шудан асос надорад, ки ин ба манфиати Амрико мебошад. Аммо он дар миёнаҳои солҳои 90-ум якбора қувва касб кард, дар минтақаи худ ба давлати калон табдил ёфт. Дар Шӯрои амният ҳуқуқи вето (бекор кардани қарор)-ро ба даст даровард. Дар минтақаи худ тамаъ ва талошҳо дорад. Аммо Иёлоти муттаҳида ба ин розӣ намешавад. Зеро Хитой дар назари Амрико бозори калони тиҷорат аст, ки бояд аз он истифода кунад, гиганти демографист, ки бояд аз нав тарбия карда шавад, то ба манфиатҳои Амрико дар минтақаи Осиёи Шарқӣ таҳдид андохта натавонад. Бинобар ин Амрико нақша тартиб дод, то ки гарчи ҳаётӣ будани Хитойро пурра барҳам дода натавонад ҳам, ақаллан онро дар як майдони танг муҳосира кунад. Ҳамин тавр, барои ба эътидол овардани муносибатҳояш бо Ветнам эътибори алоҳида дода истодааст, то ки Ветнамро дар муқобили Хитой ба як монеа табдил диҳад. Мабодо муносибатҳои Ветнам бо Амрико беҳтар гардад, Ветнам ба ҳамин гуна монеа табдил меёбад. Амрико ҳамчунин кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нимҷазираи Кореяро ба маркази хатари аввал ва ба Хитой таҳдидкунанда табдил диҳад. Бо ин мақсад Кореяи Шимолиро «отаշдони бадӣ» номида, фишорҳояшро ба он боз ҳам афзуд. Дар айни вақт кӯшиш карда истодааст, ки базаҳои ҳарбии худро дар нуқтаҳои наздисарҳадии Хитой нигоҳ дорад. Ҳаракат карда истодааст, то Ҳиндустонро ба давлате табдил диҳад, ки бо Хитой муқовимат карда тавонад. Инчунин ҳаракат карда истодааст, ки дар Осиёи Марказӣ ва

Шарқи Авсат ҳампаймонони стратегӣ ва иттиҳодҳои ҳарбии минтақавиро пайдо намояд. Дар маркази Осиё бар зидди сарҳадҳои ғарбии Хитой дар он сӯи Ҳимолой базаҳои ҳарбӣ сохт. Ҳамин тавр, нақшаҳо ва услубҳои сиёсӣ барои бевосита амалӣ гардонидан тартиб дода мешаванд. Аммо агар амалӣ гаштани мақсади нақшаҳо ғайриимкон бошад, тағйир додани онҳо аз эҳтимол дур нест. Ҳамчунин аз кадом нақша фоида набошад ё душвориҳое пайдо кунад, ки ба манфиатҳои давлат зид оянд, он тағйир дода мешавад, дурусттараш, ба нақшаи дигар иваз карда мешавад. Вақте ки як услуб тағйир дода мешавад, ба ҷои он услуби дигарро ба роҳ мемонанд. Аз тартиб додани нақша ва услубҳо танҳо давлатҳое, монанди сопон, Италия, Голландия, Белгия, Испания ва Португалия, ки дер боз фаъолияти сиёсӣ ва мақоми байналхалқии худро аз даст дода заиф шудаанд, худдорӣ мекунанд.

Ба тағйир ёфтани нақшаҳо нақшаи Амрикоро барои Олмон мисол овардан мумкин аст. Аввал ҳарбикунонии Олмонро қасд карда, лоиҳаи барпо намудани Олмони Ғарбиро омода сохт, баъдтар онро заиф гардонда, нақшаи бо Олмони Шарқӣ муттаҳид намудан ва маҳдудияти силоҳнокшавии онро тартиб дод. Аммо соли 1990 ба хулосае омад, ки Олмонро ба давлати қудратманди бо Фаронса ва Британия рақобаткунандаи Аврупо, инчунин барои роҳбарии Иттиҳоди Аврупо бо ин ду давлат рақобаткунанда табдил диҳад. Бо ин мақсад хост ҳар ду Олмонро як кунад. Дар ин сурат Амрико метавонист имконияти муттаҳидшавии Аврупоро ҳамчун як қувва хеле заиф гардонад. Нақшаи Амрико барои Хитой низ ҳамин тавр шуд. Аввал мебоист онро дастгирӣ кунад, ба як қутби байналхалқӣ табдил диҳад, муносибатҳояшро хуб ба роҳ монда, онро яке аз марказҳои низоми байналхалқӣ гардонад, мавқеи байналхалқии ҳамонвақтаи Иттиҳоди шӯравиро паст намояд. Барои он ки дар миёни ду душмани ҳампаймони коммунист фосиларо боз ҳам калонтар кунад, алоқаҳои Хитой-сопонро барқарор кардан хост. Аммо баробари барҳам хӯрдани ҷанги сард тартиб додани нақшаи наврo сар кард, ки мувофиқи он бояд Хитойро лаҷом занад ва ба пушти девори бузургаш баргардонад, то ба манфиатҳои Амрико дар Осиёи Шарқӣ хавф эҷод накунад. Махсусан ҳангоми ба ин гуна имконият доро шудани Хитой ғайр аз ин илоҷи дигар надошт.

Корҳое, ки Амрико дар давлатҳои Олами Ислом даст зад, мисоли тағйирёбии услубҳост. Ибтидо барои ба сари ҳокимият овардани гумоштаҳояш инқилобҳои ҳарбӣ ташкил намуд, ҳамчунин ба қарз, лоиҳаҳои тараққиёт, мутахассисон, ташвиқот ва зӯроварӣ такя кард. Аммо ҳозир ба роҳи ҳарбӣ, ҳар гуна созишномаҳо ва базаҳои ҳарбӣ такя намуда, корҳоро ҳал мекунад. Бо ин амалаш мустамликадории ҳарбӣ ва империализми Ғарбро ба хотирҳо овард.

Британия ҳам услубҳои худро тағйир дод. Аз созишномаҳо ва базаҳои ҳарбӣ даст кашида, ба ҳокимони зархарид ва созишномаҳои иқтисодиву

мусаллаҳгардонӣ такя кард. Акнун по ба пои Амрико қадам мегузорад ва чунин менамояд, ки ба татбиқ кардани услуби кӯҳна, яъне сохтмони базаҳои ҳарбӣ баргаштан мехоҳад.
Ҳамин буд баёни нақшаҳо ва услубҳои сиёсӣ. Мусулмонон ҳаминро бояд аниқ бидонанд, ки лагери ғарбӣ ҳам мафкураи сиёсӣ ва ҳам тариқати худро тағйир намедиҳад. Лекин барои паҳн намудани мабдаи худ аз нақша ва услубҳои кӯҳна даст кашида, нақшаву услубҳои нав тартиб медиҳад. Агар услуб ва нақшаҳояш барҳам дода шавад, лоиҳаҳои ниҳонии он низ ба номуваффақиятӣ дучор мегардад. Бар ҳамин асос, вақте ки ба муборизаи зидди мафкура ва тариқати сиёсӣ рӯ меоранд, дар айни замон муборизаи сиёсиро ба сӯи нақша ва услубҳо равона намуда, онҳоро фош сохтан низ лозим аст. Ҳамин тавр, зарур аст, ки мусулмонон аз нақша ва услубҳои сиёсати ҳар як давлат бохабар шаванд.

# ВАЗЪИЯТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Фаҳмидани сиёсати байналхалқӣ аз фаҳмидани сиёсати ҳар як давлат фарқ мекунад. Чунон ки гуфта гузаштем, фаҳмидани сиёсати давлатҳои дорои қувваи таъсир ба фаҳмидани мафкура ва тариқате вобаста аст, ки асоси онро ташкил медиҳад. Аммо структураи алоқаҳое, ки таъсири байналхалқӣ мерасонанд, ба мафкура ва тариқат вобаста нест. Ба таври дигар гӯем, вазъияти байналхалқие, ки ҳолати давлати якум ва давлатҳои бо он рақобаткунандаро ташкил медиҳад, ба мафкура ва тариқат вобаста нест. Балки ба алоқаҳои байналхалқӣ ва мусобиқаи давлатҳо барои мақоми аввал ва қувваи таъсир вобаста мебошад. Бинобар ин вазъияти байналхалқиро фаҳмидан лозим аст. Ҳаминро бояд таъкид кард, ки вазъияти байналхалқӣ ҳамеша дар як ҳолат қарор намеистад. Вобаста ба вазъиятҳо, ҳолатҳо ва ҳодисаҳо тағйир меёбад. Бо вуҷуди ин, ифода кардани як шакли муайяни он, дар хусуси он батафсил сухан рондан мумкин аст. Лекин ин ифода ва сухан тавсифи ягон ҳодисаи муайян буда, баъд аз тағйир ёфтани вазъияти байналхалқӣ ба нодуруст табдил намеёбад. Балки тавсифи чизе мебошад, ки пеш буд, баъд аз байн рафт ва ба моли таърих табдил ёфт. Бинобар ин лозим аст, ки ба воқеи мавҷуда, яъне ба вазъияти нави байналхалқӣ тавсиф дода шавад. Пас вақте ки мо шакли вазъияти байналхалқиро ифода мекунем, дар бораи он батафсил сухан меронем, ин тавсифи воқеи гузашта, ҳозира ва ё оянда мебошад, ки эҳтимоли сар задан дорад. Лекин ба ҳар навъ он кори тағйирнаёбанда ҳисоб намешавад. Аз ин рӯ, сиёсатмадор бояд ҳам аз вазъияти байналхалқӣ ва ҳам аз сиёсати байналхалқӣ бохабар буда, онҳоро бо фикри худ муқоиса намояд. Ҳамон вақт корҳои рухдодаистода ба вай равшан мешавад ва бар онҳо ҳукм бароварда метавонад. Мусулмонон барои донистани вазъияти байналхалқӣ бояд мавқеи давлати якуми олам, мавқеи давлатҳои дигарро нисбат ба он ва нисбат ба сиёсати олам, давлатҳои тобеъро, давлатҳоеро, ки дар зери таъсири

ягон қувваи дигар қарор доранд ва давлатҳои мустақилро бидонанд. Давлати тобеъ дар сиёсати хориҷӣ ва баъзе масъалаҳои дохилӣ ба давлати дигар тобеъ мебошад. Масалан, монанди тобеияти Миср ба Амрико ва Қазоқистон ба Русия. Аммо сиёсати хориҷии давлатеро, ки дар зери таъсири ягон қувваи дигар қарор дорад, на тобеият, балки манфиат вобаста мекунад. Масалан, монанди вобастагии сопон ба Амрико, вобастагии Австралия ба Амрико ва Британия, вобастагии Канада ба Амрико, Британия ва Фаронса, вобастагии Туркияи ҳозира ба Британия ва Амрико. Давлати мутстақил сиёсати дохиливу хориҷии худро мувофиқи манфиат ба таври дилхоҳ идора мекунад. Масалан, монанди Хитой, Фаронса ва Русия.

Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки аз сиёсати байналхалқӣ ба шумор намераванд. Онҳо ҳодисаҳое мебошанд, ки дар натиҷаи аз давлатҳо хориҷ шудани мустамликадорон рух медиҳанд. Ин гуна ҳодисаҳо дар боби сиёсати байналхалқӣ омӯхта намешавад. Дар бораи онҳо сухани умумӣ ҳам гуфта намешавад. Ҳар кадоми онҳоро алоҳида меомӯзанд ва бар ҳар яки онҳо алоҳида ҳукм мебароранд. Масалан, вақте ки баъди инқилоби 14 июни соли 1958 созишномаҳо бекор карда шуданд ва англисҳо аз Ироқ баромада рафтанд, Ироқ монанди Фаронса ва Англия ба давлати мустақил табдил ёфт. Аммо ҳокими ҳамонвақтааш зархариди Амрико буд. Бинобар ин Ироқ, гарчанд дар миқёси байналхалқӣ мустақил намоён мешуд, лекин дар асл тобеи Амрико буд. Аммо баъд аз инқилоби 17 июни соли 1968 гумоштаҳои англис ба сари ҳокимият омаданд ва Ироқ тобеи Англия гашт.

Ҳамин тавр, роҳбари давлати мустақил гумоштаи ҳар давлате бошад, ба тобеи ҳамон давлат табдил меёбад.

Тамоми давлатҳои мустамликашуда ҳамин гуна ҳолатро аз сар гузаронидаанд. Бо тағйир ёфтани ҳокимон аз даст ба даст гузаштаанд. Онҳо аз ҷиҳати байналхалқӣ, гарчи зоҳиран мустақил намоянд ҳам, дар асл тобеъ ҳастанд. Лекин ин ҳолатҳо ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳолатҳои ҷудогонае мебошанд, ки дар натиҷаи озод намудани мустамликаҳо ва кӯшиши давлатҳои мустамликадор барои азнавмустамликакунӣ ё кӯшиши давлатҳои дигар барои ишғол намудани мустамликаи давлатҳои хориҷшаванда ба вуҷуд меоянд.

Мавқеи давлати якуми оламро дарк карда тавонистан хеле зарур аст. Чунки он ҳам барои фаҳмидани сиёсати олам ва ҳам барои фаҳмидани вазъияти байналхалқӣ аҳамияти бузург дорад. Давлате, ки дар ҳолати сулҳ дар миқёси байналхалқӣ сухани ҳалкунанда мегӯяд, давлате ба ҳисоб меравад, ки дар майдони байналхалқӣ мавқеи аввалро ишғол кардааст. Баъд аз он давлате меистад, ки дар мақоми дуввум аст, яъне давлате, ки ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонда метавонад.

Ба давлатҳои дигар танҳо давлате таъсир расонда метавонад, ки ба давлати якум таъсир расонда тавонад. Дараҷаи таъсиррасонӣ вобаста ба қувваи дохилӣ ва байналхалқии давлат гуногун мешавад. Масалан, давлат чӣ қадар қувва ва обрӯ дошта бошад, ба давлати якум ва дар ин

замина ба сиёсати байналхалқӣ ҳамон қадар таъсир расонда метавонад. Имрӯз (соли 2004) мисоли равшани давлате, ки кӯшиш мекунад ба давлати якум ва дар ин замина ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонад, Британия аст. Британия, вақте ки ба давлати якуми ҷаҳон – Амрико каме таъсир расонда метавонад, вақте ки ба мустамликаҳои пешинааш муттасил таъсир мерасонад, ба сиёсати ҷаҳон ҳам таъсир мерасонад. Ҳамчунин баъд аз ҷанги Амрико-Британия бар зидди Ироқ Фаронса, Русия ва Олмон муттаҳид шуда, шакли нави ба давлати якум ва дар ин замина ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонданро эҷод карданд. Давлатҳое, ки на ба давлати якум ва на ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонда метавонанд, давлатҳои тобеъ ва дар зери таъсири дигарон ҳастанд. Таъсири давлати тобеъ вобаста ба дараҷаи хидмати он дар назди хоҷааш мебошад. Таъсир расондани давлате, ки дар зери таъсири дигарон аст, ба андозаи кӯмаки давлате мебошад, ки дар зери таъсири он аст.

Давлатҳои мустақили монанди Швейцария, Шветсия, Испания, Голландия, Италия, ки на тобеъ ва на дар зери таъсири дигаронанд, агар бехатарии манфиатҳои давлати якумро таъмин кунанд ё барои вай хатар эҷод намоянд, ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонда метавонанд. Масалан, Италия ва Испания соли 2003 тавассути ёрӣ додан ба Амрико дар истилои Ироқ манфиати муҳими онро ҳимоя карданд.

Аз ин рӯ, давлате, ки мехоҳад ба сиёсати ҷаҳон таъсир расонад ва онро мувофиқи манфиати худаш идора намояд, зарур аст, ки яке аз ин ду роҳро пеш гирад: ё ин ки ба манфиатҳои ҳақиқии давлати якум дар вазъияти байналхалқӣ таҳдиди ҷиддӣ андозад, ё ба хотири манфиати худаш манфиатҳои ӯро низ таъмин кунад.

Роҳи таҳдиди ҷиддӣ роҳест, ки натиҷааш аниқ аст. Роҳи муносиб барои давлати ҳақиқие, ки мехоҳад таъсир ва шунавонидани садои худро дар майдони байналхалқӣ кафолат диҳад, ҳамин аст. Роҳи ҳимоя кардани манфиати каси дигар роҳи номаълум аст. Ба он боварӣ нест. Мумкин аст, ки ин роҳ ба мақсад расонад, мумкин аст, ки ба ҳалокат барад. Зеро он қиморест, ки беақлона дар болои тақдири як уммат ва як давлат бозида мешавад. Таъмини манфиатҳои давлати калон аз тарафи ҳар гуна давлат ба давлати калон, ки бо дигар давлатҳои камобрӯтар ва камқувваттар дар болои манфиатҳо савдо мекунад, монеа шуда наметавонад.

Масалан, гарчи Амрико соли 2003 ҳампаймонони доимии худ давлатҳои Аврупои Ғарбиро «Аврупои пир» тавсиф кард, аммо дар масъалаи Ироқ барои аз давлатҳои Аврупои Шарқӣ пур намудани ҷои онҳо ба ҷустуҷӯ даромад. Ҳамчунин бар зидди Британия, ки ба СММ муроҷиат намуда, бе дастрас кардани қонуни байналхалқӣ ишғол намудани Ироқро нодуруст мешуморид, ишора кард. Вазири мудофиаи Амрико Рамсфелд гуфт, ки «Амрико бе ёрии Британия ҳам ба Ироқ даромада метавонад».

Барои таҳдидандозӣ ва таъсиррасонии ҷиддӣ ба манфиатҳо бояд

иқтидори мудофиавӣ ва воситаҳои ҳукмронии пурраи дохилии давлат кофӣ бошад. Барои ин кор давлат бояд роҳи рушду тараққиётро пеш гирад. Ба таври дигар гӯем, бояд соҳиби мабдаъе бошад, ки онро ба тамоми гӯшаву канори олам паҳн кунад ва ин паҳнкунӣ бояд аз ҳамсоя оғоз ёбад, то худро аз дахолати давлатҳои дигар ба корҳои дохилӣ ҳимоя карда тавонад. Ҳамчунин бо ҳимоя кардани сарҳадҳо маҳдуд нашуда, барои паҳн намудани мабдаъ ва нуфузи худ дар майдони байналхалқӣ бо давлати якуми дунё рақобат карда тавонад. Кадом давлат бихоҳад, ки давлати якумро аз мақомаш фуруд орад, бояд муҳити сиёсиро ба фоидаи худ тағйир диҳад ва давлатҳои дигарро ба сиёсат ва мафкураи худ ҷалб намояд. Пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон Олмон ҳамин тавр карда буд. Зеро дар ин ҳол вазъияти байналхалқӣ ба ларза меояд ва мақоми аввал ба дасти нав мегузарад. Аксар вақт барои ин гуна кор ҷанги ҷаҳонӣ ё ҷанги маҳаллӣ, лоақал барои давлати якум хавфи аниқи ҷанг лозим аст, ки вай дар ин ҷанг ба қувваи ҳарбии давлати рақиб мӯҳтоҷ мешавад.

Ибораи «мақоми давлати якум» дар дунё навигарӣ нест. Он аз қадимулаём вуҷуд дорад. Масалан, дар таърихи дунёи қадим Миср давлати якум буд. Ассуриҳои Ироқ дар ин масъала бо вай рақобат кардаанд. Рими қадим давлати якум буд. Давлати Форс бо вай рақобат мекард. Давлати Ислом аз замони Хулафои Рошидин то ҳуҷуми салибиён давлати якум буд. Ҳеҷ кас бо вай рақобат карда натавонистааст. Фаронса давлати якум буд. Бо вай Англия рақобат мекард. Давлати Усмониҳо ҳамчун Давлати Ислом тақрибан се аср давлати якум буд, то миёнаҳои асри XVII ҳеҷ кас бо вай рақобат карда натавонистааст. Пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон Олмон давлати якум буд. Англия ва Фаронса бо вай рақобат кардаанд. Баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон Англия давлати якум буд. Фаронса бо он рақобат кардааст. Каме пештар аз ҷанги дуюми ҷаҳон Британия давлати якум буд ва Олмон бо вай ба рақобат пардохта, то саршавии ҷанг қариб ки ба мақоми давлати якум ноил шудааст.

Амрико ҳам дар ҷанг иштирок намуд ва баробари хотимаи ҷанг дар сиёсат ва майдони байналхалқӣ ба давлати якум табдил ёфт. Зеро тавонист, ки сиёсати байналхалқиро ба фоидаи худ тағйир диҳад. Вазъияти байналхалқиро доимо назорат кард. Корҳои сиёсӣ мувофиқи хости вай иҷро шуданд. Новобаста ба ин, Иттиҳоди шӯравии ҳамонвақта, Британия ва Фаронса кӯшиш намудаанд, ки бо вай ба рақобат пардозанд. То як андоза ба сиёсати дунё таъсир ҳам расонидаанд. Иттиҳоди шӯравӣ бештар, вале Британия камтар таъсир расонидааст.

Иттиҳоди шӯравӣ, бо сабаби он ки ҳамкору ҳампаймони Амрико шуд, комёбӣ ба даст даровард, аммо Англия қафо монд, мавқеи он рӯз то рӯз коста гардид ва ба аҳволи имрӯза расид. Агар ба тафсилоти масъала таваққуф намоем, пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон Англия аз зарбаи ҷанг тадриҷан ба худ омад. Баъд кӯшиш намуд, ки ба мавқеи Амрико зарба

занад. Барои ба Амрико таъсир расонидан амалиётҳои гуногуни сиёсӣ анҷом дод. Ба ҷанги Корея сохтакорона ҳамроҳ шуд. Ахбороти Амрикоро дар хусуси ҷанг ба Хитой расонд. Хитой иштирокчии асосии ҷанги Корея буд. Англия дар ҷанги Корея бо роҳҳои палиду махфиёна тавонист, ки ба мавқеи байналхалқии Амрико таъсир расонад ва онро халалдор созад. Дар анҷумани Женева оид ба масъалаи Ҳиндухитой дар ҷониби лагери шарқӣ истода, ба фоидаи он қарорҳо баровард. Илова бар ин, иттилоотеро оид ба разведка ва ахбороти ҳарбии Амрико ба Русия мерасонд. Дар бораи ҳавопаймои «U-2»-и Амрико ба Русия хабар дод. Дар натиҷа онро зада афтонданд. Дар анҷумани Париж сарвазири Британия барқасди Макмиллан Эйзенхауэр ба ҷониби Хрушёв гузашт. Кӯшиш намуд, ки Эйзенхауэрро ҳамчун президенти Иёлоти муттаҳида таҳқир кунад. Дар натиҷа анҷуман барбод рафт. Мавқеи Амрико заиф гашт. Ҳамин тавр, Англия барои зарба задан ба Амрико корҳои бисёр ба сомон расонид. Хост, ки ба мавқеи ишғолнамудаи вай таъсир расонад. Аммо Амрико ин ҳамаро ҳис мекард. Сипас Хрушёв дар Вена бо Кеннедӣ мулоқот орост. Аз ҳамон вақт Англия нисбат ба Амрико мавқеи ҳуҷумкориро ба мавқеи худмудофиавӣ иваз намуд. Чунки Русия (Иттиҳоди шӯравӣ) ҳамроҳи Амрико аллакай Англияро аз дунё берун меронданд.

Иттиҳоди шӯравӣ оташи ҷанги сардро бар зидди лагери ғарбӣ аланга медод. Кӯшиш менамуд, ки низоми ташаббусро аз дасти лагери ғарбӣ гирифта, ба мавқеи Амрико зарба занад ва соҳиби мақоми аввал гардад. Якчанд корҳояш бобарор анҷом ёфтанд. Масалан, дар ҳалли муаммоҳои байналхалқӣ тавонист, ки Амрикоро аз қалъаи устувораш, яъне СММ берун ронад. Акнун дигар муаммоҳоро дар анҷуманҳои аз СММ ҷудогона ҳал мекарданд. Барои заиф гардонидани мавқеи Амрико ва барои бештар сохтани фосилаи носозгориҳо Англияро ҳам барангехт. Фосилаи носозгории байни Фаронса ва Амрикоро васеъ кард, ба бисёр корҳои байналхалқӣ таъсир расонд. Ғайр аз ин, ҳам дар соҳаи кайҳон, ҳам дар соҳаи силоҳҳои ядровӣ ва ҳам дар соҳаи мушакҳои баллистикии байниқитъавӣ аз Амрико сабқат кард. Барои таҳдид андохтан ба вай дар Куба базаи ҳарбӣ сохт. Дар Конго, Миср, сазоир ва дигар ҷойҳо услубҳои амрикоиро шарманда кард. Аммо ин корҳо, гарчанд ба Амрико таъсир расонда бошанд ҳам, лекин онро аз мақомаш фуроварда натавонистанд. Онҳо ҳамагӣ дар баъзе масъалаҳои сиёсии байналхалқӣ бурдҳои ҷузъӣ буданд. Аммо Иттиҳоди шӯравӣ то мулоқоти Хрушёв бо Кеннедӣ дар соли 1961 аз ҳуҷум кардан ба Амрико бо услубҳои ҷанги сард умедашро наканд. Мулоқот моҳи июни ҳамон сол дар пойтахти Австрия шаҳри Вена баргузор гашт. Ҳар ду ҷониб ба мувофиқа омаданд, ки дунёро дар байни худ тақсим кунанд. Аз он вақт ҳам Британия ва ҳам Фаронса аз сиёсати дунё фурӯ афтоданд. Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико сиёсати дунёро ба танҳоӣ идора карданд. Британия хеле кӯшиш намуд, ки дар сиёсати дунё дорои фикри худ бошад, аммо аз ӯҳдаи ин кор баромада натавонист. Фаронса ҳатто

дар давраи Де Голл ҳам ба сӯи сиёсати дунё як қадам пеш гузошта натавонист. Ин аҳвол то барҳам задани девори Берлин дар соли 1989 идома ёфт. Аммо пас аз ду соли ин ҳодиса Иттиҳоди шӯравӣ расман пароканда гашт. Бо ҳамин ҷанги сард ба поён расид. Русия меросхӯри расмии Иттиҳоди шӯравӣ шуд. Лекин дар сиёсати дунё аз мақоми дуввум поён рафт. Вазъияти нави байналхалқӣ ба вуҷуд омад. Иёлоти муттаҳидаи Амрико аввалин маротиба дар сиёсати дунё танҳо монд. Дунё ба марҳилаи нави байналхалқӣ ворид шуд, ки пеш ҳаргиз чунин рух надода буд. Амрико дар давраи охири ҳокимияти Буши Калонӣ хост сиёсати яккаҳукмронии давлатро тартиб диҳад ва истилоҳи «низоми нави олам»-ро эълон кард. Лекин ин низом муваффақ нашуд. Ҳам истилоҳ ва ҳам вазъияти байналхалқӣ норавшан боқӣ монд. Соли 1992 ба сари ҳокимият Клинтон омад ва низоми нави байналхалқиро ба вуҷуд овард. Ӯ на ба яккаҳукмронӣ, балки ба бартарият такя мекард. Клинтон ҳокимиятро аз мустаҳкам сохтани пояҳои ҳамин низоми нав оғоз намуд. Яке аз рукнҳои мӯътабари он татбиқи сиёсати бо дигар қувваҳои бузург ҳамкорӣ кардан буд. Ин кор дар ҳалли муаммоҳои Балкан – Босния, Герсоговина ва Косово, дар забон ёфтан бо Русия барои нобудсозии силоҳҳои ядровии Украина ва Белоруссия таҷассум ёфт. Ҳамчунин дар байни Амрико ва якқатор давлатҳое, ки қаблан узви системаи лагери шарқӣ ба шумор мерафтанд, меморандуми якдигарфаҳмӣ ба имзо расид. Дар маросими ба имзо расидани баъзе аз онҳо Британия ва Олмон ҳам иштирок намуданд. Амрико дар ин давра бо шарофати сиёсати ҳамкорӣ ва дастгирии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ Иттиҳоди Атлантики Шимолӣ (НАТО)-ро вусъат дода тавонист. Дар айни вақт онҳо ба васеъ гардонидани Иттиҳоди Аврупо низ муваффақ шуданд. Ин васеъгардониҳо аз ҳисоби Русия ва нуфузи вай сурат гирифт.

Ин давра бо афзоиш ёфтани қувваи Олмон маълум аст. Иттиҳоди шӯравӣ нотавон гашт. Девори Берлин ва такягоҳи Олмони Шарқӣ аз байн рафт. Олмони Ғарбӣ ва Олмони Шарқӣ бо суръати ғайриоддӣ муттаҳид шуданд ва Олмон ба бузургтарин қувваи иқтисодии Аврупо табдил ёфт. Наздик буд ба қувваи фаъоли сиёсие табдил ёбад, ки ҳам ба Аврупо ва ҳам ба Амрико таъсир расонад. Дар Аврупо, Амрико ва ҳатто дар дунё овоза шуд, ки гӯё он аъзои доимии Шӯрои амният мешавад. Ба ин вазъияти нави сиёсӣ вазъияти нави иқтисодӣ низ пайваст. Сиёсати бозор васеъ ба роҳ монда шуд ва дар сиёсати глобализатсия, ки дар олам ҳукмронӣ карда истодааст, ифода ёфт. Ширкатҳо муттаҳид ва бузург шуданд, ҳамчун бозингарони асосии иқтисодӣ, ки ба ҳукуматҳо ҳукми худро мегузарониданд, ба майдон баромаданд. Ширкатҳои трансмиллӣ аз забони иқтисоддонон дур намешуд. Соли 1955 «Созишномаи генералӣ дар бораи таърифа ва савдо» (GATT) ба Созмони ҷаҳонии савдо табдил дода шуд, ки дар зери ниқоби қонун сиёсати глобаризатсияро ҳимоя мекард. Ҳамчунин нақши Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ пурзӯр гардонда шуд. Ончунон

пурзўр гардонда шуд, ки давлатҳои калон барои дахолат ба сиёсати иқтисодии давлатҳои дигар ва фишороварӣ ба онҳо аз ин сегона, яъне Созмони ҷаҳонии савдо, Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ ҳамчун васила истифода мекарданд. Ҳам собиқ вазири корҳои хориҷии Амрико Лоуренс Иглбергер, ҳам президенти Хазинаи байналхалқии асъор Мишел Камдессю эътироф намуда буданд, ки барои сарнагун сохтани режими Сухарто (Индонезия) хазинаи асъорро ба кор андохтаанд. Аз Сухарто талаб намуда, таҳдид карданд, ки сиёсати девалватсия (беқурбкунии пул)-ро ба роҳ монад, вагарна ба ӯ қарз намедиҳанд. Бо ин восита нақшаи худро амалӣ гардониданд. Дар натиҷа Сухарто ба ин талаб сар ниҳода, пулро девалватсия кард ва бо ин сабаб ӯро аз ҳокимият сарнагун сохтанд. Ҳамчунин нақши G-7 (яъне ҳафт давлати саноатӣ) низ пурзўр гардонда шуд. Ин корро тавассути ба онҳо ҳамроҳ намудани Русия, яъне G-7-ро ба G-8 табдил додан амалӣ карданд. Ҳамин тавр, ин ҳашт давлат, яъне Амрико, Ҷопон, Олмон, Британия, Фаронса, Италия, Канада ва Русия сиёсати иқтисодӣ ва молиявии дунёро идора карданд. Агар имкониятҳои Хитойро, монанди захираҳои бузурги иқтисодӣ, дорои силоҳи ядровӣ будан, шумораи аҳолӣ, узвияти доимӣ дар Шӯрои амният ба назар гирифта, онро ба ҳаштгона ҳамроҳ намоем, метавонем бигӯем, ки давлатҳои калони дунё нӯҳтоянд. Лекин агар гуногунии қувваҳоро ба эътибор бигирем, маҷбур мешавем, ки дутои онҳо, яъне Италия ва Канадаро аз ин рӯйхат хат занем. Зеро ин ду ҳеҷ гуна қувваи сиёсӣ ё геополитикӣ надоранд, ки дар миқёси байналхалқӣ нақш бибозад. Ҳамин тавр, давлатҳое, ки ба сиёсати дунё таъсир мерасонанд, ҳафтто мешаванд: Амрико, Британия, Фаронса, Олмон, Русия, Хитой ва Ҷопон. Қувваи таъсири ҳар кадоми инҳо гуногун аст. Панҷтои аввал кӯшиш мекунанд, ки дар минтақаҳои гуногуни олам таъсир расонанд. Амрико нисбат ба чортои дигар хеле бартарият дорад. Давлати шашум, яъне Хитой кӯшиш мекунад, ки танҳо дар минтақаи худ таъсир расонад. Давлати ҳафтум, яъне Ҷопон мекӯшад, ки дар минтақаҳои гуногуни дунё таъсир расонад, вале ин корро бар асоси иқтисодӣ анҷом медиҳад. Собиқ вазири корҳои хориҷии Фаронса Юбер Ведрин дар китоби худ «Гаравҳои Фаронса дар давраи глобализатсия» мегӯяд: «Ҳолати ин қувваи ягона (Амрико), ки тамоми ҷабҳаҳо: иқтисодӣ, технологӣ, ҳарбӣ, молиявӣ, соҳаи забон ва сақофатро назорат карда истодааст, дар таърих бори аввал рух медиҳад». Сипас Ведрин давлатҳоро аз ҷиҳати қувва ва нуфуз ба синфҳои алоҳида ҷудо намуда мегӯяд: «Бешубҳа Иёлоти муттаҳида дар ҷаҳон мавқеи аввалро ишғол мекунад. Мавқеи дуюмро ҳафт давлати дигар ишғол мекунанд, ки дорои нуфузи байналхалқӣ ҳастанд. Онҳо Фаронса, Британия, Олмон, Русия, Хитой, Ҷопон ва Ҳиндустон мебошанд. Бинобар ин мебояд онҳо бахри вусъат додани ҷаҳонбинии худ, ки ҳамоно дар доираи минтақавӣ маҳдуд аст, фикр ронанд». Ӯ ҳамчунин афзуд: «Меъёрҳои тақсимшавӣ дар ин гуна синф хеле зиёд аст, ки даромади миллӣ, сатҳи пешрафти технологӣ,

силоҳи ядровӣ, дараҷаи миқдор ва сифати силоҳҳо, вобасташавӣ ба созмонҳои монанди Шӯрои амният, Созмони ҳаштгона, Иттиҳоди Аврупо, ривоҷ додани забон ва таъсири сақофати меросӣ ба ҳамон ҷумла дохил мешавад».
Амрико давлати калонест, ки дар ибтидои асри XXI ҳеҷ кас бо вай баробар шуда натавонист, вале воқеияти аз фикри Ведрин ҳам равшантар ин аст, ки пас аз Амрико се давлати ҳақиқатан калон истодааст. Онҳо Русия, Британия ва Фаронса мебошанд. Аз онҳо андаке қафотар Олмон омада истодааст. Ин чор давлат дар бисёр ҷойҳои дунё рақобатҳои миқёсан байналхалқӣ доранд. Баъд аз онҳо Хитой истодааст. Он дар минтақаи худ давлати калон аст. Агар рақобатҳои байналхалқиаш танг намебуд, бо тамоми ин чор давлат ё бо баъзеи онҳо рақобат мекард. сопон аз ҷиҳати иқтисодӣ баъди Амрико дар ҷои дуввум меистад. Ҳамин тавр, метавонем қувваи давлатҳоро ба тариқи зайл оварем: Амрико, Русия, Британия, Фаронса, Олмон, Хитой ва сопон. Ин ҳафтгонаро давлатҳои калон номидан мумкин аст. Гарчи Ҳиндустон, Канада ва Италия дар мақоми пас аз ин ҳафтгона қарор гирифта, ҳамроҳи онҳо дар дунё даҳгонаи мутараққиро ташкил диҳанд ҳам, ба ҷумлаи давлатҳои калон намедароянд.
Бо анҷом пазируфтани асри XX ва оғоз ёфтани ҳазораи сеюм идораи сорҷ Буши Хурдӣ хост, ки қоидаи бозиро дигаргун созад. Сиёсати ҳамкории Клинтонро бекор карда, сиёсати худро маҷбуран ба қувваҳои бузург гузаронид. Аз узвияти якчанд созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди «Созишномаи Киото», Маҳкамаи байналхалқии ҷиноятҳо, «Созишнома дар бораи паҳн накардани силоҳҳои ядровӣ» (SALT)1 хориҷ шуд. Чун ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2006 рух дода, Маркази савдои ҷаҳонӣ дар Нию Ёрк ва бинои Пентагон дар Вашингтон тарконда шуданд, муносибати байни Амрико ва давлатҳои калон боз ҳам тезутунд гашт. Ин таркишҳо ҷаҳиши нави Амрико барои рақобат ба сӯи яккаҳукмронӣ буд. Ӯ бо баҳонаи «мубориза бар зидди терроризм» Афғонистон ва Ироқро ишғол кард. Идораи Амрико, ки дар он такаббури сиёсӣ ҳукмрон гашта буд, сиёсати «ё бо мо ё бар зидди мо»-ро қабул кард. Бар зидди ин сиёсат давлатҳои Аврупо ва дигар давлатҳо баёнотҳои ниҳоят тезутунд доданд. Вайро ба зудбоварӣ ва соддалавҳӣ айбдор намуданд. Аз амрикоиҳо талаб намуданд, ки бо маслиҳат ва кӯмаки ҳамдигар кор пеш гиранд. Аммо онҳо аз баргаштан ба қоидаҳое, ки Клинтон асос гузошта буд, саркашӣ намуданд. «Неоконсерваторон» дар зери сарварии ёвари президент Дик Чейнӣ, вазири мудофиа Рамсфелд, муовини вай Волфовис, сардори шӯрои сиёсатҳои мудофиавӣ Ричард Перл, Дуглас Фейт, сон Болтон, Кондолиза Райс ба қарорҳои Буш таъсир расонида тавонистанд. Онҳо тамоми қувваву нуфуз, ҳамчунин ширкатҳои ҷонибдори худро ба хидмати ана ҳамин сиёсатҳо сафарбар намуданд.
Яке аз аломатҳои намоёнтарини ин сиёсатҳо эътибор надодан ба СММ ва қарорҳои вай, ба ҷои аввал гузоштани манфиатҳои Амрико, қонуни

байналхалқӣ ба ин манфиатҳо мувофиқ ояд гирифтан, дар акси ҳол онро вогузоштан буд. Бо Шӯрои амният низ чунин муомила карданд. Қарорҳое, ки ба манфиаташ мувофиқ омаданд, гирифтанд, дар акси ҳол онҳоро вогузоштанд.

Аврупо дар симои Британия кӯшиш намуд, ки ҳукумати Амрикоро водор созад, то ба қонунияти байналхалқӣ аҳамият диҳад. Барои ин ҳадаф вазири корҳои хориҷии Амрико Колин Пауэллро ба худ ҷалб кард. Президент Буш ҳам ба ин моил шуд. Аммо тӯдаи неоконсерваторон ин кӯшишро барбод доданд. Бинобар ин Амрико чун пештара дар хусуси сиёсати ҳамкорӣ, инчунин дар бораи имкони нақши фаъол додан ба СММ худро ба нодонӣ зад.

Бо вуҷуди ин ҳама, ҳукумати Буши Хурдӣ нақши давлатҳои калонро, монанди Британия, Русия, Фаронса ва Олмон, дар сиёсати байналхалқӣ барканор карда натавонист. Баръакс ин сиёсатҳои Буши Хурдӣ мавқеи давлатҳои номбурдаро таҳким бахшид. Зеро онҳо маҷбур шуданд, ки барои мудофиаи худ аз ҳуҷуми Амрико бо ҳам муттаҳид гарданд. Дар натиҷа меҳвари Фаронса, Олмон ва Русия ташкил ёфт. Ин меҳвар махфиёна бо Британия ҳамкорӣ намуда, ба мустаҳкам намудани мавқеи худ ҳамчун давлатҳои калони ба сиёсати дунё таъсиррасонанда то як андоза муваффақ шуд.

# *МЕЪЁРИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ҚОНУНИ БАЙНАЛХАЛҚӢ*

Асрҳои гузашта дар рақобат барои давлати якум шудан корҳои сиёсии ба қонуни байналхалқӣ алоқаманд намоён намешуд. Зеро қонуни байналхалқӣ вуҷуд надошт. Баръакс дар он асрҳо амалиётҳои ҳарбӣ, ҷангҳо ва истилогариҳо ба назар мерасид. Ин ҳолат то миёнаҳои асри XVIII идома ёфт. Аз ҳамон вақт қонуни байналхалқӣ рӯ ба густариш овард, аниқтараш, ҳамчун қонун ташаккул ёфт. Акнун корҳои сиёсӣ дар алоқаҳои байналхалқӣ ва ҳалли муаммоҳои байналхалқӣ ҷиҳати муҳимро соҳибӣ мекарданд. Дар ҳалли муаммоҳо, боздоштани зӯроварии давлати якум, дар рақобат барои азхуд намудани мавқеи вай ҷои амалиётҳои ҳарбиро корҳои сиёсӣ гирифтанд. Аз ҳамон рӯз тадриҷан қонуни байналхалқиро дар алоқаҳои байналхалқӣ бештар ҳакам карданд. Дар ҳалли муаммоҳои байналхалқӣ танҳо амалиётҳои сиёсиро ё ки дар баробари ҷанг ва истилогариҳо қонуни байналхалқиро ҳамчун силоҳ ба кор мебурданд. Баъд аз он ки соли 1 919 Лигаи миллатҳо ташкил шуда, шӯҳрат пайдо кард, ҳукмпурсӣ аз қонун ва меъёрҳои байналхалқӣ афзуд. Умуман тамоми давлатҳо ва хусусан давлатҳое, ки барои мақоми давлати якум рақобат меварзанд, инчунин давлати якум дар корҳои сиёсие, ки машғул мешавад, ба чизе, ки онро меъёр ва қонуни байналхалқӣ меноманд, такя мекунанд. Пас барои дарк намудани воқеи корҳои сиёсӣ ва тарзи аз ҷиҳати байналхалқӣ бо онҳо машғул шудан лозим аст, ки ба меъёр ва қонуни байналхалқӣ як назар афканем.

Меъёри байналхалқӣ аз замони мавҷудияти аморатҳову давлатҳо вуҷуд дорад. Он маҷмӯи қоидаҳоест, ки дар ҳолатҳои ҷангу сулҳ аз ҷараёни муносибатҳои байни гурӯҳҳои башарӣ пайдо шуда, бо сабаби тӯли асрҳо онро риоя намудани гурӯҳҳо ба меъёри байналхалқӣ табдил ёфтааст. Сипас он барои давлатҳо низ ба қоида табдил ёфта, давлатҳо оҳиста-оҳиста онро риоя намуданд. Ҳамин тавр, он ба қонун монанд шуд. Риоя намудани онҳо на моддӣ, балки маънавӣ буд. Ба онҳо аз

тарси афкори омма риоя кардаанд. Касе, ки ба онҳо риоя накардааст, айбдор дониста шуда, ба ҷазои афкори омма гирифтор гаштааст. Арабҳои пеш аз Ислом дар моҳҳои ҳаром ҷангиданро мамнӯъ медонистанд, ки аз ҳамин қабил аст. Бинобар ин, вақте ки серияи Абдуллоҳ ибни саҳш Амр ибни Ҳазрамиро кушта, ду қурайширо асир кард ва корвони тиҷоратиро ғанимат гирифт, Қурайш дар ҳама ҷо эълон намуд, ки «Муҳаммад ва саҳобагони вай моҳҳои ҳаромро таҷовуз карданд, хуни ноҳақ рехтанд, молу мулкро ғанимат ва одамонро асир гирифтанд, бар зидди урфи байналхалқӣ кор анҷом доданд». Ҳамин тавр, онҳо афкори оммаро бар зидди Пайғамбар (с)с) барангехтанд. Хулоса, дар байни тамоми гурӯҳҳои башарӣ қоидаҳои маъруф вуҷуд доранд, ки ҳам дар ҳолати ҷанг ва ҳам дар ҳолати сулҳ онҳоро риоя мекунанд. Сафирон, сафоратхонаҳо ва ғаниматҳои ҷанг аз ҷумлаи ҳамин аст. Аммо ин қоидаҳо монанди сафирон ба урфҳои умумии ҳама риоякунанда ва урфҳои хусусии гурӯҳҳои муайян риоякунанда ҷудо мешаванд. Ин урф вобаста ба эҳтиёҷоти давлатҳову аморатҳо, ба таври дигар гӯем, вобаста ба эҳтиёҷот дар алоқаҳои байни гурӯҳҳои башарӣ ривоҷ ёфтааст. Мардум ин урфҳоро ҳамчун афкори омма ба худ ҳакам донистаанд. Шахсе, ки ба он амал накардааст, айбдор дониста шудааст. Танҳо бо таъсири маънавӣ хоҳу нохоҳ ба онҳо пайравӣ намудаанд. Ягон қувваи моддӣ вуҷуд надошт, ки онҳоро татбиқ кунад. Гурӯҳҳои башарӣ ба ҳамин урфҳо такя намуда, корҳои сиёсиро анҷом додаанд. Аммо қонуни байналхалқӣ ҳамчун қувва бар зидди Давлати Ислом, ки дар Давлати Усмонӣ муҷассам мешуд, ба вуҷуд омад. Зеро Давлати Усмонӣ ҳамчун Давлати Ислом бар зидди насрониҳо ҷиҳод эълон намуда, ба Аврупо ҳуҷум овард ва кишварҳояшонро навбат ба навбат фатҳ кард. Юнон, Руминия, Югославия, Албания, Венгрия ва Австрияро маҳв сохта, то деворҳои Вена расид, дар дили насрониҳои Аврупо ваҳм андохт. Оқибат дар миёни насрониҳо урфи омм пайдо шуд, ки лашкари Ислом шикастнопазир аст, мусулмонон дар ҷанг парвои марг надоранд, зеро онҳо мӯътақиданд, ки агар бимиранд, дохили ҷаннат мешаванд, онҳо ба тақдир ва аҷал имон доранд. Шуҷоат ва матонати мусулмононро дида, аз рӯбарӯшавӣ бо онҳо гурехтанд. Дар натиҷа кишварҳои онҳо бо осонӣ ба салтанати Ислом сар хам кард. Насрониёни Аврупо он вақтҳо аз мулкҳои княз ва феодалон иборат буда, ба давлатчаҳои алоҳида-алоҳида ҷудо мешуданд. Ҳар як феодал дар замини худ ҳукмрон буд. Бинобар ин шоҳ ин княз ва феодалонро ба ҷанг маҷбур карда натавонистааст. Ин ҳолат ба мусулмонон имкон додааст, ки онҳоро фатҳ кунанд. Ин ҳолат дар Аврупо то асрҳои миёна, яъне то миёнаҳои асри XVI идома ёфт. Аммо баъдтар як оилаи ягонаро ташкил намуданд, ки бар зидди Давлати Ислом истода метавонист. Ба ин кор худи калисо сарварӣ намуд. Асоси муттаҳидкунанда дини насронӣ буд. Ҳамин тавр, барои аз маҷмӯи якчанд давлат ташкил намудани як оилаи насронӣ кӯшишҳо оғоз ёфтанд. Муносибатҳои байни худро ба тартиб даровcovered. Аз ин тартибу қоидаҳо ба вуҷуд

омада, баъдтар онро қонуни байналхалқӣ номиданд. Пас вақте ки давлатҳои насронии Аврупо дар асоси робитаи насроният барои муқовимат бо Давлати Ислом муттаҳид гаштанд, ин барои ба вуҷуд омадани қонуни байналхалқӣ замина шуд. Ин чиз боиси пайдо шудани гурӯҳбандие бо номи «оилаи байналхалқии насронӣ» гардид. Онҳо тавонистанд, ки бар асоси қоидаҳои муайян дар байни худ ба мувофиқа расанд. Баробарҳуқуқии вакилони ин давлатҳо, муштаракоти мабдаӣ ва мафкуравии онҳо, новобаста ба гуногунии мазҳаб салтанати олии рӯҳиро ба папаи католикӣ супоридан аз ҷумлаи ҳамон қоидаҳо мебошад. Ин қоидаҳо «тухмиҳои навруста»-и қонуни байналхалқӣ буданд. Бояд бигӯем, ки муттаҳидшавии ин давлатҳои насронӣ дар аввал ба ҳеҷ гуна қувваи таъсир соҳиб набуд. Зеро қонуну қоидаҳои қабулшуда ин давлатҳоро ба як иттиҳод оварда натавонист. Низоми феодализм қувваи давлатро ҳамеша мекост. Роҳ намедод, ки он бевосита ба алоқаҳои хориҷӣ машғул шавад. Ҳукмронии калисо давлатро аз идора ва мустақилият маҳрум намуда, тобеи худ гардонда буд. Бинобар ин бар зидди заминдорон ҷанг сар зад ва бо ғалабаи давлат анҷом ёфт. Бо ҳамин низоми феодалӣ барҳам хӯрд. Дар айни вақт миёни давлат ва калисо ҷанг сар зад. Ниҳоят, салтанати калисо аз корҳои дохиливу хориҷии давлат барканор карда шуд. Аммо давлат дар насронияти худ боқӣ монд. Фақат муносибати байни давлат ва калисо тавре ба роҳ монда шуд, ки он мустақилияти давлатро таъкид мекард. Ин сабаб шуд, ки дар Аврупо давлатҳои пурқувват ба вуҷуд оянд. Новобаста ба ин, ҳамаи онҳо бар зидди Давлати Ислом истода натавонистанд. Ин ҳолат то миёнаҳои асри XVII, яъне то соли 1648 идома ёфт. Дар ин сол давлатҳои насронии Аврупо як анҷуман гузарониданд. Онро «Анҷумани Вестфалия» номиданд. Дар анҷумани мазкур асосҳои мустаҳкаме, ки муносибатҳои байни давлатҳои насронии Аврупоро ба тартиб меандохт, гузошта шуд. Дар муқобили Давлати Ислом оилаи давлатҳои насронӣ қад рост кард. Анҷуман қоидаҳои тақлидии қонуни байналхалқиро муайян намуд. Аммо он на қонуни умумии байналхалқӣ, балки қонуни байналхалқии давлатҳои насронии Аврупо буд. Ба оилаи давлатҳои насронӣ даромадани Давлати Ислом ва барои вай татбиқ намудани қонунҳои байналхалқиро мамнӯъ гардониданд. Аз ҳамин сана ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дунё омад. Он новобаста ба сохти давлат – монархистӣ, ҷумҳуриявӣ, католикӣ ё протестантӣ бе ягон истисно аз давлатҳои насронии Аврупо ташкил ёфт. Гарчи дар оғози кор он бо давлатҳои Аврупои Ғарбӣ маҳдуд шуда бошад ҳам, баъдтар дигар давлатҳои насронии Аврупо ба он ҷалб карда шуданд. Сипас давлатҳои насронии берун аз Аврупоро ҳам дар бар гирифт. Ба ин оила даромадани Давлати Исломро манъ намуданд. Ин ҳолат то нимаи дуюми асри XIX идома ёфт. Давлати Усмонӣ, вақте ки ба аҳволи ногувор афтода, номи «марди бемор»-ро гирифт, хоҳиш кард, ки вай низ ба оилаи байналхалқӣ дарояд. Хоҳишашро рад намуданд. Вақте ки сахт пофишорӣ ва илтимос кард, ба он шартҳои бениҳоят вазнин гузоштанд.

Дар алоқаҳои байналхалқӣ ҳакам накардани Ислом ва даровардани баъзе қонунҳои Аврупо аз ҳамон ҷумла мебошад. Давлати Усмонӣ ин шартҳоро пазируфт ва ба онҳо сар хам кард. Ҳамин тавр, дар алоқаҳои байналхалқӣ исломияти худро аз даст дод ва соли 1856 онро ба оилаи байналхалқӣ ҳамроҳ сохтанд. Баъдтар ба оилаи байналхалқӣ давлатҳои ғайринасронӣ, монанди сопон, даромаданд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки анҷумани соли 1648-и Вестфалия қоидаҳои тақлидии қонуни байналхалқиро ба тартиб андохтааст. Дар асоси ин қоидаҳо корҳои сиёсӣ ва фаъолиятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври мумтоз намоён шуд. Ин қоидаҳо ду мафкураи бештар эътиборноки ба чашм намоён дорад: 1. Мафкураи мувозинати сиёсии байналхалқӣ; 2. Мафкураи анҷуманҳои байналхалқӣ. Мафкураи мувозинати сиёсии байналхалқӣ ҳаминро тақозо мекунад, ки агар як давлат аз ҳисоби давлати дигар васеъ шудан хоҳад, тамоми давлатҳо муттаҳид шуда, вайро аз ин кор бозмедоранд. Бо ин мувозинати сиёсии байналхалқиро, ки пеши роҳи ҷангро гирифта, сулҳро густариш медиҳад, нигоҳ медоранд. Аммо анҷумани байналхалқӣ аз давлатҳои гуногуни Аврупо ташкил ёфта, ҳалли муаммоҳоро мувофиқи манфиати Аврупо ҷустуҷӯ менамояд. Баъдтар ин мафкура авҷ гирифта, ба анҷуманҳое табдил ёфт, ки муаммоҳоро тибқи манфиати давлатҳои калон ҳал мекард. Асоси тамоми машаққатҳое, ки олам дар натиҷаи кӯшиши ривоҷ додани салтанати давлатҳои мустамликадору калон дучор гаштааст, ҳамин ду мафкура мебошад.

Аввалин татбиқи ин ду мафкура ба ибтидои асри XIX – давраи Наполеон рост меояд. Вақте ки коммунаи Париж рух дод ва фикрҳои озодӣ, баробарӣ, эътироф намудани ҳуқуқи шахсҳову халқҳо васеъ густариш ёфт, харитаи сиёсии Аврупо тағйир ёфт, давлатҳои кӯҳна барҳам хӯрда, давлатҳои нав бунёд гардиданд. Дар чунин вазъият давлатҳои Аврупо бо баҳонаи мувозинат муттаҳид шуда, бар зидди Фаронса ҳуҷум карданд. Вақте ки Наполеон шикаст хӯрд, соли 181 5 ин давлатҳо дар анҷумани Вена ҷамъ омаданд. Масъалаи мувозинат ва танзими корҳои оилаи байналхалқии насрониро дида баромаданд. Ба Пруссия ва Австрия низоми подшоҳӣ баргадонида шуд. Байни Шветсия ва Норвегия иттифоқи федералӣ ташкил ёфт. Белгияро ба Голландия ҳамроҳ намуда, онро ба давлати ягона табдил доданд, то Фаронсаро нагузорад, ки васеъ шавад. Швейсария дар бетарафии доимӣ монд. Барои татбиқ намудани қарорҳои анҷуман давлатҳои иштироккунанда байни худ созишнома бастанд. Он созишномае буд дар байни Пруссия, Русия ва Австрия, ки бо розигии шоҳи Англия баста шуд. Баъдтар Фаронса низ ба он ҳамроҳ гашт. Яъне дар байни давлатҳои калон барои истило кардани давлатҳои дигар созишнома баста шуд. Баъдтар соли 1818 дар байни Русия, Англия, Пруссия, Австрия ва Фаронса «Созишномаи Икс-ла-Шапел» ба имзо расид. Онҳо ба мувофиқа омаданд, ки бар зидди ҳар як шӯриши ба муваффақиятҳои анҷумани Вена таҳдидкунанда мусаллаҳона дахолат менамоянд. Ҳамин тавр, ин

панҷ давлат худ аз худ ба созмоне табдил ёфтанд, ки низом ва амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне оилаи байналхалқии насрониро ҳимоя мекард. Баъдтар салтанати худро вусъат дода, пас аз заиф гаштани Давлати Усмонӣ баъзе кишварҳои исломиро низ ба тобеияти худ даровард. Ин давлатҳо бо баҳонаи ҳимояи амният ба аксар ҷойҳо, масалан, соли 1821 ба Неапол, соли 1827 ба Испания, соли 1826 ба Португалия, соли 1840 ба Миср дахолат карданд. Хостанд, ки ба Амрико низ дахолат намоянд ва кӯшиш карданд, ки ба Испания ёрӣ диҳанд, то мустамликаҳояшро дар Амрико аз нав баргардонад. Лекин Иёлоти муттаҳида аллакай ба давлати калон табдил ёфта буд, ки бо вай ҳисобу китоб накардан имкон надошт. Президенти Иёлоти муттаҳида сеймс Монро соли 1823 баёноти машҳури зеринро бо номи «Доктрина Монро» дод: «ИМА намегузорад, ки ҳеҷ кадом давлати Аврупо ба корҳои қитъаи Амрико дахолат намояд ва як порчаи онро ишғол кунад». Пас аз ин баёнот давлатҳои номбурда барои дахолат ҷуръат карда натавонистанд.
Асли қонуни байналхалқӣ ҳамин аст. Он асосест, ки дахолат намудан ба корҳои дигаронро сафед мекунад, он ҳамчун асос ба давлатҳои калон имкон медиҳад, ки аз болои давлатҳои дигар ҳукмрон шаванд, он такягоҳи амалиётҳои сиёсиест, ки давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳои худ ё барои рақобат намудан бо давлати якум ба он такя мекунанд. Бояд гуфт, ки қоидаҳои байналхалқӣ гоҳо дигаргун мешаванд. Аммо ин дигаргуниҳо ҳамеша ба фоидаи давлатҳои калон ва бо дарназардошти манфиатҳои онҳо рух медиҳад. Ба таври дигар гӯем, бо мақсади бе ҷанг ва бе задухӯрди мусаллаҳона дар байни худашон тақсим кардани боигариҳои олам рух медиҳад. Зеро асри XIX асри мустамликадорӣ буд. Давлатҳои калон барои мустамлика кардан ба давлатҳои хурд монанди саг дарафтоданд. Дар ҷараёни ин мустамликадорӣ низоъҳое сар заданд, ки ба дараҷаи ҷангҳои калон нарасид. Аммо Англия, Фаронса ва Русия вақте диданд, ки Олмон қувваи худро намоиш дода, ба онҳо таҳдид мекунад ва дар хусуси гирифтани нафти кишварҳои исломӣ дар Ироқ, Эрон ва нимҷазираи Араб ба Англия хавф меандозад, бо ҳам паймон баста, бар зидди вай ҷанг эълон намуданд. Давлати Усмонӣ дар ҷанг бар зидди ин ҳампаймонон баромада, ба тарафи Олмон гузашт. санг бо ғалабаи ҳампаймонон анҷом ёфт. Баъдтар Русия аз ин иттиҳод хориҷ шуд ва дар он Фаронса, Англия ва Амрико боқӣ monданд. Амрико низ худро ба канор гирифт. Дар майдон Англия ва Фаронса монданд. Ин ду давлат бо мақсади танзими мустамликадорӣ ва пешгирии задухӯрдҳои мусаллаҳона дар байни худ Лигаи миллатҳоро ташкил карданд. Аммо лигаи мазкур, илова бар он ки дар ҳолати хеле зиддиятнок ба дунё омада буд, мелангид. Зеро сиёсати давлатҳои калон дигаргун нашуда буд. Дар анҷумани сулҳ ташвиши ҳамаи онҳо пайдо кардани мувозинат дар байни қувваҳои гуногун, ҳимояи манфиатҳои худ, бо ҳам тақсим кардани мулкҳои Олмон ва Давлати Усмонӣ буд. Давлатҳои мустамликадор ба суверенитети худ забон намезаданд, мустамликаҳояшонро нигоҳ медоштанд. Ба онҳо мустамликаҳои навъи

навро бо номи гумроҳсозанда «давлатҳои зери мандат» ҳамроҳ карданд. Оқибат Лигаи миллатҳо дар кӯшиш барои барқарор намудани сулҳ ва дӯстии байналхалқӣ калавид. Ҳаракат кард, ки барои кафолати сулҳ, яъне сар назадани низоъ дар болои мустамликаҳо созишномаҳои байналхалқӣ ташкил намояд. Масалан, дар зери сарпарастии ин лига соли 1924 «Созишномаи Женева» ба имзо расид. Мақсад аз он бо роҳи осоишта бартараф намудани низоъҳо, ҳамчунин маҷбур сохтан барои ҳукмпурсӣ ба Лигаи миллатҳо буд. Соли 1925 «Созишномаи Локарно» ба имзо расида, кафолати дуҷониба ва ҳамкории муштарак ба роҳ монда шуд. Соли 1928 «Созишномаи Келлог-Брайнд» ба имзо расид ва истифодаи амалиётҳои ҳарбӣ мамнӯъ гардид. Соли 1928 «Созишномаи Женева» ба имзо расид, ки хусусан дар бораи ҳакамияти маҷбурӣ буд. Лекин тамоми ин созишномаҳо нобарории Лигаи миллатҳоро боздошта натавонистанд. Дар пеши чашми вай оташи якчанд ҷанг аланга зад. санги Хитой-сопон дар соли 1933, ҷанги Италия-Эфиопия дар соли 1936, соли 1939 аз тарафи Олмон истило шудани Австрия, Чехословакия ва Полша, айнан дар ҳамин сол сар задани ҷанги дуюми ҷаҳон ба ҳамин ҷумла медароянд.
Баъзе дигаргуниҳо дар алоқаҳои байналхалқӣ ҳамин буда, анҷуманҳо ба созмонҳои байналхалқии ҳифзи амният табдил ёфтанд. Лекин ин тараққиёт ҳеҷ чизро тағйир надод. Давлатҳои калон то ҷанги дуюми ҷаҳон барои ғаниматҳо талошро давом доданд. Пас аз ҷанг ин давлатҳо ба фикре омаданд, ки осонтарин воситаи танзими алоқаҳои байналхалқӣ барпо намудани як созмони байналхалқист. Дар ибтидо созмони давлатҳое, ки ба ҷанг даромада буданд, ба вуҷуд омад ва баъдан он васеъ шуда, ба созмони байналхалқӣ табдил ёфт. Тамоми давлатҳои дунё метавонистанд, ки ба вай аъзо шаванд. Алоқаҳои байналхалқӣ аз рӯи низомномаи ҳамин созмон ба тартиб андохта шуд. Ҳамин тавр, аз шакли анҷумани давлатҳои калон, ки барои ба олам ҳукмронӣ намудани алоқаҳои байналхалқӣ, бо ҳам тақсим кардани ғаниматҳо ва пешгирии пайдошавии дигар давлатҳои калон ташкил ёфта буд, ба созмони байналхалқие мубаддал гашт, ки алоқаҳои байналхалқиро ба тартиб андохта, ҳукмронии давлатҳои калонро кафолат медод. Баъдтар ба созмони байналхалқие табдил ёфт, ки ҳамчун давлати умумиҷаҳонӣ давлатҳои дунёро идора мекард ва ҳукми худро ба онҳо мегузаронид. Баъд аз анҷумани Вена дар соли 1815 вазъияти байналхалқӣ дар чор давлати калон таҷассум меёфт. Онҳо Пруссия, Русия, Австрия ва Англия буданд. Фаронса хост ба мавқеи онҳо зарба занад, ҳам харитаи олам ва ҳам вазъияти байналхалқиро дигаргун сохта, ба давлати якум табдил ёбад. Лекин давлатҳои калон ба он ҳамла оварда, умедҳояшро барбод доданд. Баъдтар дар ҳукмронии дунё онро шарики худ гирифтанд. Ҳамин тавр, вазъияти байналхалқӣ дар панҷ давлат ифода ёфт. Англия оҳиста-оҳиста худро намоён карда, ба давлати якум мубаддал гашт. Олмон бо вай ба рақобат пардохта, мехост нафти кишварҳои исломиро ба даст дарорад. Англия, Фаронса, ва Русия бар

зидди вай иттифоқ баста, ҷанг карданд ва умедҳояшро барбод доданд. Англия бо мустамлика кардани аксар қисми дунё аз дигарон тафовут дошт. Бузургтарин саҳм аз они вай буд. Фаронсаро бо «нонрезаҳои дастурхон», яъне бо додани баъзе мустамликаҳо розӣ кард. Сипас вазъияти байналхалқӣ дар Англия, Фаронса ва Италия муҷассам шуд. Аммо Англия ҳамоно давлати якум буд. Баъд Лигаи миллатҳо ба дунё омад. Гарчанд он дар зери ниқоби ҳифзи амнияти олам ба дунё омада бошад ҳам, мақсад аз пайдо намудани вай ҳифзи мақоми давлати якум, рақобати дигар давлатҳоро бо давлати якум мамнӯъ гардонидан ва ҳаргиз ба давлатҳои дигар барои давлати калон шудан имкон надодан буд. Олмон боз як бори дигар барои давлати якум шудан даъвогар шуда, ба давлати калон табдил ёфта буд. Дар аввал Англия ва Фаронса, баъдтар Англия, Фаронса, Русия ва Амрико иттифоқ баста, бар зидди вай ҷанги дуюми ҷаҳонро оғоз намуданд ва онро маҳв сохтанд. Аммо ин дафъа ҷанг бар зиёни Англия анҷом ёфт. Зеро он аз ҷанг бо «қабурғаи шикаста» хориҷ шуд. Давлати ғолиб дар ин ҷанг Амрико буд. Бинобар ин қувваи байналхалқӣ аз дасти Англия ба дасти Амрико гузашт ва Амрико ба давлати якум табдил ёфт. Вазъияти байналхалқӣ дар Амрико – давлати якум муҷассам шуд. Рақиби вай Иттиҳоди шӯравӣ буд. Англия ва Фаронса дар майдони байналхалқӣ ба дараҷаи дуюм фуромаданд.

Вақте ки ҷанги дуюми ҷаҳон анҷом ёфт, дар вазъияти байналхалқӣ омили нав ба вуҷуд омад. Он ба ду лагер тақсим шудани дунё буд. Ин омил низои байналхалқиро якбора тезутунд ва вазъиятро печидатар гардонид. Ин гуна ҳолат қаблан ҳеҷ гоҳ рух надода буд. Дуруст аст, ки пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон ҳам вазъияти байналхалқӣ аз блокҳо сохта шуда буд. Лекин онҳо лагер набуданд. Пеш аз ҷанг он ба демократия, ҳамчунин ҷабҳаҳои диктатураи натсизму фашизм тақсим мешуд. Аммо ин тақсимшавӣ дар шакли лагерҳои мабдаӣ набуд. Зеро ҳам натсизм ва ҳам фашизм мабдаъ набуданд ва шуда ҳам наметавонанд. Бинобар ин пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон лагерҳо бо маънои мабдаӣ вуҷуд надошт. Аммо пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон олам ба ду лагер тақсим шуд. Онҳо лагери шарқӣ ва лагери ғарбӣ буданд. Дар лагери ғарбӣ Амрико ва дар лагери шарқӣ Русия (Иттиҳоди шӯравӣ) давлати якум ба шумор мерафт. Гарчанд ин ду лагер дар асоси мабдаъ мубориза баранд ҳам, дар болои манфиатҳо кашмакаш кунанд ҳам, онро дар асоси байналхалқӣ мекарданд. Зеро маркази тақсимшавии ду лагер танҳо мабдаъ набуд. Дар канори вай манфиатҳои байналхалқӣ ҳам меистод. Ин манфиатҳо дар лагери шарқӣ бо тақозои мабдаи коммунизм ва густариши он бошад, дар лагери ғарбӣ мувофиқи манфиатҳои миллӣ ва бар асоси мабдаи капиталистӣ буд, ки он ҳама корҳои ҳаётро бо манфиат чен мекунад. Бинобар ин дар лагери ғарбӣ давлатҳое низ мавҷуд буд, ки агар мабдаи он мувофиқ наояд, манфиатҳояш мувофиқ меомад. Аммо дар лагери шарқӣ ин чиз ба назар намерасид. Аз ин рӯ, давлатҳои лагери шарқӣ ҳама коммунистӣ буданд ва дар таркиби он ягон давлати

дорои мабдаи дигар вуҷуд надошт. Зеро маркази вай мабдаъ буд. Аммо лагери ғарбӣ торафт пора-пора мешуд. Бинобар ин Иттиҳоди шӯравӣ имкон дошт, ки онро заиф гардонда, баъзе давлатҳояшро ба лагери шарқӣ дарорад. Дар айни вақт аз эҳтимол дур набуд, ки чи дар ҳолати ҷанг ва чи дар ҳолати сулҳ лагери сеюм арзи вуҷуд кунад ва ба вазъияти байналхалқӣ таъсир расонда тавонад.

Ҳар кас ба лагери ғарбӣ назар афганад, дармеёбад, ки сабаби парокандагии дохилӣ аз мақоми давлати якумро ишғол намудани Амрико сар задааст. Ин мақом пеш аз они Британия буд. Он вақтҳо Амрико худро аз вазъияти байналхалқӣ канор мегирифт. Ин парокандагӣ махфӣ набуда, ошкоро ба чашм мерасид. санги ҷаҳониро низ ҳамин омил ба таъхир меандохт. Давлати якум дар сиёсати байналхалқӣ, чунон ки пеш Британия мекард, ҳамчун роҳбари лагер кор набурд, баръакс монанди фармондеҳе кор бурд, ки лашкарро дар зери фармон нигоҳ медорад. Монанди фармондеҳ лашкарро идора мекард. Бинобар ин давлатҳои пуртавон, монанди Британия, назар ба давлатҳои нотавон нисбат ба Амрико дар дил бештар кинаву адоват парвариданд. Асли ин кор аз сиёсати Амрико сарчашма мегирад. Зеро он баъди ғалаба дар ҷанги дуюми ҷаҳон лоиҳаи аз дасти тамоми давлатҳои дунё гирифтани сарварӣ ва сарвар шудани худро омода сохт. Бо қувва ва боигарияш мағрур шуд, аз худ рафт. Хост, ки фармонфармои тамоми олам бошад, ҳама халқҳову миллатҳо бо кӯмаки вай, мувофиқи хоҳиши вай кор кунанд. Аз ин рӯ, бар зидди Аврупо, хусусан бар зидди Англия дар ибтидо бо амалиётҳои сиёсиву нақшаҳои молиявӣ, баъдтар бо табаддулотҳои ҳарбӣ дар мустамликаҳо ҳуҷум оғоз кард. Пеш давлати якуми дунё Англия буд ва аз ҳама беш мустамлика дошт. Пас аз он Фаронса, баъд Голландия меистод. Амрико дар лоиҳаи Маршал бо воситаи қарздиҳӣ ба давлатҳои мустамликадор ҳуҷум кард, на ба мустамликаҳо. Вақте аз ӯҳдаи ин кор бо осонӣ баромад, ба мустамликаҳо рӯ овард ва оҳиста-оҳиста бе истисно тамоми онҳоро ба зери салтанати худ даровард. Аммо услуби кори вай аз кори давлатҳои Аврупо куллан фарқ мекард.

Ҳамин тавр, ихтилоф дар байни давлатҳои лагери ғарбӣ қувват гирифт. Ин навигарӣ набуд, балки пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон ҳам вуҷуд дошт. Он вақт фақат дар байни ду давлат ихтилофи иқтисодӣ мавҷуд буд, на дар байни давлатҳои як лагер. Ин торафт ба ихтилофи сиёсии як лагер табдил ёфт. Решаи ин ихтилоф аз муаммоҳои иқтисодӣ, хусусан муаммои нафт об мехӯрд. Зеро дар байни Британия ва Амрико оид ба муаммои нафт созишномаҳо ба имзо расида буд. Британия мехост Амрикоро сарнагун созад. Ҳамин чиз сабаби ихтилофи байни ин ду давлат ва дар айни замон сабаби сар задани ихтилофи миёни давлатҳои лагери ғарбӣ шуд. Британия, вақте ки пас аз ҷанги якуми ҷаҳон мавқеи худро ишғол намуд, Фаронса бо вай ба рақобат пардохт. Рақобат ошкоро буд. Он аз як тараф Олмонро қувват медод, аз тарафи дигар дар мустамликаҳо ҳаракатҳои милливу маҳаллиро бармеангехт. Тавассути

ин нақшаҳо Фаронсаро бо ҳимоя аз хатари Олмон ва гирудори муаммоҳо машғул медошт. Ба таври дигар гӯем, барои заиф кардани он ҳаракат мекард.
Аммо дар вазъияти байналхалқӣ муаммои Олмон ва Италия пайдо шуда, ҳамчун қувваи хатарноки сиёсии ба Британияву Фаронса таҳдидкунанда ба майдон омад. Меҳвари Рим-Берлин ташкил ёфт. Британия маҷбур шуд, ки Амрикоро аз узлат берун барорад. Ӯро ба нафти Шарқ завқманд кард ва созишномаҳои нафтро ба имзо расонданд. Аммо вақте ки Амрико амалиётҳои истихроҷи нафтро оғоз кард, ширкатҳои вай ҷӣ будани нафти Шарқро донистанд. Он нафақат барои фоидаи иқтисодӣ, балки барои ҳастии Амрико ҳам дорои қимати бузург буд. Бинобар ин батадриҷ конҳои нафт ва имтиёзҳоро аз дасти ширкатҳои англис кашида гирифт, нисбат ба онҳо пеш рафт. Дар натиҷа миёни ширкатҳои Амрико ва Англия рақобат ба амал омад. Баробари ба Шарқ баромадани ширкатҳои Амрико худи вай низ аз узлат баромад. Баъд ҷанги дуюми ҷаҳон рух дод ва Амрико дар мустамликадорӣ ба мақоми давлати якум баромад. Аммо мақоми Англия, Фаронса ва Голландия коста гардид. Голландия бо сабаби оҷизӣ аз арса берун шуд. Англия ҳам баъзе нуфузи худро дар Шарқ, баъзеро дар ҳавзаи баҳри Миёназамин ва баъзеро дар давлатҳои хурд аз даст дод. Мавқеи байналхалқии он торафт паст шуд. Амрико таъқибро идома дод, то ки Англияро аз тамоми нуфузи худ дар дунё маҳрум гардонад. Фаронса, вақте ки аз мустамликаҳояш дар Шарқи Дур ва Африқо ҷудо гашт, заиф шуд. Де Голл кӯшиш кард, ки онро ба по хезонда, нуфузи байналхалқиашро барқарор созад. Аммо монанди пеш онро ба майдони байналхалқӣ бароварда натавонист. Вай фақат номи давлати калонро нигоҳ дошта тавонист.
Аз ин бармеояд, ки тақсиму пароканадашавии лагери ғарбӣ пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва дар асной ҷанги сард ғайр аз Амрико тамоми давлатҳои дигари онро заиф гардонид. Зеро Амрико мустамликаҳо, қувва ва нуфузи онҳоро аз худ карда, ба давлати якум табдил ёфт, мавқеаш мустаҳкам шуд. Британия як муддати муайян манёврҳои сиёсӣ ва гоҳо ҳаракатҳои ҳарбӣ низ ташкил кард, то ки ба мавқеи ҳампаймони худ Амрико зарба занад ва аз мақоми давлати якум онро поён фурорад. Баъдан аз фикри таъсир расонидан ба Амрико баргашт ва бо ҳимоя намудани манфиатҳои худ маҳдуд шуд. Зеро аллакай дарёфта буд, ки дар муқобили давлати монанди Амрико дорои қудрати бузурги иқтисодиву ҳарбӣ нотавон буда, қуввааш шикастааст. Хуллас, азбаски лагери ғарбӣ як воҳиди тақсиму пароканадашуда буд, тамоми давлатҳои он ба ботлоқи ихтилофу зиддият фурӯ рафта, дар болои манфиат гиребони ҳам медаронианд ва барои якдигар дом мегузоштанд. Аммо лагери шарқӣ танҳо ба мабдаъ асос ёфта буд ва то солҳои 60-уми асри гузашта ин хусусияти худро нигоҳ дошт. Онро ҳам аз ҷиҳати мафкуравӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ Русия (Иттиҳоди шӯравӣ) идора мекард. Иттиҳоди шӯравӣ аз як тараф дар мақоми роҳнамо, аз тарафи

дигар дар мақоми ҳомӣ ва фармондеҳ меистод. Бинобар ин дар байни давлатҳои лагери шарқӣ давлате вуҷуд надошт, ки аз ҷиҳати роҳбарии фикриву сиёсӣ бо Русия баробар бошад. Ҳатто ягон давлате ҷуръат намекард, ки бар зидди сиёсати шӯравӣ эътироз кунад. Мабодо ҷуръат мекард, Иттиҳоди шӯравӣ, гарчанд бо роҳи қувваи ҳарбӣ бошад ҳам, албатта даҳони вайро мебаст. Сиёсати дохилии лагери шарқӣ аз замони Сталин бар асоси мустаҳкам намудани дастгоҳи давлат, омода сохтани қувваҳои ҳарбӣ барои мудофиа ва ҳуҷум такя мекард. Аммо сиёсати хориҷии он бар ғайриимкон будани ҳамзистии капитализм ва коммунизм бунёд ёфта буд. Бинобар ин Иттиҳоди шӯравӣ капитализмро ҳамеша душмани сиёсии худ медонист. Дар ҳақиқат он душмани мафкуравӣ буд. Дар ҷанги дуюми ҷаҳон Иттиҳоди шӯравӣ бо Англия, Фаронса ва Амрико ҳамкорӣ кард. То як вақти муайян паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам зистанд. Лекин ин ҳолати истисноӣ, ки аз ночорӣ рух дода буд, баробари анҷом ёфтани ҷанг барҳам хӯрд. Гарчанд дар байни Иттиҳоди шӯравӣ ва давлатҳои Ғарб алоқаҳои сиёсӣ идома дошт, аммо ҷанги сард оғоз ёфта буд. Алоқаи сиёсӣ дар СММ, анҷуманҳои байналхалқӣ, муносибатҳои дипломатӣ ва ваколатдориҳо муҷассам мешуд. Он на тағйирот дар сиёсати асосии коммунизм, балки фақат яке аз услубҳои гуногуни сиёсии онро ифода мекард. Сиёсати коммунистӣ нисбат ба лагери ғарбӣ аз мафкурае сар мезад, ки он асоси Иттиҳоди шӯравӣ буд. Мабдаи коммунистӣ чунин мазмунро низ дар бар мегирифт, ки ҳамзистии осоиштаи байни капитализм ва коммунизм ғайриимкон аст, албатта бояд яке аз онҳо бар дигаре ғолиб ояд. Тамоми адабиётҳо мансуб ба коммунизм тарғиб мекарданд, ки азбайнравии низои байни ин ду мабдаъ номумкин мебошад. Ленин, Сталин ва тамоми коммунистҳо айнан ҳамин хел фикр доштанд, дар ин бора ягон ихтилоф мавҷуд набуд. Кадом коммунист хоҳ ҳокими сиёсатшинос бошад, хоҳ каси дигар, агар сиёсати имкони ҳамзистии осоиштаи капитализм ва коммунизмро маъқул мешуморид, ба сиёсати хориҷии мафкураи коммунизм мухолиф ба шумор мерафт.
Мавқеи ин ду лагер аз ҷиҳати мабдаъ, аз ҷиҳати сиёсат ва аз ҷиҳати байналхалқӣ ҳамин буд. Аммо аз соли 1961 дар ҳар ду лагер аз ҷиҳати байналхалқӣ тағйирот рух дод, ки вазъияти аслии онҳо ва вазъияти байналхалқиро дигаргун сохт. Гап дар он меравад, ки ин ду лагер аз соли 1956 безобита шуданд. Онҳо ба тараққиёт рӯ оварда, лагерҳоро комилан пароканда карданд. Оқибат ду лагер ба ду давлат табдил ёфт: Иёлоти муттаҳида ва Иттиҳоди шӯравӣ. Ин ду давлат давлатҳои дигари лагерҳои худро мутлақо ба эътибор нагирифтанд.
Агар дар хусуси лагери коммунистӣ таваққуф кунем, давлати коммунистӣ на бар асоси миллӣ, балки бар асоси мабдаӣ сохта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки бояд тамоми давлатҳои рӯи дунё коммунистӣ бошанд. Ин асос ду корро тақозо мекунад: 1. Дар ҳолати ҳамешагии омодабош будан, ҳамчунин барои паҳн намудани сотсиализм аз ҷиҳати иқтисодиву ҳарбӣ омодагӣ дидан. Барои ин лозим

буд, ки халқ ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамеша дар зери фишори сахт нигоҳ дошта шавад. Бинобар ин давлати коммунистӣ ба ҳазён ва хоби даҳшатноки халқи рус табдил ёфт. Халқи рус эҳтиёҷоти камолӣ он тараф истад, ҳатто баъзе эҳтиёҷоти зарурии худро ҳам қонеъ карда наметавонист. Тамоми боигарӣ дар роҳи ба олам паҳн намудани сотсиализм сарф мешуд. 2. Нисбат ба тамоми давлатҳои Ғарб, бо эътибори он ки онҳо давлатҳои капиталистӣ ва империалистӣ буданд, дар ҳолати душмании сахт қарор гирифтан, ҳамеша оташи ҷанги сардро афрӯхтан ва ҳар лаҳза барои ҷанги шадид омода будан. Худи ҳамин чиз дунёро ба ду лагер ҷудо кард, ки ошкоро бо ҳамдигар душманӣ меварзиданд. Вазъиятончунон хатарнок буд, ки ҳар лаҳза эҳтимоли сар задани ҷанги ҳақиқӣ вуҷуд дошт. Аммо фасодкориҳои тоқатфарсои коммунизм нагузошт, ки назарияи он то ба охир бирасад. Охирҳои солҳои 50-уми асри гузашта мактаби нави ҳокимият кушода шуд ва коммунизмро ба тарзи нав, яъне мувофиқи манфиатҳои Русия талқин намуданро оғоз кард. Ин талқин бештар аз коммунизм ба миллатгароӣ наздиктар буд. Дар сиёсати дохилӣ ба мардум андаке фароҳӣ дода шуд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ фишор андаке коста гашт. Мардум оҳиста-оҳиста дорои молҳои истеъмолӣ шуданд. Дар сиёсати хориҷӣ кӯшишҳо барои наздик гаштан бо Амрико ва таҳким бахшидани алоқаҳо оғоз шуданд. Барои бастани созишнома оид ба таҳрими ҷанг дар миёни Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико мулоқотҳои таъҷилӣ баргузор гашт. Майдони мулоқотҳо торафт васеъ шуда, тамоми масъалаҳои ихтилофноки байналхалқиро дар бар гирифт. Вақте ки мулоқотҳо пухта расиданд, моҳи июни соли 1961 дар байни Хрушёв ва Кеннедӣ мулоқоти хеле муҳим баргузор шуд. Дар ин мулоқот оид ба тамоми масъалаҳои байналхалқӣ созишномаи умумӣ ба имзо расид. Ҳамин тавр, Иттиҳоди шӯравӣ аз мафкураи душмании доимӣ бо капитализм даст кашид ва мафкураи ҳамзистии осоиштаи капитализмро пазируфт. Аммо агар дар бораи капитализм таваққуф кунем, Амрико пай бурд, ки Англия бар зидди вай ҳаракат карда истодааст ва мехоҳад дар болои ғаниматҳо бо вай рақобат намояд. Лекин ҷанги сард миёни лагери шарқӣ ва лагери ғарбӣ ӯро беҳол кардааст. Ин на ҳолати ҷанг буд, ки тараққиёти иқтисодиро вогузошта, ба сӯи омодагии ҳарбӣ қадам занад ва на ҳолати сулҳ, ки омодагии ҳарбиро вогузошта ба тараққиёти иқтисодӣ рӯ орад. Ин ҳолати байни ҷангу сулҳ, омодагӣ барои ҷанге, ки рух доданаш номаълум аст, боигариҳои давлатро ба дараҷаи даҳшатовар пош медод. Илова бар ин, худи Англия оташи ҷанги сардро меафрӯхт. Мақсад аз ин барбод додани боигарӣ ва имкониятҳои Амрико, ба тадриҷ онро заиф гардондан ва ҳамин тавр, мувозинати байналхалқиро аз кор баровардан буд. Амрико дарёфт, ки мухолифи Англияи капиталистӣ наздик шудан ба Русияи коммунистӣ барои вай манфиатноктар аст. Зеро фасодкориҳои капитализм ҳадду андоза надорад. Олитарин қимат барои вай манфиатдорист. Барои вай ягон чизи муқаддас мавҷуд нест. Танҳо аз қафои манфиатҳои моддӣ монанди

саг давидан асту халос. Бинобар ин Амрико барои наздик кардани фосилаи зиддиятҳо дар байни худ ва Иттиҳоди шӯравӣ кӯшиш намуда, ба музокира даромад. Аз нимаи дуюми даҳсолаи шашуми асри гузашта, яъне пеш аз омадани Кеннедӣ, аз давраи Эйзенхауэр сар карда ба ин кор миён баст. Кеннедӣ баробари ба сари қудрат омадан кӯшиш кард, ки ҳар чи зудтар амалиёти наздикшавии байни Амрико ва Русияро ба марра расонад. Аз ҳокимияти ӯ ҳанӯз як сол нагузашта буд, ки моҳи июни соли 1961 дар Вена бо Хрушёв мулоқот баргузор намуд. Дар ин мулоқот доир ба тамоми масълаҳои байналхалқӣ, ки аз онҳо эҳтимоли сар задани ихтилоф мавҷуд буд, созишномаи фарогир ба имзо расониданд. Ҳамин тавр, Амрико низ аз мафкураи нобудсозии коммунизм ва аз харитаи олам маҳв намудани он, ки ним аср боз барои он амал мекард, даст кашида, роҳи ҳамзистии осоиштаро бо Иттиҳоди шӯравӣ пеш гирифт. Ин ҳолат бештар аз ду даҳсола идома ёфт. Солҳои 80-ум Рейган президенти Амрико интихоб шуда, лоиҳаи барҳамдиҳии Иттиҳоди шӯравиро аз нав зинда кард.

Ҳамин тавр, манфиатҳои роҳбарони ду лагер барои дар миқёси байналхалқӣ нуфузнок шудани танҳо худашон ва пешгирии пешравии дигарон бо ҳам мувофиқ омад. Ҳамчунин ба назар менамуд, ки онҳо дар хусуси сиёсати фишор овардан ба Хитой, аз мустамликаҳо рондани Британия, барҳам додани нуфузи вай дар Шарқи Авсат ва Шарқи Дур, пешгирии соҳиби силоҳи ядровӣ шудани Олмон созиш карда буданд. Дар хусуси ҳамзистии осоишта, истифода накардани қувваи ҳарбӣ дар ҳалли муаммоҳо, тақсим кардани дунё дар байни худ, муайян намудани минтақаҳои нуфуз, муайян намудани дараҷаи ёрӣ ба ҳамдигар дар минтақаҳои нуфуз паймон бастанд. Ба таври ошкоро гӯем, ин ду лагер ба ду ҳампаймоне табдил ёфтанд, ки қувваи ягонаи байналхалқиро ташкил мекарданд. Ҳамин тавр, ҳам аҳволи дунё ва ҳам вазъияти байналхалқӣ тағйир ёфт.

Агар дар хусуси вазъияти байналхалқӣ сухан гӯем, акнун дунё дигар монанди ҳолати қабл аз соли 1961 ду лагер набуд, ки аз ҷиҳати сиёсиву иқтисодӣ бо якдигар рақобат кунанд ва аз алоқаҳояшон муаммоҳои гуногун сар занад. Он ҳамагӣ ба ду лагери мафкуравӣ табдил ёфт. Зеро дар давлатҳои коммунистӣ мафкураи коммунизм, ҳамчунин дар давлатҳои капиталистӣ мафкураи капитализмро нигоҳ медоштанд ва ин ду мафкураро ҳеҷ гоҳ бо ҳамдигар созиш додан имкон надошт. Аз ин ҷиҳат дунё бе шакку шубҳа ду лагер буд. Аммо аз ҷиҳати байналхалқӣ низоми дулагерӣ завол ёфта, тамоми дунё дар қувваи ягона: Амрико ва Русия ифода мешуд. Дар ҷаҳон ин ду гигант ба танҳоӣ ҳукмрониро оғоз карданд. Ба мақоми давлати якум номзадии Амрико бартарӣ дошт. Бинобар ин лагери шарқиву ғарбӣ завол ёфта, номи лагер дар ҷаҳон хомӯш гашт. Вазъияти байналхалқӣ пурра тағйир ёфта, ба ҳолати пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон баргашт. Яъне ҳар як давлат барои ғанимат ҳаракати мустақилонаро оғоз кард. Мухолифат на дар байни лагерҳо, балки дар байни давлатҳо сар шуд. Фарқи байни давраи созиши баъд аз

мулоқоти Вена ва ҳолати қабл аз ҷанги якуми ҷаҳон дар он аст, ки дар вазъияти байналхалқии давраи созиш ду давлати ҳампаймон ҳукмронӣ мекарданд. Аммо давлатҳои дигар аз бадии ин ду эҳтиёт шуда, кӯшиш менамуданд, то бо ҳам паймоне банданд, ки бар зидди онҳо истода тавонад. Аммо ҳолати қабл аз ҷанги якуми ҷаҳон ин тавр набуд. Зеро дар он вақт, гарчанд қувваи давлати якум бештар бошад ҳам, қувваи давлатҳои калон бо ҳамдигар наздик буд. Ин наздикӣ мувозинати қувваҳоро вайрон карда, дар болои ғаниматҳо низоъҳои тезутундро ба вуҷуд овард ва дар натиҷа ба сар задани ҷанги якуми ҷаҳон оварда расонд.

Аммо дар давраи созиш, вақте ки қувваи ду давлат муттаҳид мешуд, аз қувваи ҳар гуна давлат якчанд маротиба меафзуд. Ҳатто аз қувваи тамоми давлатҳои ҷаҳон ҳам афзун мешуд. Аз ин рӯ, монанди гузашта ҷанги ҷаҳонӣ сар назад. Аз эҳтимол дур буд, ки мухолифати гурӯҳи давлатҳои дигар то ба дараҷаи ҷанги ҷаҳонӣ оварда расонад. Ҳамчунин вазъияти байналхалқӣ дар давраи созиш аз вазъияти байналхалқии қабл аз ҷанги дуюми ҷаҳон хеле фарқ мекард. Пеш аз ҷанг давлатҳои пароканда, гарчанд дар шакли фронтҳои гуногун бошанд ҳам, ҳар гуна қувваи пешрафтаи онҳо ба якдигар наздик буд. Мувозинат баъд вайрон шуд. Олмон, Италия ва сопон ба қувва даромада, Англия ва Фаронса ба қувва даромада натавонистанд. Амрико ҳамоно дар узлат менишаст. Италия, Олмон ва сопон бо сабаби вайрон шудани мувозинат дар алоҳидагӣ бо роҳи ҷанг ишғол намудани давлатҳоро пеш гирифтанд. Ин кор ба задухӯрди қувваҳо овард. Дар натиҷа ҷанги дуюми ҷаҳон сар шуд. Аммо ҳолати давраи созиш аз ин фарқ мекард. Вазъияти байналхалқии он давра дар ду давлати калон ва паймони байни онҳо муҷассам мешуд. Ин гуна вазъият намегузошт низои байналхалқие сар занад, ки ба ҷанги ҷаҳонӣ сабаб шавад. Мумкин буд, ки дар байни баъзе давлатҳо низоъ сар занад. Аммо ин низоъ, гарчанд сабаби сар задани ҷанги маҳаллӣ мешуд ҳам, ду давлати гигант қудрат доштанд, ки дар вақти дилхоҳ оташи он ҷангро хомӯш созанд.
Аммо сиёсати созиш, ки соли 1961 бо созиши Иёлоти муттаҳида ва Иттиҳоди шӯравӣ оғоз шуда буд, анҷоми муборизаи байни коммунизм ва капитализмро намефаҳмонид. Он асос ва сабабҳои худро дошт. санги сард ва омодагӣ ба коре, ки воқеъ шудани он маълум набуд, ҳар ду ҷонибро хароб мекард. Бинобар ин ба роҳи созиш ва байни ҳам тақсим кардани дунё гузаштанд. Ҳар ду барои танзими корҳои дохилии худ ба вақт эҳтиёҷ доштанд. Баробари анҷом ёфтани ҷанги Ветнам созиш ҳам аҳамияти худро оҳиста-оҳиста гум кард. Фаронса, вақте ки онро аз мустамликаҳояш берун ронданд, барои дарёфти қувва ба Аврупо баргашт. Британия ҳам эҳсоси нотавонӣ карда, барои ба қадри имкон нигоҳ доштани худ кӯшиш намуд, ки бо Аврупо тақвият ёбад. Иттиҳоди шӯравӣ ба қувваи бузурги стратегӣ табдил ёфт, дар забт намудани кайҳон пешдастӣ намуда, нуфузи худро то минтақаҳое, ки аз ҳудуди ҳаётии он берун буданд, густариш дод. Ҳамин тавр, амалан ба қувваи

ҷаҳонӣ табдил ёфт.
Аз тарафи аксари гурӯҳҳои сиёсии иборат аз ростгароён ва либералҳо бар зидди сиёсати созиш ҳуҷумҳо оғоз шуданд. Иёлоти муттаҳида тадриҷан аз доираи созиш берун баромад. Зеро Иттиҳоди шӯравӣ дар сояи созиш қувваи даҳшатноке касб карда буд, ки айши ИМА-ро талх мекард. Замони амнияти мутлақи ИМА ба поён расида, қоидаи «он танҳо аз ту ва ин танҳо аз ман» ҳукмрон гашт. Яъне тақдирҳо бо ҳам вобаста шуданд. Дар натиҷа давлатҳои Аврупо аз Иёлоти муттаҳида берун шуда, дар муносибат бо Иттиҳоди шӯравӣ сиёсати мустақилонаро ба роҳ монданд. Генрӣ Киссинҷер соли 1973-ро соли Аврупо номида буд. Зеро дар ин сол ҳалҳои умумӣ рух дода буданд. Дар хусуси вазъияти Ветнам «Созишномаи Париж» ба имзо расид. ИМА якҷоя бо Иттиҳоди шӯравӣ Фаронсаро аз бисёр мустамликаҳояш бароварда, Британияро маҷбур сохта буданд, ки аксар базаҳои ҳарбии худро дар олам вайрон кунад. Хитойро низ дар зери фишор гирифта буданд. Ҳамин тавр, созиш аз асосҳои худ ҷудо шуд. Бешубҳа Иёлоти муттаҳида ҳамчун қувваи ҳарбии нисбат ба пеш аз созиш ҳам бузургтар ҷудо шуд. Бинобар ин Британия, Фаронса ва Голландияро аз мустамликаҳояшон бароварда, тавассути ишғол намудани ҷойҳои онҳо дорои нуфузи сиёсии мукаммал гашта буд. Хуллас, созиш барои ИМА сермаҳсул шуд. Гуфтан мумкин нест, ки мутлақо он ҷонибҳои салбӣ надошт. Аммо онҳо бо ҷиҳатҳои эҷобӣ баробар шуда наметавонистанд. Вақте ки соли 1973 асосҳои созиш барҳам хӯрд, Амрико ба бартараф намудани ҷиҳатҳои салбие, ки дар натиҷаи сиёсати созиш ба вуҷуд омада буд, сар кард. Корро аз барҳам додани нуфузи Иттиҳоди шӯравӣ дар минтақаҳои берун аз ҳудуди он, бемадорсозии он аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ба паноҳи Амрико баргардонидани Аврупо оғоз кард. Густаришёбии нуфузи Иттиҳоди шӯравӣ берун аз ҳудуд он бо сабаби иқтисод суст буд. Ин ҳолат дар вақти дилхоҳ бе душворӣ ба шикастани он имкон медод. Лекин густариши нуфуз ба Иттиҳоди шӯравӣ ҳуқуқ медод, ки дар масъалаҳои байналхалқӣ иштирок намояд. ИМА ин ҷиҳатро сарфи назар накарда буд. Зеро он тавассути сиёсати созиш мақсад дошт, ки Иттиҳоди шӯравиро на ин ки шарик кунад, балки зери фишор бигирад. Бинобар ин лозим донист, ки густариши нуфузи Иттиҳоди шӯравиро берун аз ҳудуди он пешгирӣ кунад.
Агар дар хусуси аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф гардонидани Иттиҳоди шӯравӣ таваққуф намоем, ба фикри ИМА, мусобиқаи яроқнокшавӣ иқтисоди шӯравиро шикаста, дучори инқироз мекард. Ин кор охири солҳои 70-ум дар давраи Картер оғоз шуд. Баъдтар қувват гирифта, ба як нишонаи ҷудогона ва назарраси сиёсати Рейган табдил ёфт. Рейган мусобиқаи яроқнокшавиро ривоҷ дод. Картер аз рӯи барномаи ҳамсобиқааш кор пеш гирифт. солибтарини онҳо базаҳои мобилии мушакҳои «Эм-Икс» буд. Ба ин кор ташаббуси мудофиаи стратегӣ ё «ҷанги ситораҳо» низ илова шуд. Ин стратегия тақозо мекард, ки технологияро ба ихтирои зиреҳи дифоии зиддимушакӣ сафарбар

намояд. Иттиҳоди шӯравӣ ба таҳлука афтод, ки мабодо агар ҷанги ядровӣ рух диҳад, анборҳои яроқу аслиҳаро истифода карда наметавонад. Ин маънои аз байн рафтани мувозинати қувваҳо ва ба ҷанги ядровӣ шавқманд шудани Амрикоро дошт. Аммо ҳодисаи мазкур Иттиҳоди шӯравиро маҷбур сохт, ки барои ривоҷ додани низоми мудофиавии худ ба ҳаракат дарояд. Зеро вазъиятҳои мавҷудаи он дар соҳаи силоҳҳои таҳоҷумӣ имкони рақобат карданро намедод. Бинобар ин рақобат аз ривоҷ додани воситаҳои таҳоҷумӣ ба ривоҷ додани воситаҳои мудофиавӣ гузашт. Ҳаминро бояд гуфт, ки стратегияи Рейган оид ба мудофиа ё ҷанги ситораҳо, гарчи дар аввал то як андоза тараққӣ ёфта бошад ҳам, барои ноил шудан ба ихтирои технологияе, ки зиреҳи дифоии зиддимушакиро баровардa тавонад, ҳанӯз барвақт буд. Барои задани мушакҳои баллистикӣ қабл аз баргаштан ба атмосфера тӯпҳое лозим буданд, ки нурҳои лазериро дар ғафсии лозимӣ равон карда тавонанд. Лекин аз ҷиҳати илмӣ исбот шуда буд, ки сохтани ин гуна тӯпҳо ғайриимкон аст. Аммо Рейган ҳанӯз ба марҳилаҳои олии тараққиёт ноил нагашта, эълон кард, ки ташаббуси мудофиаро қабул кардааст. Бо ин тавонист, ки Иттиҳоди шӯравиро ба таҳлука андозад ва ба мусобиқаи яроқнокшавие, ки иқтисоди пӯсидаи он бардошта наметавонист, ҷалб кунад. Ҳол он ки стратегияи ҷанги ситораҳо ба созишномаи байни ИМА ва Иттиҳоди шӯравӣ дар соли 1972 оид ба дифои зиддимушакӣ мувофиқ намеомад. Лекин Рейган исрор намуд, ки ин ташаббус ба созишномаи мазкур зид нест. Бо ин иқдом раванди муносибатҳоро бо Иттиҳоди шӯравӣ мураккаб гардонид. Метавон гуфт, ки бо ҳамин охирин нишонаҳои сиёсати созишро маҳв кард. Корҳои Рейган Иттиҳоди шӯравиро ба мусобиқаи нави яроқнокшавӣ кашид. Гарчанд ин дафъа эътибор на ба ривоҷ додани низоми таҳоҷумӣ, балки ба низоми мудофиавӣ нигаронида шуда бошад ҳам, мақсад Иттиҳоди шӯравиро аз ҷиҳати иқтисодӣ нотавон кардан, барои баргаштан ба ҳудуди фаъолияти худ, ки дар «Созишномаи Вена» ба имзо расидааст, маҷбур сохтан ва аз ҳама аниқтараш, ӯро ба чоҳ тела додан буд.

Аврупо аз давраи созиш истифода карда, аз зери назорати Иёлоти муттаҳида раҳо ёфт. Сиёсатшиносони Амрико барои ба сояи ИМА баргардонидани вай бевосита машғул шуданд. Британия тақрибан аз соли 1973 сар карда аз сояи вай баромада буд. Киссинҷер ин солро «соли Аврупо» номид. Зеро давлатҳои Аврупо таъкид карда буданд, ки манфиатҳои онҳо аз манфиатҳои ИМА ҷудогона аст. Аз ҷангидан барои ҳимояи манфиатҳои Амрико канорагириро оғоз намуда буданд. Амрико соли 1982 мушакҳои болдори миёнапарвози «Першинг-2» ва «Круиз»-ро дар ҳудуди Аврупо ҷойгир кард. савобан Иттиҳоди шӯравӣ низ барои дар Аврупо ҷойгир намудани мушакҳои миёнапарвози худ баҳона ёфт. Бо ин ИМА амнияти давлатҳои Аврупоро бо амнияти худ вобаста кард. Ҳамин тавр, тақдири давлатҳои Аврупо бо тақдири Иёлоти муттаҳида зич пайваст шуд.

Вақте ки Рейган бори дуюм президент интихоб шуд, соли 1985 дар Иттиҳоди шӯравӣ Горбачёв ба сари ҳокимият омад. Баробари ба сари ҳокимият омадани вай Иттиҳоди шӯравӣ пай дар пай ба ИМА гузашткуниро оғоз намуд. Ҳамин тавр, Иттиҳоди шӯравӣ дар вартаи ҳалокат қарор гирифт. Бинобар ин ҳангоми Қасри сафедро тарк кардани Рейган ба ӯ савол доданд: «Ҳамчун президент кадом корро бурди асосии худ меҳисобед?» Дар ҷавоб гуфт: «Мегӯянд, ки ман дар ҷанги сард ғолиб омадаам». Ӯ рост гуфта буд.
Ҳамин тавр, баробари Қасри сафедро тарк кардани Рейган вазъияти байналхалқӣ пурра тағйир ёфт. Сиёсати созиш комилан барҳам хӯрд. Иттиҳоди шӯравӣ бо сабаби фишори иқтисодӣ ва мусобиқаи яроқнокшавӣ ба ларза даромад. Илова бар ин, қувваҳо ба шӯроҳо ва мухолифат тақсим шуда буданд. Бар зидди идеологияи шӯравӣ ҳуҷуми байналхалқии ахбори омма оғоз ёфт. Хуллас, дар ИМА минбаъд номи созиш ҳам боқӣ намонд. Бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ ҳуҷумҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологиро ташкил мекард. Дар натиҷа кӯшиши вай барои нуфуз ё ин ки барои густариши нуфуз берун аз майдони худ барбод рафта, ба инқирози дохилӣ гирифтор шуд. Бар замми ин, дар дохили иттиҳод, умуман дар лагери шарқӣ, сипас дар тамоми олам қувваҳои мухолиф ба вуҷуд омаданд ва ниҳоят ибтидои солҳои 90-ум Иттиҳоди шӯравӣ барҳам хӯрд. Иёлоти муттаҳида чун аввал ба давлати якум табдил ёфт, ки ҳеҷ кас бо вай рақобат карда наметавонист. Хуллас, давлатҳои дунё вобаста ба вазъият ҳамеша тағйир меёбанд. Дар гузашта Давлати Усмонӣ, Пруссия, Русия, Австрия, Англия ва Фаронса дар дунё ҳукмрон буданд. Онҳо дунёро идора кардаанд, ба амният рахна андохтаанд ва ҷангҳо ташкил намудаанд. Баъдан Иёлоти муттаҳида пайдо шуда, ғурури ин давлатҳоро шикаст ва онҳоро ба «дунёи қадим» (Аврупо) маҳдуд кард. Сипас Австрия аз мақоми давлати калон фуромад ва давлатҳои ҳукмрони дунё панҷто шуданд. Онҳо Русия, Олмон, Англия, Фаронса ва Давлати Усмонӣ буданд. Баъд Давлати Усмонӣ ҳам барҳам хӯрд ва ин давлатҳо чорто монданд: Русия, Олмон, Фаронса ва Англия. Баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон коммунизм барпо шуд ва Ҳизби комунистӣ ба сари ҳокимият омада, Русия ба канор баромад. Олмон, ки дар ҷанги якуми ҷаҳон мағлуб шуда буд, аз по афтод. Дар натиҷа танҳо Англия ва Фаронса давлати калон монданду халос. Англия ғайр аз Амрико тамоми оламро идора мекард. Фаронса аз пушти вай медавид. Ибтидои даҳсолаи чорум, аниқтараш, соли 1933 натсизм ба сари ҳокимият омада, барои баланд бардоштани обрӯи Олмон ба ҳаракат даромад ва ба давлати калон табдил ёфт. Андаке қабл аз ин ҳокимияти Италияро Муссолинӣ ба даст даровarda, барои баланд бардоштани обрӯи Италия ҳаракат кард ва ба қатори давлатҳои калон даромад. Дар ин тараф ситораи Ҷопон дурахшид. Чун ба давлати аз ҷиҳати саноат мутараққӣ табдил ёфт, нуфуз пайдо кард ва аз қатори давлатҳои калон ҷой гирифт. Давлати шӯравӣ ҳам қувват гирифта, дорои вуҷуди байналхалқӣ гашт ва ба давлати калон табдил ёфт. Ҳамин

тавр, давлатҳои калон шашто шуданд: Иттиҳоди шӯравӣ, Олмон, Англия, Фаронса, Италия ва сопон. Амрико ҳамоно дар узлат буд. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон Олмон, Италия ва сопон ба мағлубият дучор гашта, аз пой афтоданд. Дар ҳамин вақт Иёлоти муттаҳида узлатро як тараф гузошта, ба корҳои дунё дахолатро оғоз намуд. Англия ва Фаронса мақоми давлати калонро нигоҳ доштанд. Бо ҳамин давлатҳои калон чорто шуданд: Иттиҳоди шӯравӣ, Англия, Фаронса ва ИМА. Пас аз созиши Иттиҳоди шӯравӣ ва ИМА дар соли 1961 ҳам Англия ва ҳам Фаронса аз мақоми давлати калон фуруд омаданд. Акнун ду давлати калон монд: Иттиҳоди шӯравӣ ва Иёлоти муттаҳида. Онҳо бо ҳам паймон баста, қувваи ягона шуданд. Ҳамин тавр, олам ба як қувваи бузурги иборат аз ду давлат табдил ёфт. Каме пеш аз барҳамхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ғайр аз ин ду давлат дигар ягон давлати калон вуҷуд надошт, ки ҳукми худро дар олам гузаронад.
Соли 1985 Горбачёв роҳбари Иттиҳоди шӯравӣ шуд. Ин ба даври дуюми президентии Рейган рост меомад. Аз ҳамин вақт Иттиҳоди шӯравӣ пай дар пай ба ИМА гузашткуниро оғоз намуд. Оқибат дар вартаи ҳалокат қарор гирифт. Бинобар ин ҳангоми Қасри сафедро тарк кардани Рейган ба ӯ савол доданд: «Ҳамчун президент кадом корро бурди асосии худ меҳисобед?» Дар ҷавоб гуфт: «Мегӯянд, ки ман дар ҷанги сард ғолиб омадаам». Ӯ рост гуфта буд. Ин ҳодиса ҳукмронии давлати якумро аз болои вазъияти байналхалқӣ барқарор намуда, Иттиҳоди шӯравиро аз мақоми давлати калон фуруд овард. Сипас Иттиҳоди шӯравӣ пош хӯрд. Русия меросхӯри нерӯ ва қувваҳои ҳарбии он шуд. Аммо он ба инқирози сиёсӣ ва холигоҳи фикрӣ гирифтор гашта буд. Илова бар ин, бо сабаби иллатҳои пасмондаи коммунизм муаммоҳои дохилии иқтисодӣ ва сиёсиро аз сар мегузаронид. Ин чиз таъсири онро ба сиёсати дунё барбод дод.
Ҳамин тавр, ИМА дар дунё ба давлати калони ягона табдил ёфт, ки чархи сиёсати оламро бе ягон рақиб мегардонид. Фаронса, Британия ва Олмон, ки сегонаи Аврупоро ташкил медиҳанд, барои ба майдони рақобат ворид шудан кӯшиш мекунанд, аммо то ҳол аз ӯҳдаи ин кор набаромаданд. Ҳодисаҳое, ки соли 2003 дар аснои истилои Ироқ рӯй доданд, айнан дар ҳамин сол ҷамъомадҳо доир ба ташкили қувваҳои аз Иттиҳоди Атлантика мустақили Аврупо, соли 2004 ба ҳукми ҳашт давлати пешрафтаи саноатӣ ҳавола намудани мунозираҳо дар хусуси лоиҳаи Шарқи Авсати Амрико нишонаи ҳамин кӯшишҳо мебошанд. Оре, ин ҳамагӣ кӯшиш буд.
Ҳолати вазъияти байналхалқӣ то имрӯз ҳамин аст. Ҳаминро донистан лозим аст, ки дар тӯли таърих давлатҳои калон, хусусан давлатҳои якум, ба дунё ҳукмронӣ кардаанд. Вақте ки давлатҳои калон нотавон шуда, ҷои онҳоро давлатҳои дигар ишғол намуданд, вазъияти байналхақӣ тағйир ёфтааст. Дар натиҷа тарзи муносибати байни давлатҳои калон шакли дигар гирифта, байни вазъияти давлати якум ва давлатҳои бо он рақобаткунанда тафовут сар задаст. Гоҳо давлати якум нотавон

шудааст. Масалан, Англия ҳангоми бо вай ба рақобат пардохтани Олмон нотавон шудааст. Гоҳо давлати якум пурзўр гаштааст. Масалан, Амрико ба мавқеи Англия ва Фаронса зарба зада, худро пурзўр гардонидааст. Пас аз мулоқоти Вена ба вазъияти байналхалқӣ таъсир расонданро бо Русия ба ҳам дидааст. Гоҳо давлати якум берақиб мондааст. Масалан, пас аз пошхўрии Иттиҳоди шўравӣ ҳамин гуна ҳолат рух додааст. Бинобар ин барои ноил шудан ба дарки сиёсати байналхалқӣ тамоми инҳоро ба таври дақиқ ва зина ба зина идрок намудан лозим мебошад.

# САБАБҲОИ МУБОРИЗА ДАР БАЙНИ ДАВЛАТҲО

Аз оғози субҳи таърих то рӯзи қиёмат фақат бо ду сабаб дар байни давлатҳо мубориза сар мезанад. Якум, муҳаббати ҳукмронӣ ва шӯҳрат, дуюм, аз паи манфиатҳои моддӣ давидан. Муҳаббат ду қисм мешавад: муҳаббат ба ҳукмрон гаштани халқу миллат, муҳаббат ба мабдаъ ва густариши он. Масалан, дар натсизми Олмон ва фашизми Италия муҳаббат ба ҳукмрон гаштани миллат, аммо дар Давлати Ислом тақрибан 1300 сол ва дар давлати коммунизм тақрибан 30 сол муҳаббат ба ҳукмронии мабдаъ ҷой дошт.

Пешгирии афзоиши қувваи ягон давлат ба муҳаббати ҳукмронӣ вобаста ва ба ҳукмронии дигарон муқовимат кардан аст. Масалан, бар зидди Наполеон, Давлати Ислом ва натсизми Олмон ҳамин кор рух дод. Аз паи манфиати моддӣ давидан баъд аз заволёбии Давлати Ислом ва Иттиҳоди шӯравӣ сабаби ягона гашт, ки ба талоши ҳукмронӣ бар тамоми олам водор месозад. Ин ҳолат, то замоне идома мeёбад, ки Ислом ҳамчун давлати калони ба сиёсати байналхалқӣ таъсиррасонанда аз нав барқарор гашта, муҳаббати ҳукмронӣ ба мабдаъ ва густариши онро ҳамроҳи худ биёрад.

Хатарноктарин сабаби мубориза дар байни давлатҳо мустамликадорӣ аст. Сабабгори ҷангҳои хурд, ҳар ду ҷанги ҷаҳонӣ, ҷангҳои Халиҷ, ҷангҳои Африқо ва ҷангҳои Афғонистону Ироқ ҳамин мустамликадорӣ шуд. Мустамликадорӣ ҳанӯз сабабгори тангиву нооромиҳои ҷаҳон гашта истодааст.

Сабабгори ихтилофу низоъҳои пинҳониву ошкоро, ки имрӯз дар байни Амрико, Британия, Фаронса ва Русия дар атрофи муаммоҳои Ироқ, Афғонистон ва Шарқи Авсат сар мезанад, мустамликадорӣ ва манфиатдорӣ мебошанд. Пас, мустамликадорӣ, ки аз рақобат намудан дар болои тамоми навъу шаклҳои ҳукмронӣ, низоъ дар болои сарватҳо ва талош барои нуфуз иборат аст, дар муборизаи имрӯзаи байналхалқӣ ҳукмфармо мебошад.

Аслан аз паи манфиатҳои моддӣ давидан ва махсусан чашмгуруснагии мустамликадорӣ боиси сар задани муборизаи сиёсӣ дар байни давлатҳои калон гашта, ин мубориза дар навбати худ ҷангҳои

маҳалливу ҷаҳониро ба вуҷуд овардааст. Бо мақсади рӯйпӯшкунии ин ҷангҳо шиорҳои гуногунеро, аз қабили «сулҳу амният», эҷод намудаанд. Ҳамин тавр, баҳонаи «ҳимояи сулҳу амният» ба вуҷуд омадааст.

Баҳонаи «ҳимояи сулҳу амният» навигарӣ нест, ки акнун пайдо шуда бошад. Он аз қадимулайём мавҷуд буда, ҳанӯз дар аввалҳои асри XIX пайдо шудааст. Зеро «Созишномаи Икс-ла-Шапел», ки соли 1818 дар байни панҷ давлати калон ба имзо расид, айнан бо ҳамин баҳона баста шуда буд. Давлатҳои мазкур бо воситаи ҳамин созишнома, дурусттараш, ҳамин иттиҳод худро ҳомии сулҳ ва низоми ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон доданд, бо даъвои қалбакии «ба сулҳ ё ин ки низом хатар вуҷуд дорад» ба корҳои давлатҳои дигар дахолат карданд. Минбаъд даъвои мазкур барои давлатҳои калон ба баҳонаи тайёр ва шиори байналхалқӣ табдил ёфт, ки тавассути он дахолат мекарданд ва ҷанг эълон менамуданд, барои мустамликадорӣ ва нигоҳ доштани нуфуз аз он ҳамчун васила истифода бурдаанд.
Онҳо, бинобар даъвои худ, амниятро бо воситаи иттиҳод ё анҷуманҳои байналхалқӣ дар байни давлатҳои калон нигоҳ медоштанд. Аммо баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон амният бо воситаи созмонҳои байналхалқӣ нигоҳ дошта мешуд. Ба созишномаҳои сулҳи соли 1919 оид ба таъсиси як созмони байналхалқии ҳомии сулҳ банди нав ворид карда шуд. Ин созмон Лигаи миллатҳо буд. Аслан он бояд ҳомии сулҳ мешуд. Вале давлатҳое, ки Лигаи миллатҳоро таъсис дода буданд, бар зидди ғояи таъсиси созмони мазкур амал намуда, аҳди худро шикастанд. Аслан ин давлатҳо бояд аз мустамликаҳояшон даст кашида, ҳимояи сулҳ ва пешгирии ҷангҳоро ба созмони мазкур ҳавола мекарданд. Вале чунин накарданд, яъне аз мустамликаҳо даст накашиданд ва вазъи худро тағйир надоданд. Баръакс тамоми эътиборро ба пайдокунии мувозинат дар байни қувваҳои гуногун ва ҳимояи манфиатҳои худ равона сохтанд. Илова бар ин, мулкҳои Олмон ва Давлати Усмониро байни ҳам тақсим намуданд. Англия аз ин мулкҳо ҳиссаи калонтаринро гирифт. Дар натиҷа ба сулҳе, ки бо мақсади он созмон таъсис дода буданд, рахна ворид шуд, чандин ҷангҳо сар зад ва ин ҷангҳо бо ҷанги дуюми ҷаҳон хотима ёфт. Баъд аз ҷанг боз кӯшиш намуданд, ки барои ҳимояи сулҳ ва амнияти байналхалқӣ як созмони ҷаҳонӣ таъсис диҳанд. Масъалаи мазкур дар байни давлатҳои калон, монанди Англия, Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Минбаъд Фаронса ба онҳо ҳамроҳ шуда, дар бораи зарурати тарзи азнавбунёдкунии олами баъдазҷангӣ, ки сулҳ ва пешгирии ҷангро кафолатнок мегардонад, бо ҳам мубодилаи афкор намуданд. Осонгардонии ҳамкории иқтисодӣ дар байни низомҳои гуногун ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон низ ба масъалаҳои мазкур зам гардид. Аз ҳамон вақт СММ ба ҳомии сулҳ, ибораи «сулҳ» ва «амнияти байналхалқӣ» ба шиори байналхалқии дар нӯги забонҳо чархзананда табдил ёфт. Давлатҳои калон барои нигоҳдории сулҳ ва гирифтани пеши роҳи озодиву раҳоӣ ёфтани давлатҳои дигар аз зери

юғи мустамликадорӣ аз он ҳамчун баҳона истифода карданд. Ҳамин тавр, мафкураи нигоҳдории сулҳ инкишоф ёфта, то ба аҳволи имрӯза расид.
Масъалаи ҳимояи сулҳ дар созмони байналхалқӣ афсонаеро бо номи «беяроқшавӣ» ба миён овард. Лигаи миллатҳо низ кӯшиш карда буд, ки дар ҳамин мавзӯъ кор барад. Англия аз он барои заифгардонии Фаронса ҳамчун восита истифода кард ва Олмонро ба мусаллаҳшавӣ такон дод, то ки дар Аврупо миёни Олмон ва Фаронса мувозинатро ба вуҷуд оварад. Дар натиҷа мавзӯи беяроқшавӣ ноком гашта, ҷанги дуюми ҷаҳон сар зад.
СММ низ дар мавзӯи беяроқшавӣ кор бурд. Вале то ҳол ягон давлати калон ба дигар давлати калон, чунон ки Англия бо воситаи Лигаи миллатҳо ба Фаронса «сабақ» дода буд, сабақ дода натавонист. СММ низ натавонист дар ин бора ягон кори таъсирнок анҷом диҳад. Барои ҳамин мафҳуми «беяроқшавӣ» бо ном вуҷуд дорад, аммо дар воқеъ не. Мардум ҳастии онро умуман ҳис намекунанд.
Мубориза дар байни давлатҳои калон анҷуман ва иттиҳодҳои байналхалқиро ба вуҷуд овард. Анҷумани Вена аввалини онҳо буд, ки соли 1815 баргузор гашт. Пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон якчанд анҷуман баргузор гашта буд. Анҷумани Берлин, ки барои сарнагунсозии Давлати Ислом ва тақсимкунии мулки он баргузор гардида буд, аз ҳамин ҷумла аст. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон низ якчанд анҷуман баргузор гардид. Анҷуманҳои Берлин, Женева ва Париж аз ҳамин ҷумла аст. Баъд аз он ки Амрико бо Иттиҳоди шӯравӣ паймон баста, бо ҳам қувваи ягонаро ташкил карданд, ягон анҷуман баргузор нагашт. Фақат соли 1969 вакилони давлатҳои калон, монанди Фаронса, Англия, Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико, дар доираи корҳои СММ анҷуман доир намуда, муаммои Шарқи Авсатро баррасӣ карданд. Аммо анҷуман номидани он мумкин набуд, чунки он дар доираи СММ маҳдуд мешуд.
Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон анҷуманҳо барои омӯзиши муаммоҳои мавҷуда дар байни лагерҳои шарқӣ ва ғарбӣ баргузор мегардид. Чунки лагери шарқӣ дар СММ мавқеи заиф дошт. Барои ҳамин Иттиҳоди шӯравӣ кӯшиш намуд, ки зимоми ташаббусро аз дасти лагери ғарбӣ гирифта, ба мавқеи Амрико зарба занад. Барои аз дасти СММ гирифтани муаммоҳо азм кард. Дар анҷумани Берлин комёб гардид, яъне фосилаи зиддиятро дар байни Британия, Фаронса ва Амрико васеътар гардонид ва дар бораи баргузор намудани анҷумани Женева ба қабули қарор муваффақ шуд. Дар анҷумани Женева низ муваффақият ба даст овард. Хуллас, анҷуманҳо Амрикоро заиф ва Иттиҳоди шӯравиро пурзӯр сохт. Англия кӯшиш кард, ки барои ҳалли муаммоҳои худ дар шакли ҷудогона, берун аз доираи СММ бо Амрико анҷуман баргузор намояд. Дар ҷазираи Бермуд анҷуман баргузор намуд, лекин он ноком гашт. Баъд аз ин дар байни давлатҳои лагери ғарбӣ ягон анҷуман баргузор нагардид. Фақат бо мулоқотҳои анъанавӣ дар байни Амрико ва Англия маҳдуд шуданд. Амрико пай бурд, ки баргузор намудани

анҷуман берун аз доираи СММ мавқеъ ва мақоми вайро дар майдони байналхалқӣ заиф мегардонад. Бахусус, баъд аз он ки соли 1961 дар мулоқоти Вена бо Иттиҳоди шӯравӣ паймон баст, минбаъд ба баргузор намудани анҷуман берун аз доираи СММ розӣ нашуд. Иттиҳод бастан дар байни давлатҳо аз қадим мавҷуд аст. Мақсад аз он афзудани қувваи ҳар як давлат нисбат ба давлатҳои дигар ё пешгирии вайроншавии мувозинат аз тарафи давлатҳо мебошад. «Созишномаи Икс-ла-Шапел», ки соли 1818 баргузор гардид, аз иттиҳод иборат буд. Иттиҳодҳои Англия, Фаронса, Австрия ва Олмон бо мақсади пурзӯршавӣ ва нигоҳдории мувозинат ба амал омада буд, иттиҳоди Фаронса ва Англия бар зидди Олмон дар ҷанги якуми ҷаҳон, иттиҳоди Амрико, Англия, Фаронса ва Иттиҳоди шӯравӣ бар зидди Олмон дар ҷанги дуюми ҷаҳон иттиҳоде ба ҳисоб мерафт, ки бар зидди давлати калон таъсис дода шудааст. Иттиҳоди Атлантика, ки баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ таъсис дода шудааст, инчунин Иттиҳоди Варшава, ки айнан баъд аз ҳамин ҷанг бар зидди лагери ғарбӣ таъсис дода шудааст, иттиҳодҳоянд, ки бар зидди қувваи дигар таъсис дода шудаанд. Пас, иттиҳодҳо низ монанди анҷуманҳои байналхалқӣ яке аз воситаҳои ҷамъ кардани қувва ва нигоҳ доштани мувозинат бар зидди қувваҳои дигар мебошад. Воқеи иттиҳодҳо, ки яке аз силоҳҳои муборизаи байналхалқӣ мебошанд, ҳамин аст. Боз иттиҳодҳо ва созишномаҳое ҳастанд, ки онро давлатҳои калон дар байни давлатҳои хурд ё дар байни худ ва давлатҳои хурд мебанданд. Ин гуна иттиҳодҳо силоҳи бевоситаи муборизаи байналхалқӣ нестанд, балки воситаҳои пурзӯршавии мустамликадорӣ ё давлати калони мустамликадор ба ҳисоб мераванд. Масалан, Англия ба иттиҳоди Ироқ ва Туркия, инчунин иттиҳоди Саъдобод пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон сарварӣ карда буд. Мақсади Англия таҳкими нуфузи худ дар ҳамон давлатҳо ва афзудани вазни байналхалқии худ дар муқобили дигар давлатҳои калон, монанди Фаронса ва Иттиҳоди шӯравӣ буд. Сабабгори созишномаҳои Англия пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон бо Ироқ ва Миср ҷанг набуд, балки воситаи таҳкими мустамликадории вай ба шумор мерафт. Иттиҳодҳое монанди Иттиҳоди Бағдод, ки Англия баъд аз ҷанг таъсис додааст ё Иттиҳоди Осиёи ҷанубӣ-Шарқӣ, ки Амрико таъсис додааст ё ки Кувайт, Покистон, Миср, Марокаш, Аргентина, Кореяи ҷанубӣ, Баҳрайн, Австралия, Зеландияи нав, Филиппин, Таиланд ва Исроилро ба иттифоқчиёни стратегӣ берун аз Иттиҳоди Атлантика табдил додани Амрико иттиҳодҳое нестанд, ки барои ҷанг таъсис дода шуда бошанд, балки воситаҳои таҳкими мустамликадорӣ ва нуфузи Амрико мебошанд. Ин гуна иттиҳодҳо силоҳи бевоситаи муборизаи байналхалқӣ ба ҳисоб намераванд, чунин силоҳҳо иттиҳодҳое ҳастанд, ки дар байни давлатҳои калон таъсис дода мешаванд. Аслан бо сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ва лагери шарқӣ бояд нақши Иттиҳоди Атлантика ба поён мерасид. Вале Амрико ин иттиҳодро нигоҳ дошт, нафақат нигоҳ дошт, балки ба васеъ кардани он

кӯшиш намуд ва васеъ кард. Бештари давлатҳои Аврупои Шарқиро ба вай ҳамроҳ карда, давлатҳои дигарро низ ҳамроҳ кардан хост. Сабаб ин аст, ки ғояи иттиҳод тағйир ёфт. Акнун он на бар зидди лагери шарқӣ, балки бар зидди давлатҳои аъзои лагери ғарбӣ нигаронида шуд. Гап дар он аст, ки аврупоиҳо барои аз чанголи Амрико раҳоӣ ёфтан кӯшиш намуданд ва Амрико инро пай бурда, барои пешгирии ин кор иттиҳодро нигоҳ дошт. Махсусан, азбаски вай хоҷаи Иттиҳоди Атлантика буд, барои дар зери даст нигоҳ доштани аврупоиҳо ва ба худ вобаста кардани амнияту мудофиаи онҳо ҳамин иттиҳодро нигоҳ дошт. Давлатҳои имрӯза, ки дар ҷанги дуюми Халиҷ ва истилои Ироқ ба Амрико шарикӣ мекунанд ва номи иттифоқчиро гирифтаанд, намунаи иттиҳодест, ки бо мақсади афзудани нуфузи Амрико дар минтақа ва пурзӯркунии самти яккаҳукмронии ҳукумати Амрико таъсис дода шудаанд. Ин яке аз воситаҳои нави мустамликадории Амрико мебошад. Умуман, асосҳои сиёсати байналхалқӣ аз ҳамин иборат аст. Сиёсати ҳар як давлате, ки ба сиёсати байналхалқӣ таъсир мерасонад, ба ҳамин чизҳо асос меёбад. Корҳои сиёсиеро, ки дар дунё рух медиҳанд, бо ёрии ин асосҳо фаҳмидан ва мувофиқи воқеъ ё наздик ба он талқин кардан мумкин аст. Пас, фаҳмидани корҳои сиёсии ҳар як давлат чи калон ва чи хурд тавассути ҳамин асосҳо ё ҷузъҳои онҳо ё корҳои ба онҳо алоқадор ба амал меояд. Хуллас, аввало воқеи кор, макон, шароитҳои рух додани он омӯхта ва сипас ба яке аз асосҳои мазкур вобаста карда мешавад. Ҳамон вақт воқеъ ва сабабҳои кор аён гашта, имкони дарк кардани натиҷаҳои он ба даст меояд.

Корҳои сиёсие, ки дар олам рух медиҳанд, хеле зиёданд. Онҳо ба якчанд муаммо тааллуқ доранд. Муҳимтарини онҳоро ба шаш муаммои бузург маҳдуд кардан мумкин аст: муаммои Аврупо, муаммои Шарқи Авсат, муаммои Осиёи Миёна, муаммои нимҷазираи Ҳинд, муаммои Шарқи Дур, муаммои Африқо.
Сababи маҳдуд кардани баҳс ба ҳамин шаш муаммо ин аст:
1. Мубориза ва рақобат дар байни давлатҳои калон айнан дар бораи ҳамин минтақаҳо рух медиҳад. Бинобар ин, табиист, ки муаммоҳои онҳо муҳимтарин муаммо мебошанд.
2. Халқҳои ин минтақаҳо ҳаёти бесарусомон ба сар мебаранд. Аҳволи онҳоро омӯхтан лозим аст. Бахусус аксари онҳо халқҳои исломӣ буда, барои бунёд кардани Давлати Ислом ва аз ҳокимони худ халос шудан иштиёқи зиёд доранд.
3. Бештари ҳодисаҳои сиёсии олам амалан дар ҳамин минтақаҳо рух медиҳанд. Бинобар ин, онҳо дар фаҳмидани дигар муаммоҳои сиёсӣ намунаи беҳтарин мебошанд.
4. Ин минтақаҳо аз конҳову сарватҳо пур аст. Аз ин рӯ, давлатҳои мустамликадор ва ширкатҳои монополистӣ ба онҳо мисли саг дармеафтанд, тамоми имкониятҳои худро ба кор мебаранд, то ки бар онҳо ҳукмрон гашта, конҳову сарватҳояшонро ба даст дароранд.
5. Минтақаҳои қитъаи Амрико соли 1823 баъд аз доктринаи Монро аз майдони мубориза барканор карда шуд. Давлатҳои калони Аврупо бо тақозои ин доктрина манъ карда шуданд, ки ба қитъаи Амрико дахолат накунанд ва манфиатҳои ҳаётии Иёлоти муттаҳидаро дар он ҷо зери таҳдид нагузоранд. Бинобар ин, дар бораи ин қитъа муборизаи байналхалқӣ ҷой надорад. Пас манфиатҳои Амрико дар он ҷо аз таҳдиди амалӣ эмин аст. Дуруст, ИМА дар охирҳои соли 50-ум ва дар аввалҳои соли 60-уми асри гузашта ба муносибатҳои Иттиҳоди шӯравӣ бо Куба эътироз накард. Мақсад аз ин бо воситаи фароҳам овардани имкон фиреб додани Иттиҳоди шӯравӣ буд, то ки вай майдони

маҷбуриятҳои худро берун аз иттиҳод ва Аврупои Шарқӣ вусъат диҳад. Дар натиҷа борҳои гарони иқтисодиву ҳарбӣ бар дӯши вай меафтод. Зеро вай маҷбур мешуд, ки Кубаро аз хавфи ИМА ҳимоя кунад. ИМА айнан бо ҳамин мақсад ба кори мазкур эътироз нишон надод. Барои ҳамин, вақте ки корҳо калон шуда, то ҳадди базаи ядровӣ расид, кӯшиш кард, ки ҳамон базаро аз Куба берун кунад.
Хуллас, қитъаи Амрико берун аз муборизаи байналхалқӣ мебошад ва дар он ҷо ҳамагӣ ларзишҳои дохилӣ рух дода метавонад.
Аз ин рӯ, шаш муаммои мазкур муаммоҳои бузургтарини ҷаҳон мебошанд. Пеш аз он ки дар бораи онҳо сухан кушоем, ба мақсад мувофиқ аст, ки бо давлатҳои калон, ки ба сиёсати байналхалқӣ таъсир мерасонанд, шинос шавем. Чунки ба синфи муаммоҳои бузурги ҷаҳон дохил кардани ягон муаммо пеш аз ҳама тақозо мекунад, ки он майдони корҳои сиёсии таъсиррасон бошад. Модом ки маҳз корҳои давлатҳои калон корҳои сиёсии дорои эътибор ба ҳисоб мераванд, пас давлатҳои калони ҳар як асрро шинохтан зарур аст.
Давлат на бо шумораи аҳолӣ, сарват ё ягон нишонаи монанди ҳамин, балки бо таъсир расонида тавонистан ба сиёсати байналхалқӣ ва ба сиёсати давлатҳои дигар ба давлати калон табдил меёбад. Аз ин рӯ, давлати калони нави имрӯза, яъне асри XV ҳиҷрӣ (1425ҳ), асри XXI милодӣ (2004м), ки мақоми якумро ишғол мекунад, Иёлоти муттаҳидаи Амрико мебошад. Зеро вай ба сиёсати байналхалқӣ таъсири пурзӯртарин расонида метавонад. Ба вазъияти байналхалқӣ қариб ки ба танҳоӣ ҳукмронӣ мекунад. Давлатҳои дигар чи дар бораи мақоми байналхалқӣ ва чи дар бораи ҳукмронӣ бар вазъияти байналхалқӣ ба ҳадди рақобатпазирӣ бо вай расида наметавонанд. Бояд гуфт, ки Англия, Фаронса ва вориси Иттиҳоди шӯравӣ Русия пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон давлатҳои калон ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо барои дар сиёсати байналхалқӣ боқӣ мондан ҳамоно исрор намуда, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ ё бо воситаи Аврупо корҳоеро анҷом медиҳад, ки ҳам ба сиёсати байналхалқӣ ва ҳам ба Амрико таъсир мерасонад. Гарчи ин таъсиррасонӣ дар ҳадди рақобатпазирӣ бо Амрико набошад ҳам, ба ҳар ҳол ин сегонаро давлатҳои калон номидан мумкин аст. Ин кор аз қабили саховат дар номгузорӣ мебошад. Ин ҷо корҳои сиёсии Англия барои мавқеъ ишғол намудан дар сиёсати байналхалқӣ, кӯшишҳои Фаронса ва Русия барои исботи ҳузури худ дар сиёсати байналхалқӣ, масалан, ҳаракатҳои онҳо дар муаммои ҷанги Ироқ ба эътибор гирифта шудааст.
Агар ба Олмон таваққуф кардан хоҳем, халқи немис ва давлати Олмон дар таърих давлати калон ба ҳисоб мерафт. Вале баъд аз мағлубият дар ҷанги дуюми ҷаҳон аз мақоми худ поён фуромад, чунон ки баъд аз мағлубият дар ҷанги якуми ҷаҳон рух дода буд. Олмон баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон дере нагузашта боз ба мақоми давлати калон баргашта буд. Аз ин рӯ, вай бо мурури замон боз аз нав ба мақоми худ баргашта метавонад. Кӯшишҳои Олмон дар хусуси баъзе муаммоҳои байналхалқӣ, ки якҷоя бо Фаронса анҷом медиҳад, аз ҳамин дарак

медиҳад.
Шумораи аҳолии Хитой 1.2 миллиард нафарро ташкил медиҳад. Русия наметавонад, ки вайро ба инобат нагирад. Амрико низ вайро ба ҳисоботҳои байналхалқӣ дохил мекунад. Бо вуҷуди ин, Хитойро ба қатори давлатҳои калон, ки ба сиёсати байналхалқӣ – ба ҷаҳон ё бештари минтақаҳои он таъсир мерасонад, дохил кардан душвор аст. Ин ду сабаб дорад: аз як тараф, Хитой ҳеҷ гоҳ давлати калон набуд ва дар ягон давра ба сиёсати байналхалқӣ таъсир нарасонидааст, аз тарафи дигар, аз давлати коммунистӣ шудан то кунун дар хусуси ба дунё паҳн кардани коммунизм ва ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таъсир расондан наандешидааст. Ташвишҳои вай ҳамагӣ бо минтақаи худ маҳдуд шудааст. Бахусус, баъд аз он ки кӯшишҳои сиёсии вай дар Африқо ва баъзе давлатҳои Осиё ноком гашт, ба идомаи ин гуна корҳо ҷуръат накарда, ба муҳити аслии худ баргаштааст.
Ҳиндустон, гарчи шумораи аҳолиаш беш аз 935 миллионро ташкил дода, соҳиби силоҳҳои ядровӣ бошад ҳам, ба сиёсати байналхалқӣ қариб ки ягон таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, вайро давлати калон пиндоштан хатост. сопон пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон ҳангоми меҳвар будан ба сиёсати байналхалқӣ таъсир мерасонд. Лекин ин мисли таъсири Италия таъсири муваққата буд. Бинобар ин ҳам сопон ва ҳам Италия ба ҷумлаи давлатҳои калон дохил намешаванд.
Уммати Ислом то ҳуҷуми салибдорӣ давлати калон буд. Баъд аз он ки ба бартараф кардани ҷанги салибдорӣ муваффақ шуд, боз аз нав ҳамон мақомро ишғол кард. Он то асри XIX ба сиёсати байналхалқӣ таъсири худро расонидааст. Сипас таъсири вай коста гардид ва дар аввалҳои асри XX, баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон давлаташ низ сарнагун гашт. Вале асосҳои давлати калон ҳамоно дар ин уммат ниҳон аст. Аз охирҳои асри гузашта нишонаҳои азнавгулгулшукуфӣ ба назар расид. Алҳол дар арафаи субҳи гулгулшукуфӣ қарор дорад. Бо изни Аллоҳ дар рӯзҳои наздик ба давлати калон, балки ба давлати якум табдил меёбад!
Бинобар ин, бо ин халқҳо ва давлатҳо шинос шудан лозим аст. Чунки онҳо ба муаммоҳои бузурги дунё таъсир мерасонанд:
Якум: чор давлати калонтарин: Амрико, Британия, Фаронса ва Русия.
Дуюм: халқҳои давлатҳое, ки дар гузашта давлати калон буданд, вале алҳол ба азнавбарқароргардӣ омода шуда истодаанд: Уммати Ислом ва халқи немис.
Сеюм: халқи ҷопон, ки ба ин халқҳо ва давлатҳо ҳамроҳ мешавад. Чунки ин халқ, гарчи ба маънои ҳақиқӣ давлати калон ба ҳисоб наравад ҳам, барои соҳиби иқтидори иқтисодӣ будан ба муаммоҳои бузурги дунё таъсири иқтисодии байналхалқӣ расонида метавонад.
Хитой дар муҳити минтақавии худ давлати калон мебошад. Мумкин аст, ки вайро давлати калони минтақавӣ биномем. Таъсири ин давлат ба муаммоҳои байналхалқӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хеле заиф аст. Аммо муҳити минтақавии худи вай аз ин мустасност. Барои ҳамин дар ин баҳс дар хусуси давлатҳо ва халқҳои ба ҷаҳон таъсиррасонанда аз

зикри он худдорӣ мекунем. Вақте ки ба муаммоҳои минтақавии Хитой таваққуф мекунем, суханро идома хоҳем дод. Акнун дар бораи ҳамин давлатҳо ва халқҳо сухан меронем.

## 1. Уммати Ислом

Ин уммат, вақте ки Аллоҳ Субҳонаҳу пайғамбари худ Муҳаммад (с)-ро барои аз зулмати ҷоҳилият наҷот додани мардум ва ба нури Ислом баровардани онҳо фиристод, ба дунё омад. Минбаъд, пас аз он ки Пайғамбар (с) ба Мадина ҳиҷрат карданд, давлати он – Давлати Ислом бунёд гашт.

Давлати мазкур баъд аз Пайғамбар (с) дар давраи Хулафои Рошидин ва халифаҳои минбаъда кишварҳои зиёдро фатҳ намуда, то давраи сарнагуншавӣ дар аввалҳои асри гузашта дар саросари рӯи замин некӣ кошт. Интизорӣ меравад, ки бо изни Аллоҳ ин давлат аз нав бунёд мегардад.

Даъвати аввалинро арабҳо паҳн намуданд. Минбаъд Ислом ба ҳар гӯшаи дунё паҳн гашта, миллатҳои зиёд ба он даромаданд ва бо ҳам омехта шуданд. Акнун миёни араб ва аҷамро фақат тақво ҷудо мекард. Азбаски арабҳо аввалин шуда, Исломро паҳн карданд, хусусан бо халқи араб ва умуман бо Уммати Ислом шинос шудан лозим аст. Халқи араб дар муҳити ҷангҳо умр ба сар мебурд ва ба он одат карда буд. Табиати ҳарбӣ ва ҳисси ҷавобгарӣ барои дигарон дар натиҷаи ҳамин чиз пайдо шуд. Бинобар ин муносибтарин халқ буд, ки рисолати исломиро бо тариқати нозилкардаи Аллоҳ, яъне даъват ва ҷиҳод паҳн намояд. сиҳод ғуломгардонӣ нест, балки он ҷанги моддист дар роҳи паҳн кардани некӣ. Ин халқ, баъд аз он ки Исломро ба тарзи эътиборро ҷалбкунанда расонид, на барои мустамлика ва ғулом кардани халқҳо, балки барои паҳн кардани мафкураи исломӣ, ки онро паҳн мекард, ба ҷанг даромад. Зеро ин халқ дорои мафкурае буд, ки ба хотири наҷоти дигарон худро қурбон мекард. Яке аз нишонаҳои назаррастарини он ҳамаро бо худ баробар донистан ва барои дигарон ҷавобгариро ба дӯш гирифтан мебошад.

Уммати Ислом ба халқи ягона табдил ёфт. Дар он табиати ҳарбӣ-ҷиҳодӣ пайдо шуд. Зеро ҷиҳод қуллаи ин дин аст. Дар ин уммат фикри ба мардум паҳн кардани ҳидоят ба вуҷуд омад, пиндори ба инсоният ёрӣ додан реша давонд. Барои ҳамин вай, ҳарчанд ақибмонда гардад ҳам, ҳарчанд аз аҷдодони худ, ки Исломро қабул карда, бо воситаи даъвату ҷиҳод паҳн намудаанд, дур шавад ҳам, ҳамоно табиати ҳарбӣ-ҷиҳодӣ, ҷавобгарӣ барои дигарон, фикри ба мардум паҳн кардани ҳидоят дар вай зинда аст. Ин уммат аз халқҳои гуногунмиллати ба ҳам омехта иборат аст, ки ба Ислом даромада, дар Ислом ба воя расидаанд. Он монанди арабҳоест, ки нахустин бор Исломро паҳн карда буданд.

## 2. Халқи Немис

Ин халқ решаи чуқур дорад. Вай халқи кӯҳан, матин, шуҷоъ ва нотарс, вале аз ҳад зиёд худписанд аст. Бо даъвои ҳуқуқи ҳукмронӣ бар дигарон аз худ меравад. Тундмиҷозӣ ва ҳарбиятро хулқи табиӣ ва қобилияти модарзодии худ ҳисоб мекунад. Бо ҳамин хислат ба атрофиёни худ, бахусус давлатҳои калони монанди Фаронса, Британия ва Русия хавф пайдо мекунад. Халқи немис тӯли солҳои дароз ҷангҳои дохилиро аз сар гузаронид. Якчанд насли он дар ҷанг бо ҳамсояҳо, аз қабили Фаронса, умр ба сар бурд. Зиндагонии ин халқ ба саноат, хусусан ба саноати мутараққии ҳарбӣ асоснок мешавад. Гарчи силоҳи ядровӣ барои вай манъ шуда бошад ҳам, ба ҳамсояҳояш хавф пайдо мекунад. Аз ин рӯ, аксар вақт қувваҳо бар зидди ин халқ муттаҳид гашта, мамониат нишон медиҳанд, то ки ба сафи давлатҳои калон ҳамроҳ нашавад. Бо вуҷуди ин, вай халқи зинда аст. Вай имкон дорад, ки мақоми давлати калонро аз нав барқарор намояд. Зеро вуҷуди зинда одатан монеаҳоро бартараф мекунад. Немисҳо низ аз халқҳои Ғарбанд. Вақте ки ин халқ капитализмро қабул кард, манфиатпарастӣ ба як қисми ҳаёти вай табдил ёфт. Олмон, ки ватани халқи немис мебошад, давлати мустамликадор ба ҳисоб меравад. Ин давлат пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон мустамликаҳо дошт. Маҳз бо мақсади баргардонидани ҳамон мустамликаҳои худ, ғасб намудани мустамликаҳои давлатҳои дигар ва барпо кардани мустамликаҳои нав ба ҷанги дуюми ҷаҳон даромадааст. Бинобар ин, сиёсати Олмон, чунон ки баъзеҳо мепиндоранд, маҳз сиёсати Гитлер нест, балки мустамликадорист. Олмони имрӯза аз мустамликадорӣ чандон дур нашудааст. Вай, гарчи аз мустамликадории бевосита маҳрум гардида бошад ҳам, нахустин муаллифи мустамликадории иқтисодӣ мебошад. Бале, ин давлат аз ҷиҳати иқтисодӣ вусъат меёбад. Хусусан дар минтақаҳои давлатҳои Аврупои Шарқӣ назорати мумтози иқтисодиро ба роҳ мемонад. Агар дар бораи низоми ҳокимият тавaққуф намоем, гарчи даъвои демократия кунад ҳам, дар он ҷиҳати истибдодӣ (диктаторӣ) мисли офтоб намоён аст. Истибдод дар корҳои ҳамаи ҳокимони дирӯза ва имрӯзаи Олмон ба назар мерасад.
Олмон, гарчи баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон ба шароитҳои вазнин дучор шуда бошад ҳам, тавонист, ки онҳоро бартараф намуда, аз нав ба давлати калон табдил ёбад. Ду омил дар ин кор ба вай кӯмак расонид. Якум: ҳушёрии фикрии фарзандони ин халқ. Ҳамин ҳушёрӣ онҳоро такон дод, ки барои аз нав ба давлати калон табдил ёфтан кӯшиш намоянд. Дуюм: Англия пинҳонӣ Олмонро такон дод, то ки бо Фаронса аз нав ба рақобат пардозад ва дар натиҷа мувозинати байналхалқии байни Олмон ва Фаронса вайрон шавад. Ин чиз имкон дод, ки Олмон аз нав ба давлати калон табдил ёбад. Аммо баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ягон омил ба миён наомад, ки ба вай кӯмак расонад. Чунки тамоми

иттифоқчиён беистисно барои аз нав барқарор нашудани вай ҳама завлонаҳоро ба кор бурданд. Омилҳои асосии зерин ба азнавбарқароршавии он мамониат мекунанд: Омили якум: фарзандони ин давлат саноати ҳарбиро вогузошта, бо иқтисод машғул шуданд. Бинобар ин, тамоми эътибори худро ба ҷиҳати иқтисодӣ нигаронида, ҷиҳати таъсир расонидан ба сиёсати байналхалқиро беэътибор гузоштанд. Ин чиз ҳиссу дарёфт ва фаъолияти онҳоро аз саноати ҳарбӣ дур сохт. Ҳол он ки саноати ҳарбӣ ба онҳо имкон фароҳам меовард, ки ба давлати калон табдил ёбанд ва мавқеи сиёсии пурсамарро ишғол намоянд. Омили дуюм: Иттиҳоди шӯравӣ аз хатари Олмон барои худаш ҳамеша ҳушёр истод. Ин хавф онро ягон лаҳза тарк накард. Барои ҳамин бар зидди Олмон сиёсати бешафқатона, бемуросо ва шадидона пеш гирифт. Мақсади вай тамоман хароб гардонидани Олмон буд. Аз ин рӯ, тамоми кӯшишҳои вайро барбод дод. Амрико баъд аз соли 1955 қарор кард, ки соҳаи ҳарбии Олмонро зинда гардонад, вале ноком гашт, ки сабабгори ин Иттиҳоди шӯравӣ буд. Англия низ Олмонро аз нав муттаҳид карда натавонист. Де Голл хост, ки Аврупоро муттаҳид созад ва ба ин восита ба мусаллаҳшавӣ ва барқароркунии ягонагии Олмон ёрӣ диҳад. Вале ӯ низ ноком гашт. Хуллас, азбаски Иттиҳоди шӯравӣ бар зидди Олмон сахтгирӣ мекард, ягон кӯшиш фоида надод. Дуруст, Олмон муттаҳид гашт, вале ин кор на ҳамчун самараи сиёсати немис, балки дар натиҷаи ба Амрико гузашт кардан дар давраи сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ рух дод. ИМА хост, ки бо воситаи ягонагии Олмон ба ягонагии Аврупо зарба диҳад. Вай хост Олмони Шарқиро, ки иқтисодиёти ақибмонда дошт, ба Олмони Ғарбӣ, ки таъминкунандаи асосии ягонагии Аврупо буд, ҳамроҳ кунад ва ба ин восита муаммоҳои иқтисодиро эҷод намуда, садди роҳи ягонагии Аврупо гардад ё лоақал онро ба таъхир афканад. Вале Олмон ин тангиро бартараф намуда, кӯшиш ба харҷ дод, ки аз фишори Амрико халос шуда, ба Аврупо, хусусан Фаронса рӯ оварад. Зеро вай дар бозори умумии Аврупо, ки минбаъд ба Иттиҳоди Аврупо табдил ёфт, нақши муҳим дошт. Олмон бо воситаҳои иқтисодӣ ин кӯшиши худро давом дод. Кӯшиши мазкур маънои онро дошт, ки Олмон дар рӯзҳои наздик бо сабаби дастгирии иқтисодӣ дар Аврупо, хусусан Аврупои Шарқӣ соҳиби нуфуз мегардад. Аммо ҳанӯз маънои онро надошт, ки вай дар сиёсати байналхалқӣ нақши худро пайдо кард. Зеро таъсир расонидан ба сиёсати байналхалқӣ ба қувваи ҳарбӣ, амалӣ гардонидани нақшаҳои сиёсӣ ва корҳои сиёсие, ки боиси амалишавии нақшаҳо мегарданд, асос меёбад. Аммо Олмон ҳанӯз ба ин гуна асос мӯҳтоҷ буд. Гарчи вай дар ҳамоҳангӣ бо Фаронса ба ҳамин кор кӯшиш мекунад, кӯшишҳои вай танҳо аксуламал ба ҳисоб мераванд. Лекин аксуламали мазкур то дараҷаи таъсиррасонӣ бар зидди Амрико расид. Инро дар ҳодисаҳои ҳуҷуми Амрико бар зидди Ироқ мушоҳида кардан мумкин аст. Инчунин ҳамкории Олмон бо Фаронса, сипас ҳамроҳшавии Британия ба онҳо барои таъсиси қувваҳои муштараки аз Иттиҳоди Атлантика ҷудогонаи

Аврупо, гарчи ин ҳанӯз сухани хушку холӣ бошад ҳам, Амрикоро нооором сохт.
Аз ин ҷо бармеояд, ки Олмон барои пайдо кардани нақши худ дар сиёсати байналхалқӣ кӯшиш мекунад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ба сафи давлатҳои калон аз нав дохил шудани Олмон кори ғайричашмдошт нест. Зеро гарчи қувваҳои сохта дар бастани роҳи тараққиёти халқҳои зинда комёб намоянд ҳам, ин комёбӣ муваққата аст. Муқаррар аст, ки вуҷуди зинда билохира ҳар гуна монеаҳои роҳи тараққиётро бартараф месозад.
Дар бораи сиёсати имрӯзаи Олмон ба таври мухтасар чунин гуфтан мумкин аст:
Сиёсати Олмони Аврупо бар асосҳои прагматикии аврупоӣ бунёд шудааст. Вай, аз як тараф, меҳвари Фаронса-Олмонро ташкил намуда, ба сиёсати ояндаи Иттиҳоди Аврупо замина фароҳам оварад, аз тарафи дигар, манфиатҳои Амрикоро дар Аврупо ҳимоя менамояд. Зеро ба ҳисоб мегирад, ки баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон амнияти Олмонро стратегияи амрикоӣ ҳимоя карда буд. Манфиатҳои Амрикоро на дар зери хавф, балки ба ҷои аввал мегузорад. Аз тарафи дигар, эътибори асосӣ дар сиёсатҳои Олмон ба хусусияти иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ин сиёсат дар кӯшишҳои вай барои яккаҳукмронӣ ба иқтисоди давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва бе иштироки ҳампаймонон танҳо ба даст даровардани фоидаҳои он ифодаи худро меёбад.
Ва ниҳоят, дар сиёсати Олмон ҳаминро набояд аз эътибор соқит кард, ки вай ба ҷиҳатҳои ҳарбӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ басо эътибори калон дода истодааст. Иштироки беш аз пеши вай дар фаъолиятҳои Иттиҳоди Атлантикаи Шимолӣ дар Афғонистон, Босния ва Косово, ҳамкории вазири корҳои хориҷии вай бо ҳамкасбони худ дар Фаронса ва Британия мисоли равшани суханҳои боло аст. Ба Эрон се вазир се маротиба сафар анҷом дода, барои ба имзо расонидани созишномаи иловагӣ, ки доир ба тафтиши ногаҳонии истеҳсолоти ядровии он тартиб дода шудааст, фишор оварл. Олмон дар масъалаи мубодилаи асирон дар байни яҳудиён ва «Ҳизбуллоҳ» нақши худро иҷро кард.
Ҳамин тавр, мо дар сиёсати Олмон тарки узлат ва пешрафтеро мушоҳида мекунем, ки фақат ба ҷиҳати иқтисодӣ кифоя намекунад. Мушоҳидон эҳсос мекунанд, ки нақши сиёсии Олмон торафт тақвият мегирад ва ҳатто қариб ки бо нақши Фаронса ва Британия баробарӣ мекунад.
Олмон, агар ба мақоми давлати калон зудтар баргаштан хоҳад, бояд ба саноати ҳарбӣ шитофта, онро масъалаи тақдирии худ донад. Инчунин дар алоқаҳояш бо Фаронса ва Британия огоҳии сиёсиро аз даст надиҳад. Зеро онҳо аз нуфузи худ истифода намуда, ба мутеъгардонии Иттиҳоди Аврупо ҳаракат мекунанд. Фаронса аз Олмон қувва мегирад, то ки худро дар Аврупо нишон диҳад. Аммо Британия дар муносибат бо Фаронса ва Олмон барои амалигардонии манфиатҳои худ макри сиёсиро ба кор мебарад. Пас Олмон, гарчи ҳамоҳангсозии корҳоро бо

Фаронса ва умуман бо давлатҳои иттиҳод давом диҳад ҳам, бояд ба он эътибор нигаронад, ки дар дохили иттиҳод ба қувваи ҳарбии дорои вазни сиёсӣ табдил ёбад, то ки фақат барои манфиати дигарон хизмат накунад. Вазъияти байналхалқиро на аз даричаи Аврупо, балки аз даричаи Олмон мушоҳида намояд ва аз таърихи Аврупо сабақ гирад.

### 3. Халқи ҷопон

Ин халқ бо хариду фурӯш ва баҳрнавардӣ рӯз мегузаронад. Дар диёри танг зиндагӣ мекунад. Шуҷоат хулқи назаррастарин ва муносибати ҷиддӣ дар иҷрои корҳо аз фазилатҳои эътиборноктарини вай аст. Аз ин рӯ, барои ба вуҷуд овардани инқилоби саноатӣ ба саноат шитофт ва бо вуҷуди он ки масоҳати кишвараш хурд мебошад, ба сафи давлатҳои калон дохил шуд. Аз ҷанг бар зидди Хитой наҳаросид, бе ягон дудилагӣ ба Амрико ҳуҷум кард. Чунки Амрикоро барои худ хатар медонист. Барои ҳамин нақшаи эътиборноктарини Амрико дар ҳукмроншавӣ бар вай ин буд, ки саноати вайро на бар асоси ҳарбӣ, балки бар асоси рушди тиҷорат ва иқтисод бунёд кунад. Мақсад аз ин пешгирии парвози он дар майдони иқтисодӣ буд. сопон алҳол қувваи иқтисодиест, ки онро ба инобат нагирифтан ғайримкон аст.

### 4. Халқи Амрико

Ин халқи бой дар диёри пурсарват ба дунё омад. Сипас бар зидди давлатҳои Аврупо, хусусан Англия, ки вайро мустамлика карда буд, ба ҷанги шадид даромад. Бо истифодаи ҳушмандонаи қувваи силоҳ истиқлолият ба даст даровард. Ин кор дар амрикоиҳо якчанд хусусиятро ба вуҷуд овард, ки муҳимтарини ин хусусиятҳо «прагматизм»2 аст. Дар натиҷаи мубориза бар зидди мустамликадорӣ дар ин халқ майл ба арзишҳои олӣ ва ҳисси эъзози онҳо пайдо шуд. Вале халқи Амрико мисли дигар халқҳои олами насронӣ капитализмро қабул кард. Барои ҳамин вайро ду омил ба худ ҷалб мекунад. Якум: қаноатмандӣ ва фазилати зебо. Дуюм: манфиатпарастӣ ва мустамликадорӣ. Британия аз омили якум истифода карда, барои ба як қувваи ҷангӣ ва иқтисодии худ табдил додан онро мутеъ мегардонид. Он вақт омили якум ба вай ҳукмронӣ мекард. Вақте ки ҷанги дуюми ҷаҳон ба вуқӯъ пайваст ва халқи Амрико аз нафти Халиҷ таъми мустамликадориро чашид, ҷои қаноат ва фазилати зеборо омили манфиатпарастӣ ва мустамликадорӣ ишғол намуд. Мабдаи капитализм вайро ба сӯи мустамликадорӣ равона сохт. Узлатро тарк намуда, ба мустамлика кардани халқҳо, мутеъгардонии дунё ба ҳукмронӣ ва нуфузи худ шурӯъ кард. Акнун вайро фақат бо қувва ба узлат баргардондан мумкин аст. Зеро мабдаи капиталистӣ вайро батамом фаро гирифта, ба роҳбалади ҳаёташ табдил

ёфт. Ғайр аз манфиатдорӣ чизи дигарро намеандешад. Илова бар ин, ба ботлоқи ғурур ва манманӣ фурӯ рафт.
Амрико мустамликаи давлатҳои Аврупо, хусусан Англия буд. Ба якчанд давлат тақсим мешуд. Сараввал кӯшиш кард, ки мустамликадории англисро каме мулоим кунад. Сипас ба ҷанги озодихоҳӣ даромада, англисҳоро аз ин диёр берун ронд. Сипас ин давлатҳо иттиҳод баста, ба таъсиси давлати ягона созиш карданд. Ин чиз амалӣ гардид. Сипас давлатҳои боқимондаро гоҳ ихтиёран, гоҳ бо қувваи ҳарбӣ ба худ ҳамроҳ карда, ба иёлатҳо3 табдил дод. Ва ниҳоят, ба ҳолати имрӯза омад. Имрӯз аз 51 иёлат (50 иёлат ва округи Колумбия) иборат аст. Вай дар майдони байналхалқӣ ба давлати абарқудраттарин табдил ёфта, ҳар ду қитъаи Амрикоро аз ҳуҷуми давлатҳои Аврупо ҳимоя карда тавонист ва олами дигарро ба вуҷуд овард, ки «олами нав» номида мешавад. Ин давлат бо дасти халқи боғайрат, ки дар диёри пурсарват ба воя расидааст, бунёд гардид. ИМА низоми ҳокимияти худро таъсис дод. Низоми мазкур, гарчи ба зумраи низомҳои демократӣ дохил шавад ҳам, бо дарки амалии маънои ҳокимият эҷод гардида, барои тамоми инсоният муқаррар шуда буд. Ҳокимияти идеалиро мантиқан тасаввур накард, баръакс онро амалан дарк намуд. Ин чиз дар корҳое, монанди интихоби президенти ҷумҳурӣ, ваколатҳои васеи ӯ, нақши давлат, муайян кардани ваколатҳои мансабдорони дастгоҳи давлат, ҳарчанд низоми иттиҳод бошад ҳам, бар асоси пурзӯри якдилӣ бунёд шудани давлат, инъикос ёфт. Ин корҳо дар васеъшавӣ ва бо суръати баланд тараққӣ кардани давлат таъсири калон дошт. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон узлатро тарк намуда, кӯшиш ба харҷ дод, ки дар ҳукмронии дунё ширкат варзад, дурусттараш, онро ба танҳоӣ идора кунад. То соли 1961-1979 ҳукмрониро бо душмани худ Иттиҳоди шӯравӣ ба ҳам дид. Дигар давлатҳои калон канор гузошта шуданд. Чун мақсадҳое, ки аз созиш, яъне аз ҳамкорӣ бо Иттиҳоди шӯравӣ дар назар дошт, амалӣ гардид ва баъзе ҷиҳатҳои салбии он ба мушоҳида расид, давлатҳои Аврупо аз Амрико дур шуда, кӯшиш намуданд, ки бо Иттиҳоди шӯравӣ алоқа барқарор кунанд. Дар навбати худ Иттиҳоди шӯравӣ, гарчи комёб нагашта бошад ҳам, қадамҳои устувор гузошт, то ки ба сиёсати байналхалқӣ саргарм шавад ва ба ин восита қутби байналхалқии аз сиёсати Амрико ҷудогона бошад. Дар натиҷа ИМА муносибатҳои худро бо Иттиҳоди шӯравӣ тезутунд гардонда, ба мусобиқаи азнавмусаллаҳшавӣ шурӯъ кард ва ҷанги сард ба вуҷуд омад. Айни замон бо Иттиҳоди шӯравӣ ва лагери шарқӣ ба набарди сақофӣ, фикрӣ ва иқтисодӣ даромада, тавассути созишномаҳо вайро завлонабанд кард. Оқибат Иттиҳоди шӯравӣ сарнагун гашта, Иёлоти муттаҳида ҳамчун давлати якум ва қутби таъсиррасонтарини сиёсати байналхалқӣ боқӣ монд.
Дар Амрико асосан ду ҳизб мавҷуд аст: Ҳизби демократҳо ва Ҳизби ҷумҳурихоҳон. Миёни барномаҳо ва ҳатто сиёсатҳои онҳо қариб ки фарқ эҳсос карда намешавад. Ҳар ду ҳизб бо барномаи ягона кор

мебаранд. Вақте ки ҳокимият аз дасти яке ба дасти дигаре мегузарад, чи дар сиёсати дохилӣ, чи дар сиёсати хориҷӣ ягон дигаргунӣ рух намедиҳад, мабодо дигаргуние рух диҳад, сабаби он ихтилофи барномаҳои ҳизбҳо нест, балки фақат тақозои шароит аст. Ҳизби демократӣ ҳизби кӯҳна ва ҳизби халқӣ аст. Он дар байни халқ соҳиби аксарияти овоз мебошад. Барои ҳамин одатан аксарияти конгресс ба вай ҷонибдорӣ мекунад. Аммо Ҳизби ҷумҳурихоҳон нисбат ба Ҳизби демократҳо ҷавонтар мебошад. Он ҳизби сарватмандон ва сармоядорон аст. Бештари аъзоёнашро пулдорон ва соҳибони ширкатҳои монополистӣ ташкил медиҳад. Дар сафи он зиёиёни сершумор низ ҳаст. Ҳизби мазкур кӯшиш намекунад, ки оммаро ба худ ҷалб намояд. Агар ба вай низоми интихоботи президентӣ мусоидат намекард, ягон маротиба президентиро ба даст гирифта наметавонист. Чунки вай на ҳизби аксарият, балки ҳизби ақаллият мебошад. Соҳибони ширкатҳои монополистӣ ва соҳибкорон монанди дигар давлатҳои капиталистӣ ба Иёлоти муттаҳида ҳукмронӣ мекунанд. Онҳо дар сиёсати давлат таъсири хоса доранд. Вале ҳар як фард аз ҳуқуқи шаҳрвандии худ дар амал истифода мебарад, чи дар интихобот ва чи дар назорат ба ҳокимият таъсир расонида метавонад. Аз ин ҷиҳат, ба назар мерасад, ки ҳокимияти ин давлат назар ба дигар давлатҳои капиталистӣ бештар ҳокимияти халқӣ мебошад. Агар ба сарватҳои бепоён, зиёд будани шахсони донишманд, мутафаккир ва бомаданият, озодӣ ва фаъолии давлат эътибор дода шавад, аён мегардад, ки қувваи вай на ба ном, балки ҳақиқӣ мебошад. Гарчи халқи Амрико халқи кӯҳан набуда, аз шахсҳо ва ҷамоатҳои аз кишварҳои гуногун омада иборат аст, риштаи шаҳрвандӣ онҳоро сахт ба ҳам мепайвандад. Ҳатто аҷнабие, ки якчанд сол зиндагӣ намуда, сипас шаҳрвандиро ба даст даровардааст, ба ҳимояи ҳамон давлат, халқ ва манфиатҳои онҳо аз шаҳрванди асил ҳам бештар ҳарис мешавад. Ин меваи иқтидори мамлакат аст, ки дар муносибатҳои мардум инъикос ёфтааст.

Агар ба сиёсати хориҷии ин давлат таваққуф кунем, он сиёсати сарватмандон ва соҳибони ширкатҳои монополистӣ мебошад. Ба таври кӯтоҳ гӯем, сиёсати мустамликадории маҳз аст. Дар он барои арзишҳои олӣ ягон мақом вуҷуд надорад. Сиёсатмадорони ин давлат, ҳарчанд соддалавҳ намоянд ҳам, аз бештари сиёсатмадорони дунё чуқуртар фикр мекунанд. Дар дигаргунсозии босуръат, истифодаи услубҳои гуногун ва ҳалли таъҷилии муаммоҳо иқтидори комил доранд. Шояд сақофати олӣ якҷоя бо ишқи мустамликадорӣ ба фаъолиятҳои сиёсии онҳо таъсир расонад, ки ба кишварҳои дигар ҳамчун киштзори худ менигаранд, давлатҳоеро, ки як вақтҳо давлати калон ба ҳисоб мерафтанд, ба соҳибнуфузии мисли Амрико номуносиб медонанд. Ба андешаи онҳо, аллакай фурсат фаро расидааст, ки ин давлатҳои калон «истеъфо диҳанд ва истироҳат кунанд», ба ҳукмронии салтанати зӯроварон дар қисми боқимондаи дунё розӣ шаванд.

Амрикои имрӯз дорои арсенали калони яроқу аслиҳаи ядровӣ

мебошад. Агар тамоми давлатҳои ядровӣ ҷамъ оянд ҳам, Амрико дар ин соҳа аз онҳо якчанд маротиба бартарӣ дорад. Агар хароҷоти ҳарбии Амрико бо хароҷоти дигар давлатҳои калон муқоиса карда шавад, бартарияти Амрико маълум мегардад. Масалан, соли 2002 хароҷоти ҳарбии давлатҳои калони Ғарб чунин буд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Британия | 35 | миллиард | доллар |
| Фаронса | 32 | миллиард | доллар |
| Олмон | 23 | миллиард | доллар |
| Ҳамагӣ | 90 | миллиард | доллар |

Аммо худи Амрико 350 миллиард доллар сарф намудааст. Ба баёни фарқият дар сифат ҳоҷат ҳам нест. Ба фикри баъзе шахсони огоҳ, Амрико аз ҷиҳати тараққиёти технологӣ якчанд даҳсола аз Аврупо пеш рафтааст. Вай ҳам ба СММ ва ҳам ба созмонҳои ҷузъии он ҳукмфармост. Ҳам дар Бонки ҷаҳонӣ ва ҳам дар Хазинаи байналхалқии асъор ҳиссаи калонтарини молиявӣ дорад. Ҳам бонк ва ҳам хазина ба густариши нуфузи бузурги сиёсии он дар давлатҳои дунё машғуланд. Инчунин Амрико кӯшиш намуд, ки бо воситаи сиёсати ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) тиҷорати худро густариш диҳад. Созмони савдои ҷаҳонӣ ба ин сиёсат сафарбар карда шуд ва Амрико барои дахолат ба бозорҳои маҳаллӣ «ягонагии гумрукҳо»-ро баҳона карда, онро ба як восита табдил дод. Дар натиҷа савдои озод ба миён омад. Амрико, азбаски қувваи бузурги иқтисодӣ ва аз ҳама зиёд ширкатҳои трансмиллӣ ё уқёнуснаворд дорад, дар сояи қонунияте, ки Созмони савдои ҷаҳонӣ таъмин мекунад, ба ташкили бозорҳои нимкушода ё бозорҳое, ки аз ҳамгиройӣ ба иқтисоди кушоди дунё таҳти сарварии Амрико сар мепечанд, муваффақ шуд.

Амрико, азбаски дорои ҳамин гуна иқтидори ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳаст, ба давлате табдил ёфт, ки ба кори тамоми давлатҳои дунё дахолат намуда, як қисми сиёсати маҳаллии ҳар як давлатро ишғол мекунад. Вай кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки беистисно сиёсати назоратро аз болои тамоми давлатҳо чи мутараққӣ ва чи ақибмонда ҷорӣ намояд. Бо вуҷуди баъзе нокомиҳо аз ин кор даст намекашад.

Амрико дар ҳама муаммоҳои мавҷудаи дунё даст дорад. Вай дар минтақаҳои ноором ба оташдони низоъҳо ҳезум мекашонад, давлатҳоро ба синфҳои нав тақсим мекунад, ки истилоҳҳои «давлатҳои меҳвари бадӣ», «давлатҳои ҳомии терроризм» аз ҳамин ҷумлаанд. Ҳам давлатҳои ҳампаймон ва ҳам давлатҳои тобеъ аз зарари ин истилоҳҳо эмин намемонанд. Амрико ба тамоми ҷаҳон талаби қатъӣ мегузорад: «Ё бо ман бош, ё бо терроризм», бетарафиро намепазирад.

Худаш тангӣ, тезутундӣ ва муаммоҳоро ба вуҷуд оварда, дар ҷустуҷӯи ҳалли онҳо боз худаш сарварӣ мекунад. Вай ин корҳоро ҳамчун як қисми стратегияи назорати дунё амалӣ мегардонад.

Амрико дар корҳои сиёсии худ аз қувваи ҳарбӣ ва иқтисодӣ сӯиистифода кард. Вай мисли давлатҳои анъанавии мустамликадорӣ бо густариши нуфузи худ ба ҷиҳати иқтисод ва савдо маҳдуд нашуд, балки

хост онро дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт ҷорӣ намояд. Дар натиҷа ҳам дар соҳаи таълиму матбуот, ҳам дар соҳаи ҳаёти иҷтимоиву тафаккур, ҳам дар соҳаи сақофату амният нуфуз пайдо кард. Масалан, дар соҳаи таълим барномаҳоро ошкоро ба идеологияи худ мувофиқ гардонид. Давлатҳои араб монанди Саудия, Қувайт, Урдун ва Миср бо баҳонаи тараққиёт ва замонавигардонӣ ба баррасии барномаҳо саргарм шуданд. Саудия фанни муҳимтарини динӣ – фанни дӯстӣ ва душманиро аз барномаҳои таълим берун кард. Давлатҳои монанди Урдун, Миср ва Қувайт фанҳоеро, ки ба ҷиҳод бар зидди кофирони таҷовузкор, аз қабили яҳудиён ва насрониён тааллуқ дошт ва фикрҳои исломиеро, ки ба Амрико писанд намеомад, тағйир доданд. Амрико дар соҳаи матбуот барои таъсиррасонӣ ба арабҳо ва оммаи мусулмонон садҳо миллион доллар ҷудо намуд. «Радиои Сава» ва шабакаи телевизионии «Ҳур»-ро таъсис дод, то ки ба ҳар як хонавода заҳри худро чаконад.
Дар соҳаи иҷтимоӣ эътибори асосиро ба ҷинси зан нигаронид. Кӯшиш намуд, ки ӯро аз арзишҳои исломӣ дур кунад. Бо ёрии маблағгузорӣ ҳукуматҳоро ба ташкил кардани конфронсҳои занон маҷбур сохт, фишор овард, ки ба ҳокимият ва парламент занонро низ дохил кунанд. Фикри озодии занро дар қолаб ва шаклҳои нав густариш дод. Амрико дар майдони мафкура ва сақофат марказҳои тафаккур, демократия, бисёрҳизбӣ ва созмонҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро таъсис дод. Ин марказ ва созмонҳо нуқтаи назарро дар бораи озодӣ бо ёрии пиндорҳои ғарбона ва роҳҳои амрикоӣ густариш доданд. Филмҳои Ҳолливуд ва маҳсулотҳои санъат дар асоси технологияи пешқадам, ки шабакаҳои телевизионии арабу аҷамро ишғол кардааст, ба онҳо кӯмак расонид. Дар соҳаи амният дастгоҳи разведкаи давлатҳои араб ва Олами Исломро бо дастгоҳи разведкаи худ, хусусан ИМР4 ва ИФТ5 вобаста кард. сосусони Амрико дар шаҳрҳои мамлакатҳои исломӣ бо озодии пурра дар зери ҳимояи қонун сайругашт мекунанд. Ин ҳолатро дар Судон, Яман, Кения, Танзания, Либия, Покистон ва дигар давлатҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар натиҷа барои қувваҳои махсуси Амрико имкон фароҳам омад, то бар зидди касоне, ки Амрико онҳоро террорист меномад, амалиётҳои ҳарбӣ анҷом диҳанд.
Ҳамин тавр, Амрико ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти рӯзмарраи ҷомеаи кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ даст ёфта, ба таври дилхоҳ фисқу фасодро густариш дод. Корҳое, ки дар Шарқи Авсат, Африқо, Осиёи санубӣ ва ҳатто дар Амрикои Лотинӣ рух медиҳанд, ба ин мисол шуда метавонанд. Президенти навинтихоби Гаитӣ Аристидро сарнагун сохта, ба хориҷ бадарға намуд. Алҳол президенти Венесуэла Уго Чавесро аз ҳокимият сарнагун сохтан мехоҳад. Аз ин рӯ, Амрико бо сабаби лаганбардорӣ ва хиёнати ҳокимони давлатҳои заиф дар арафаи пайдо кардани имкони истилои онҳо қарор дорад.
Вале ин гуна назорати амрикоӣ дур идома намеёбад. Вай рӯ ба завол овардааст. Гарчи Амрико дар ҳар гӯшаи кураи замин худнамоӣ

мекунад, ҳокимону ҳукуматҳо бо вай ҳамкорӣ мекунанд, ғазаби халқҳо, хусусан Уммати Ислом бар зидди вай бепоён аст. Халқи авом бо сабаби ҳавобаландӣ, мутакаббирӣ, мустамликадорӣ, истисморгарӣ ва ба яҳудон гузашт намудани америкоиҳо сахт аз онҳо нафрат мекунад. Ин ғазаб ва нафрат рӯзҳои наздик дар ҳама ҷо: ҳам дар дохили қитъаи Америко, ҳам берун аз он бар зидди вай мубориза ро ба вуҷуд меоварад. Илова бар ин, давлатҳои калон бо сабаби мутакаббирӣ, азхуд кардани фоидаҳо, кӯшиши доимӣ ба назорат, кӯшиш ба монополияи америкоӣ дар сарварии корҳои байналхалқӣ, ки аз тарафи Америко содир мешавад, дучори тангӣ гашта, аз манфиатҳои худ маҳрум мешаванд. Агар ин чизро низ ба ҳисоб гирем, рӯйдоди муборизаи мазкур боз ҳам равшан мегардад.
Давлате, ки мабдаи капиталистиро пазируфтааст, бе ягон рақиб дунёро сарварӣ менамояд. Ҳол он ки мабдаи капитализм бар мустамликадорӣ ва макидани хуни дигарон асос ёфтааст. Ин чиз тамоми ҷаҳонро аз бадбахтиҳо, муаммоҳо, тангиҳо ва фасодкориҳо пур сохт. Ҳар чӣ ки мебинед, ин ҳама нишонаи фасодкориву табоҳкории ИМА мебошад. саҳон аз дасти давлатҳои капиталистӣ, хусусан ИМА азоб мекашад. Ин азобу уқубатҳо фақат бо бунёди Давлати Хилофат барҳам хоҳад хӯрд. Зеро Хилофат мабдаи барҳақ – Исломи бузургро, ки Аллоҳ ба пайғамбараш ҳамчун раҳмат барои тамоми олам нозил кардааст, татбиқ мекунад. Танҳо ҳамон вақт адолати Ислом ваҳшонияти капитализмро фош мекунад. Ин ваҳшоният дар мафкураи моддӣ ва тариқати мустамликадории капитализм муҷассам аст. Инчунин қувваи некии Ислом ба зӯроварӣ ва такаббури Америко барҳам зада, онро маҷбур месозад, ки ба узлат, яъне ба олами нави худ баргардад. Албатта агар ҳамон олами нав пойдор монад. Сипас тамоми ҷаҳонро некӣ фаро мегирад ва олам, ки дар гирдоби бадбахтиву фалокат муддати зиёдро паси сар намуд, озодона нафас мекашад.

### 5. Халқи англис

Ин халқ аз ибтидо асосан бо моҳигирӣ ва киштисозӣ машғул буд. Сипас баҳрнавардӣ ва тиҷорат низ ба он ҳамроҳ шуд. Оқибат дар вай табиати аз паи манфиат давидан ва савдогарӣ пайдо шуд. Азбаски масоҳати кишвараш хурд аст, маҷбур буд, ки мисли шикорчиёни баҳр аз дигарон ёрӣ пурсад. Шикорчиёни баҳр кам андар кам ба танҳоӣ шикор мебароянд. Баъдтар мабдаи капиталистиро пазируфт ва манфиатпарастӣ дар вай реша давонид. Бинобар ин мебинем, ки ҳаёти сиёсии Англия аз ибтидо то ҳол бар асоси ёрӣ хостан аз дигарон ва домгузорӣ барои шикор бунёд шудааст. Хоҳ он кишвар мустамликаи вай бошад, хоҳ аз вай ёрӣ пурсад. Хуллас, тамоми сиёсати вай бар асоси созишномаҳо, гурӯҳбандиҳо ва ҳамкориҳо дар хусуси мустамликадорӣ бунёд шудааст.

Барои ҳамин дар асри XIX барои мустамликадорӣ бо давлатҳои дигар ҳамкорӣ карда, онҳоро дар мустамликакунии кишварҳо озод гузошт, то ки онҳо дар тарафи Англия истанд ва манфиатҳои онро ҳимоя кунанд. Айнан бо ҳамин мақсад баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон кӯшиш кард, ки Фаронсаро ба Шарқи Авсат ворид намояд, то ҳангоми таҳдиди ягон хатар ба минтақа вайро ба пеш гузорад. Ҳамон вақт мегуфтанд, ки «Англия то ҳалок шудани охирин аскари француз меҷангад». Ҳамин тавр, табиати моҳигирон дар онҳо хислати барои амалисозии манфиат аз дигарон ёрӣ хостанро пайдо карда буд. Британия боз бо як хислати дигар машҳур аст, дурустттараш, ин муҳимтарин хислати вай аст. Ин хислат консерватизм6, яъне барои дигаргуншавӣ ва тараққиёт саросема нашуда, фақат ҳангоми ноилоҷӣ ба он рӯ овардан мебошад. Халқи англис, ба таври кӯтоҳ гӯем, халқи кӯҳнапараст аст. Ба он аз қадимулайём то ҳол оилаҳои асилзодагон, сарватмандон ва сармоядорони калон ҳукмронӣ мекунанд. Ҳарчанд он даъво мекунад, ки халқи демократ аст, агар амиқтар назар афканем, нодуруст будани ин даъво аён мегардад. Халқ дар таъини ҳоким ягон таъсир надорад. Онро чи дар гузашта, чи имрӯз оилаҳои асилзодагон, монополистҳо таъин мекунанд. То ҳол тақдири онро оилаҳои асилзодагон ва капиталистҳо ҳал мекунанд. Аз қадим ҳар як ҳаракати халқӣ дар Англия бо қабеҳтарин сурат ба муқовимат дучор гашта, айнан ҳамин тавр саркӯб карда шудааст. Шӯриши Кромвел, ки англисҳо аз он фахр мекунанд, шӯриши халқ нест, баръакс шӯриши оилаҳои асилзодагон бар зидди шӯриши халқ буд. Ҳамон вақт бо мақсади сарнагун сохтани салтанати оилаҳои асилзодагон ва капиталистҳо шӯриши халқ сар зада андак монда буд, ки зафар ёбад. Аммо оилаҳои асилзодагон ҳила кор фармуда, Кромвелро фиристоданд, то ки шӯрише бардорад ва фақат баъзе ҳуқуқҳоро талаб кунад. Дар атрофи ӯ мардуми зиёд ҷамъ омаданд. Ҳатто баъзе талабҳо қонеъ гардонида шуд. Ҳамин тавр, шӯриши халқро дар гаҳвора буғӣ карданд. Ба Англия даҳҳо сол боз Ҳизби консерваторон ҳукмронӣ мекунад. Аммо Ҳизби коргарон маҳз силоҳест, ки дар вақти лозима истифода бурда мешавад. Ҳангоми сар задани муаммоҳое, ки Ҳизби консерваторон аз ҳалли он оҷиз мемонанд, Ҳизби коргарон ба кор меояд. Ҳизби коргарон шояд вақтҳои охир инро пай бурда бошад, ки кӯшиш намуд ба онҳо мувофиқат кунад. Дар натиҷа ҳокимият миёни ин ду ҳизб даст ба даст шуд. Ҳатто бештар ба ивазшавии нақшҳо дар байни коргарон ва консерваторон шабеҳ гашт, на ин ки Ҳизби коргарон дар дасти корсерваторон як дастгоҳ бошад. Ба назар мерасад, ки роҳбари имрӯзаи Ҳизби коргарон, сарвазири Британия Тонӣ Блэр табиати ҳизбро тағйир дода, ба сиёсати Ҳизби консерваторон то андозае наздик шуд. Чунон зуҳуроти сиёсӣ пайдо кард, ки аз ӯҳдабароии Ҳизби консерваторон фарқ намекунад. Ҳатто аз собиқ роҳбари Ҳизби консерваторон Маргарет Тэтчер дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ибрат гирифт. Хуллас, акнун Ҳизби коргарон аз Ҳизби консерваторон фарқи калон надорад. Ин ду ҳизби Британия ба дугоники

ҳизбҳои Амрико: Ҳизби ҷумҳурихоҳон ва Ҳизби демократҳо табдил ёфтанд.
Агар дар сафи Ҳизби коргарон шахсоне, ки ҳукмронии оилаҳои асилзодагон ва капиталистҳоро дар Англия дарк мекунанд, пайдо шаванд, ба сарашон мусибатҳоеро меоваранд, ки оқибат ҳам дар дохили ҳизб, ҳам дар сиёсат аз қувваи таъсири худ маҳрум мегарданд. Саргузашти аъзоёни Ҳизби коргарон Пиффен (солҳои 1930 – 1960) ва сорҷ Браун (солҳои 1960) мисоли равшананд, ки Ҳизби консерваторон ҳатто ба Ҳизби коргарон низ ҳукмфармоӣ карда метавонанд. Ҳизби консерваторон низ роҳбари худро бо роҳи интихобот таъин карда наметавонад, балки ӯро роҳбари пешинаи ҳизб таъин мекунад. Масалан, Макмиллан Лорд Хесро ва Маргарет Тэтчер сон Мейҷорро таъин кардааст. Хес ва Мейҷор, гарчи интихоб шуда бошанд ҳам, аввал таъин шудаанд, сипас ба ном интихобот баргузор гаштааст. Аз ин ҷо аён мегардад, ки низоми ҳокимият дар Англия, гарчи демократӣ номида шавад ҳам, аслан таъинӣ аст. Таъинкунандагон оилаҳои асилзодагон, капиталистҳо ва монополистҳо мебошанд.
Англия ҷазираест дар миёни баҳр ва аҳолии ин ҷазира эҳтиёҷоти худро таъмин карда наметавонад. Аз ин ҷиҳат, аён мегардад, ки англисҳо маҷбур ҳастанд барои ҳаёт мубориза бурда, аз ҷазира берун бароянд. Вале онҳо на бо мақсади мубодилаи мол барои савдогарӣ, балки бо мақсади мустамликадорӣ, макидани хуни халқҳои дигар, тороҷи сарватҳои онҳо берун баромаданд. Чунки сараввал онҳо барои мубодила мол надоштанд. Бинобар ин, дар ҷустуҷӯи боигарӣ ба роҳ баромаданд. Вақте ки аз ҷазира берун шуданд, дар ҳамин гуна аҳвол буданд. Чун мабдаи капиталистиро, ки манфиатдорӣ қисми таркибии он аст, пазируфтанд, ин мабдаъ ба табиати онҳо мисли нигин бар ангуштарин мувофиқ омад. Дар натиҷа ҷиҳати мустамликадорӣ дар маркази диққати онҳо қарор гирифт ва ба давлати мустамликадори якуминдараҷа табдил ёфтанд. Азбаски камшумор буданд ва бар муқобили қувваи аз худ калонтар истодагарӣ карда наметавонистанд, аз воситае кор гирифтанд, ки халқҳо ва давлатҳои дигарро ба ёрӣ маҷбур мекунад. Ин ёрӣ дар шакли гурӯҳбандиҳое монанди созишномаҳо, анҷуманҳо ва иттиҳодҳо намоён шуд. Бинобар ин ҷиҳати гурӯҳбандишавӣ ба ҷузъи ҷудонопазири сиёсати Англия табдил ёфт. Онҳо дар боби заковат монанди дигарон оддӣ ҳастанд, вале бо он фарқ мекунанд, ки то охирин зарра заковати худро кор мефармоянд. Бинобар ин дар дарки воқеаҳо, донистани сиёсат ва ҳалли муаммоҳо ба камолот ноил мегарданд. Бо эътибори эҳтиёҷи сахт ба густариш саноати худро бар асоси ҳарбӣ бунёд карданд. Ин кор сабаб гашт, ки онҳо бо маънои том ҳамчун давлат ташаккул ёбанд. Онҳо аз қувва ва техникаи ҳарбӣ, ҳамчунин аз қувваи саноатӣ ба таври лозимӣ истифода карданд. Илова бар ин, сиёсат ва сарвариро низ хуб мефаҳманд. Аксар вақт маккориҳоеро, ки дар он палидӣ намоён аст, ба кор мебаранд. Сиёсати хориҷии Англия бар асоси мустамликадорӣ бунёд шудааст.

Вале дар он ду кор ба назар мерасад. Якум: нигоҳ доштани мувозинати байналхалқӣ. Дуюм: ҳарчанд гарон афтад ҳам, нигоҳ доштани мавқеи худ дар сиёсати байналхалқӣ. Барои ҳамин дар ҷанги салибдорӣ ошкоро иштирок намуд. Дар иттиҳоди муқаддас дар сафи аввали давлатҳои калон буд. Дар шикаст додани Наполеон ва баргардондани Фаронса ба ҳудуди худ дар сафи аввал истод. Дар ҳаракати Олмон дар давраи Бисмарк дар анҷумани Берлин иштирок намуда, костани қувваи онро қасд кард. Пай бурд, ки қувваи Олмон фавқулодда меафзояд, бинобар ин, бар зидди вай ҷанг эълон намуд. Дар ҳар ду ҷанги ҷаҳонӣ бар зидди вай истод. Бо мақсади тағйир додани харитаи олам ва заиф сохтани ду давлати гигант, ки ҳамон вақт, яъне дар давраи созиш ба олам ҳукм меронданд, кӯшиш кард, ки тамоми дунёро ба ҷанги ҷаҳонӣ ҷалб намояд. Вақте ки дар натиҷаи иттиҳоди ду гигант аз сиёсати байналхалқӣ барканор карда шуд, ба шахси саргумзада шабоҳат дошт. Барои аз майдони байналхалқӣ дигарбора ҷой гирифтан ва дар сиёсати байналхалқӣ иштирок намудан, гарчи худро зери хавф гузошта бошад ҳам, ба тарзи асабонӣ ҳаракат кард. Дар ин кор ба созишнома бастан бо давлатҳо, ҷалб намудани шахсҳо ва таъсир расонидан ба воситаи онҳо такя мекард. Онҳо дар савдокунӣ, гарчи ба рақиб ҳиссаи калонтар диҳанд ҳам, парво надоранд. Вай дар сиёсат на дӯст ва на душманро эътироф мекунад. Ғайр аз манфиат ба ҳастии чизи дигар боварӣ надорад, онҳоро силоҳи фиребдиҳӣ меҳисобад. Барои ба боварӣ даромадан кӯшиш мекунад, ки дурӯғро нишон надиҳад, аммо маҳз онро ҳамчун силоҳи фаъолтарини сиёсат ба кор мебарад. Вақте ки сарвазири Британия Черчилл барои ҳалли тақдири ҷанг ваояндаи Олмон бо Рузвелт ва Сталин мулоқот намуд, кушоду равшан гуфта буд: «Ҳақиқати ҷанг ончунон қимат аст, ки ҳатман онро бо посбонони аз дурӯғ сохташуда бояд ҳимоя кунед». Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дурӯғ дар сиёсати Британия мавқеи асосиро ишғол мекунад. Воқеи Британия ва сиёсати он ҳамин аст. Бо вай бояд ҳамчун давлате, ки бар асоси мустамликадорӣ ва ғуломкунии халқ бунёд шудааст, муносибат кард. Солҳо ва ҳодисаҳо ин роҳи вайро тағйир дода натавонистанд. Ба шӯриши якчанд халқҳо дучор гашт, вале нагузошт, ки ҳеҷ кадоми онҳо комёб гардад. Муқовимат бар зидди мустамликадории Британия бо дарк намудани воситаҳои он ва зиддияти ошкоро ба маккории вай, ки услубҳои пинҳонӣ ва намуди содда дорад, амалӣ мегардад. Қувваи вай дар мисраи зерини шоир: «Маро ту бо дард даво кун» ифодаи худро ёфтааст. Қувваи хориҷии вай дар моил кардани дигарон, ҳатто мухолифон ба сӯи худаш мебошад. Роҳи ягонаи шикаст додани Англия аз силоҳи сиёсии анъанавӣ маҳрум сохтан, бе ёвару ҳамроҳ гузоштан ва танҳо бо он мубориза бурдан мебошад.

## 6. Халқи француз

Ин халқ дар маркази Аврупо давлати кӯҳан бунёд кард. Вай фахр мекунад, ки фикрҳои олиро монанди озодӣ, адолат ва баробарӣ ба вуҷуд овардааст ва дар боби сиёсату тафаккур шахсони бузургро ба камол расонидааст. Фаронса ба ҳар ҳол давлати мустамликадор аст. Аз фикрҳои озодӣ ҳамчун нишонаи шахсии олии худ таъсир мегирад ва бо ҳамин чиз аз дигарон фарқ мекунад. Ин нишона ба хулқ, дурусттараш, ба табиати вай табдил ёфтааст.
Халқи француз аз рӯзе, ки озодиро мафкураи худ ихтиёр намуд, ба парокандашавӣ рӯ овард. Вай назар ба уммат, халқ ё ҷамоат бештар ба гурӯҳи шахсҳо шабоҳат дорад. Бинобар ин, даврае, ки вай соҳиби ҳукумати қавӣ шуда бошад, басо кам вомехӯрад. Аз ин сабаб, Англия якчанд маротиба муваффақ шуд, ки Фаронсаро пай дар пай кор фармояд. Хуллас, Фаронса аз шикасти Наполеон то давраи Де Голл бо корвони Англия буд. Зеро дар вай мафкураи озодӣ реша давондааст. Ҳатто вақте ки бо мақсади мустамликадорӣ ба Амрико, Осиё ва Африқо равона шуд, ин корро бо такони Англия анҷом дод. Аммо мақсади Англия, гарчи дар таърихи мустамликадорӣ миёни ду давлат рақобат сар зада бошад ҳам, бо воситаи Фаронса пурзӯр шудан буд.
Аз ин рӯ, ҳарчанд ба халқи француз амиқ назар кунем ҳам, дар вай ғайр аз озодӣ хусусияти дигарро ёфта наметавонем. Ҳамин озодии фикрӣ файласуфон, шоирон ва мутафаккиронро ба воя расонида бошад, озодии сиёсӣ оличанобӣ, азизӣ ва худбовариро пайдо кард. Дар натиҷа шахсони зиёди бузург ба дунё омаданд. Озодии шахсӣ Парижро ба макони фисқу фуҷур ва фоҳишахонаи шаҳвату лаззат табдил дод. Айнан ҳамин озодӣ ба истилои аҷнабиён, хусусан англисҳо дарича кушод. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки озодии ба маънои мутлақ манбаи балоҳоест, ки ба сари Фаронса меоянд.
Наметавон гуфт, ки дар Фаронса фалон қадар ҳизб мавҷуд ва фалон ҳизб фалон хел аст. Зеро душвор аст, дурусттараш, мумкин нест, ки дар халқе бо ин гуна аҳвол ҳизбе ба маънои ҳақиқӣ мавҷуд бошад. Дар вай ҳамагӣ тӯдаҳои шахсоне мавҷуд аст, ки худро ҳизбҳо меноманд. Аз ин рӯ, дар ин мамлакат мавҷуд будани ҳокимияти пурзӯр ва барқарор хеле душвор аст. Чунки ҳар як француз худ ҳокими худ аст. Ҳар як француз умеди ҳоким шудан дорад. Гуфтан мумкин нест, ки сиёсати дохилии Фаронса фалон хел ва сиёсати хориҷии он фалон хел аст. Сиёсати дохилӣ аз рӯи табиати ҳокимон ва дарки озодӣ аз тарафи онҳо бурда мешавад, сиёсати хориҷӣ аз рӯи иқтидори Фаронса ба мустамликакунии дигарон ва густариши нуфузи он бурда мешавад. Фаронса давлати мустамликадор ба ҳисоб меравад, чунки мабдаи капиталистиро қабул кардааст. Манфиатдорӣ қисми таркибии ҳаёти вай ба ҳисоб меравад. Бинобар ин ба мустамликадорӣ ва нигоҳдории мустамликаҳояш ҳарис аст.
Азбаски дар хусуси сиёсати хориҷии Фаронса таваққуф кардан лозим аст, ҳаминро метавонем бигӯем, ки ин сиёсати вай бар асоси пайдо кардани нуфуз дар хориҷ бунёд шудааст, хоҳ бо мустамликаҳояш

бошад, хоҳ бо нуфузи сақофӣ ва хоҳ бо нуфузи иқтисодӣ. Дар амалиётҳои сиёсӣ бар зидди давлатҳои калон корҳои монанди нишон додани шахсияти худ ва дар бузургиву ҳукмронӣ иштирок кардани вай намоён мешавад. Он дар соҳаи найрангҳои сиёсӣ моҳир нест. Бештар ошкорбаёниро меписандад. Бинобар ин бо осонӣ маълум шуд, ки дар байни вай ва Амрико ихтилоф вуҷуд дорад. Аммо фош кардани муборизаи миёни дигарон, хусусан миёни Британия ва Амрико осон нест. Бинобар ин роҳи муқовимат бар зидди корҳои Фаронса ин аст, ки набояд ба иззати нафси вай бирасем ва набояд имкон диҳем, ки зимоми ташаббусро ба даст гирад. Фақат, чунон ки дар сиёсати байналхалқӣ давлатҳои калон қабул мекунанд, давлати калон ҳисоб карда шавад, бас аст.

## 7. Халқи рус

Ин халқ серғайрату кӯшишкунанда, пурзӯр ва дар айни замон соддаву оддӣ аст. Бо вуҷуди он ки сараввал мабдаи капиталистӣ, сипас мабдаи коммунистӣ ва сипас боз мабдаи капиталистиро қабул кардааст, аз Аврупо қафо монд. Ба дараҷаи халқҳои Аврупо тараққӣ карда натавонист. Русҳо дар муқоиса ба аврупоиҳо камбизоат шуданд. Ин чиз ба самти онҳо таъсири салбӣ расонид.
Халқи рус дар кишвари худ далеру ҷанговар аст. Аммо берун аз кишвар ин хусусиятро гум мекунад. Интизорӣ мерафт, ки аз болои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ҳукмронии дарозмуддати худро аз даст медиҳад. Вақте ки Иттиҳоди шӯравӣ сарнагун шуд, воқеан онро аз даст дод. Чи тавре ки ҳақиқатҳои таърихӣ собит менамоянд, халқи рус берун аз кишвари худ ғалаба накардааст. Машаққати вай дар як кишвари хӯрдакаки монанди Чеченистон сухани мазкурро тасдиқ мекунад. Аммо ҳар гуна душманеро, ки ба кишвари вай дохил шудааст, мағлуб сохтааст. Ҳодисаҳои Наполеон ва Гитлер равшантарин мисоли ин мебошад.
Низоми ҳокимияти давраи подшоҳӣ, давраи коммунистҳо ва давраи имрӯзаи Русия куллан аз ҳам фарқ мекунанд. Фақат дар ҳама ҳолатҳо ба истибдод моил буд. Подшоҳ ба соҳибони замин алоҳида такя кардааст. Феодалҳо бо сарватмандони калон иттифоқ баста, ба мамлакат ҳукмронӣ кардаанд. Онҳо сиёсати дохилӣ ва хориҷии подшоҳро комилан дастгирӣ намудаанд. Ҳамаи инҳо як шуда халқро ваҳшиёна ғулом кардаанд. Дар натиҷа давлат ва халқ ақибмонда гаштанд. Русия пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон аз Аврупо ақибмонда буд. Аз тарафи баъзе давлатҳои Аврупо истисмор карда мешуд. Саноатҳои асосии вай дар дасти Фаронса, Англия ва Белгия буд. Корхонаҳои металлургия дар дасти французҳо, саноати ангишт дар конҳои Донетск дар дасти аҷнабиён, тақрибан нисфи конҳои нафт дар дасти англисҳо ва французҳо буд. Ҳиссаи калони фоидаи саноати Русия ба бонкҳои

хориҷӣ, хусусан бонкҳои англис ва франсуз мерафт. Мамлакат соли 1924 ҳам аз ҷиҳати низоми ҳокимият, ҳам аз ҷиҳати иқтисод, сақофат ва таълим ақибмонда буд. Вале бо вуҷуди ин давлати калон ба ҳисоб мерафт. Ба сиёсати байналхалқӣ таъсири худро мерасонид. Вақте ки Ҳизби коммунистӣ ба сари ҳокимият омад, вазъият фақат аз ҷиҳати услуб тағйир ёфт. Коммунистҳо мамлакатро бо зӯроварӣ, куштор, террор, таҳдид ва бадарға сарварӣ намуданд. Ҳокимияти худро бар болои устухони косаи сари халқ бунёд карданд. Тавонистанд, ки давлати якумро аз фикри ҷанг бар зидди худашон боздоранд. Вайро ба ҳампаймон, дурусттараш, ба нимҳампаймони худ табдил доданд. Дар натиҷа Иттиҳоди шӯравӣ дар сарварии дунё шарики давлати якум гашт. Ба тамоми ҷаҳон ду гигант: Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико ҳукмронӣ карданд. Сиёсати коммунистии Русия бар асоси мафкура бунёд шуда буд. Паҳн кардани коммунизм ғоя, вайронкорӣ, харобкунӣ ва эҷоди ихтилофҳо тариқати вай буд. Бо баробари даст додани имкон дар ҳама ҷо коммунизмро ҷорӣ мекард. Айни замон кӯшиш мекард, ки бар давлатҳое, ки низоми коммунистиро низоми ҳокимияти худ ихтиёр кардаанд, ҳукмронӣ намояд.

Вақте ки коммунизм сарнагун шуд, ҳам Русия, ҳам пешвоён ва ҳам халқи он пай бурданд, ки ба як мафкураи наве мӯҳтоҷанд, ки ҳам аз давраи подшоҳӣ ва ҳам аз давраи коммунизм фарқ кунад. Бинобар ин ба сӯи капитализм шитофтанд. Аммо аз борон гурехта, ба барф дучор шуданд. Қашшоқӣ торафт авҷ гирифт. Ҳам давлат ва ҳам мавқеи он дар дунё зарар дид.

Низоми ҳокимият дар Русия шакли капиталистиро гирифт. Вай, гарчи бештар ба давраи подшоҳӣ шабеҳ бошад ҳам, баъзе нишонаҳои давраи коммунистиро низ нигоҳ дошт. Синфи капиталистҳо – сарватмандони калон аз нав пайдо шуда, мисли замони подшоҳӣ ба ҳокимият пурра таъсир расонданро сар кард. Фақат ин дафъа собиқ ходимони КАД7 ва сиёсатмадорони коммунист, ки ҷомаи дигар пӯшида буданд, аз рӯи мӯди нав ба капиталистҳо табдил ёфта, ба Русия ҳукмронӣ мекарданд. Сиёсати хориҷии Русия ба пайдо кардани нақш ва шаъни худ нигаронида шудааст. Вале ин корро аз нуқтаи назари умумиҷаҳонӣ анҷом намедиҳад. Барои ҳамин бо ҷой гирифтан аз майдони байналхалқӣ маҳдуд шудааст. Ба ҳар ҳол нақши худро ҷустааст ва кӯшиш кардааст, ки аз сиёсати байналхалқӣ куллан барканор нашавад. Ин ҳолат бо сабаби пайдошавии холигоҳи мафкуравӣ дар халқи рус рух додааст. Инқирози сиёсие, ки халқи рус аз сар мегузаронад, имкон медиҳад, ки мусулмонон ба Русия дохил шуда, бо вай алоқаҳои тиҷориро ба роҳ монанд ва ниҳоят бар зидди сиёсати пешгирифтаи вай муқовимат намоянд. Ҳамон вақт русҳо мебинанд, ки Ислом дар алоқаҳои мардум зинда мебошад. Ин инқирози халқи рус имкон медиҳад, ки бар зидди кӯшишҳои Русия дар роҳи таъсиррасонӣ ба сиёсати байналхалқӣ муқовимат намоем ва дар ин ҷода ба вай имкон надиҳем, бо вай фақат дар соҳаи савдо алоқаҳоро ба роҳ монем, аммо

дар соҳаҳои боқимонда мисли дигар давлатҳои капиталистӣ муомила кунем. Бо Русия бояд ҳамин тавр муомила кард. Чунки сиёсати хориҷии он бар асоси истисмор ва мустамлика кардани халқҳои дигар бунёд шудааст. Гарчи ин чиз фақат дар давлатҳои ба он ҳамсоя ба назар расад ҳам, сиёсати хориҷии он ба ҳамин асоснок шудааст. Халқҳои Амрико, англис, франсуз ва рус халқҳои давлатҳои калонанд, ки барои ба сиёсати байналхалқии асри XXI ҳукмронӣ намудан кӯшиш ва бо ҳам рақобат мекунанд. Ба ин чор давлат ба тарзи кӯтоҳ чунин баҳои сиёсӣ додан мумкин аст:
Қувваи Амрико, вақте ки Иттиҳоди шӯравӣ тасодуфан сарнагун шуд, бо суръати баланд афзуда, ба давлати гиганти ҷаҳон табдил ёфт, ки таъсири пурзӯртарин дорад. Алалхусус, ягон давлат холигоҳро, ки бо сабаби сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ба вуҷуд омад, пур карда натавонист, ки ин чиз ба фоидаи Амрико шуд. Ҳанӯз давлати соҳиби мақоми дуюм ба майдон наомад, ки ҷои Иттиҳоди шӯравиро ишғол кунад. Амрико бе рақиб монд. Ин ҳолати аҷиб дар вазъияти байналхалқӣ, ки вайро то андозае ба осмон мебардошт, сиёсатмадорони Амрикоро мағрур сохт. Шояд сухани вазираи корҳои хориҷии Амрико дар давраи Клинтон Мадлен Олбрайт фикри моро ифода кунад: «Амрико уммати зарурист. Масъулияти ҷаҳон дар дӯши вай аст. Он омода аст, ки ҳар як корро дар вақти дилхоҳ анҷом диҳад. Ҳама бидонад, ки мо кори дилхоҳи худро ба анҷом мерасонем ва чизи дилхоҳи худро тағйир медиҳем! Ягон чиз дар роҳи мо монеа шуда наметавонад! Зеро дунё аз они мост! Дунё аз они амрикоиҳост!»
Ба ин манмании сиёсати Амрико ҳатто ҳампаймонони вай дар Аврупо тоқат карда наметавонанд. Дар матбуот бар зидди вай раддияҳо садо медиҳад. Рӯзномаи «Ле Монд дипломатик», ки дар Фаронса ба табъ мерасад, дар раддия ба баёноти Олбрайт гуфт: «Мумкин нест назорати Амрико коре бошад, ки қатъӣ ҳал карда шавад. Аз ҳамин лаҳза Амрико бо ду гӯш бишнавад, ки вай ҳеҷ гоҳ қонунҳои худро мувофиқи манфиатҳояш ба панҷ қитъа маҷбуран ҷорӣ карда наметавонад. Илова бар ин, вай ҳеҷ гоҳ дар минтақаи муборизаҳо ва муаммоҳо «ҷандарми ҷаҳон» шуда наметавонад!»
Сиёсати Амрико бо нуқтаи назари «дунё аз они ман аст, ба вай фақат ман ҳақдор ҳастам» шабурӯз эълон мекунад, ки вай сарвари ҷаҳон мебошад. Суханони Буш моҳи августи соли 2004 дар маъракаи пешазинтихоботӣ, эълон кардани лоиҳаҳое, аз қабили «олами нав», «Шарқи Авсати Нав», «Шарқи Авсати Калон» мисоли ин аст. Вале манмании Амрико боиси ҳалокати вай мегардад. Нишонаҳои ин кор аллакай ба назар расид. Инак, ба ботлоқи Афғонистон ва Ироқ фурӯ рафт. Бо вуҷуди он ки ҳар ду кишварро девонавор бомбаборон намуда, дар ҳабсхонаҳо корҳои ваҳшиёна анҷом дод, «экспорти» ҷасадҳои беҷони аскарони вай ба ватанашон оғоз шуд. Дар натиҷа ҳайбати вай шикаст хӯрд, барбод рафт. Халқҳои минтақа бо сабаби ваҳшонияте, ки инсоният, ҳайвонот, набобот, таълиму матбуоту тафаккурро ҳам зери по

мегузорад, бар зидди вай ба ғазаб омаданд. Илова бар ин, тоқати Аврупо, Осиё ва Африқо аз истилогарӣ, ҳуҷуми муттасил ва яккаҳукмронии Иёлоти муттаҳида тоқ шуд. Ҳамин тавр, сиёсати Амрико, аз як тараф, бо мутакаббирӣ, манманӣ, «моҳирӣ» дар ваҳшоният ва ба ҷаҳон ҳамчун киштзори худ нигоҳ кардан, аз тарафи дигар, бо ғазабу нафрати халқҳои ҷаҳон ва дӯсту душманон нисбат ба вай фарқ мекунад. Ин ҳама нишон медиҳад, ки вайро шикасти нангин ва оқибати аламовар мунтазир аст, ки дар таърих тамоми зӯроварон ба он дучор шудаанд. Британия бо як даст киштии Аврупо ва бо дасти дигар киштии Амрикоро доштааст. Вайро, аз як тараф, низоу мақсадҳо дар бораи Аврупо ба худ ҷалб кунад, аз тарафи дигар, оҳанрабои англосакс ба худ мекашад. Вай дар байни ҳар ду тараф мувозинатро нигоҳ медорад. Ҳамин мувозинат асоси муносибатҳои Британия бо Амрико ва Аврупо мебошад. Вай аз ҳар ду тараф бозӣ мекунад, аз ҳар ду тараф истифода мекунад. Дар як вақт ҳам аз Аврупо ва ҳам аз Амрико қувва мегирад. Вай на Амрикоро тарк карда метавонад ва на аз Аврупо ҷудо шуда метавонад. Манфиатҳояш бештар ба Аврупо моил аст. Барои ҳамин рӯз то рӯз ба вай наздик мешавад. Ба Иттиҳоди Аврупо шомил шудан далели ин аст. Баъдтар дар бунёди ядрои қувваҳои Аврупо, ки аз Иттиҳоди Атлантикаи шимолӣ мустақил мебошад, саҳми худро гузошт. Бо вуҷуди эътирози сахти Амрико дар ҳамкорӣ бо Фаронса ва Олмон ҳамин корро анҷом дод. Сиёсати Британияи Аврупо ҳамин аст. Корҳои сиёсии вай аз ҳамин гӯша сар мезананд. Фаронса баракси Британия аст. Вай сиёсати худро бар асоси соф аврупоӣ бунёд мекунад. Ба пурзӯргардонии Иттиҳоди Аврупо ҳаракат мекунад, то ки онро ба қувваи муттаҳидаи сиёсии аврупоӣ табдил диҳад, ки аз Амрико тамоман ҷудогона бошад. Илова бар ин, бо мақсади табдил додани Иттиҳоди Аврупо ба рақибе, ки аз ҷиҳати сиёсӣ, ҳарбӣ, сақофӣ – хуллас, аз ҳар ҷиҳат ба қувваи Амрико баробарӣ карда тавонад, ба назорат кардани вай мекӯшад. Фаронса аз наздикшавӣ бо Олмон заминаи амалигардонии ҳамин сиёсатро омода месозад. Кор то ҷое расид, ки меҳвари Фаронса-Олмон асоси ҳамин сиёсати ваҳдати Аврупо ба ҳисоб меравад. Сиёсати аврупоии Фаронса ҳамин аст. Ин сиёсати ошкорои хос, мустақил ва муттаҳидкунанда аст, ки аз Фаронса ва Олмон марказ, яъне мошини ҳаракатдиҳандаи қувваи Аврупоро ба вуҷуд меорад. Сиёсати имрӯзаи Русия дар муқобили Аврупо дар ду кор ифодаи худро меёбад:

Якум: Ба клуби давлатҳои Аврупо дохил шудан ва дар муҳокимаи корҳои Аврупо баробари онҳо иштирок доштан. Русия ба ин кор қисман ноил гардид. Ба парлумони Аврупо аъзо шуд, ба қатори ҳафт давлати саноаташ мутараққӣ ҳамроҳ гашт. Вале дар шомилшавӣ ба Иттиҳоди Аврупо нафақат комёб, балки номзад ҳам шуда натавонист.

Дуюм: Кӯшиш ба нигоҳ доштани муносибати ҷудогона, яъне ворисии

доимӣ бо давлатҳое, ки дар гузашта як ҷузъи Иттиҳоди шӯравӣ буданд ва дар зери таъсири вай қарор доштанд. Дар ин кор ба андозаи даҳшатовар ноком гашт. Дар тамоми давлатҳои Аврупои Шарқӣ, аз қабили Болгария, Руминия, Чехия, Словакия, Полша, Венгрия ва Югославия, ҳукмронии худро аз даст дод. Илова бар ин, аз як қисми ҳукмронии худ дар Грузия, Озарбайҷон, Арманистон, Украина, Белорусия, Молдавия ва ҷумҳуриҳои мусулмоннишини Осиёи Миёна маҳрум шуд. Ғайр аз Қазоқистон ба дигар давлатҳо хӯҷаинӣ карда натавонист. Ҳукмронии худро дар давлатҳои назди Балтика, яъне дар Латвия, Литва ва Эстония пештар аз даст дода буд. Хуллас, сиёсати Русия нисбат ба Аврупо нагузошт, ки Русия то андозаи нақша ва ҳаракати худ аврупоӣ гардад. Эҳтимол сабаб давлати Евроосиё будани вай бошад. Вай на метавонад, ки тамоман ба Аврупо оид шавад ва на метавонад, ки дар айни замон аз майдони бепоёни Осиё сарфи назар кунад, инчунин аз муносибат ва манфиатҳои муҳими худ берун аз Аврупо даст кашад. Хуллас, вай бо муайян кардани сарҳади бепоёни худ овора аст. Ин давлати пароканда фақат ба ҷониби Аврупо такя карда наметавонад.

Ҳамин тавр, бо халқҳои давлатҳои калон, аз қабили Амрико, Британия, Фаронса ва Русия, Уммати Ислом, ки дар арафаи бунёди Хилофати Рошида ва азнавишғолкунии мақоми давлати калон қарор дорад ва халқи немис, ки ба мақоми давлати калон баргаштани он дар назар аст, шиносоӣ пайдо кардем. Илова бар ин, дар бораи халқи ҷопон, ки қувваи бузурги иқтисодӣ дорад, сухан гуфтем.

Таъсиррасонӣ ва таъсиргирии ин халқҳо дар сиёсати байналхалқӣ ҳангоми пеш омадани муаммоҳои бузурги ҷаҳон намоён мегардад.

## 1. Масъалаи Аврупо

Муаммои Аврупо аз асрҳои тӯлони боз муаммои аввалиндараҷаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Муаммои мазкур ҳам ба давлатҳои калон, ҳам ба мувозинати байни онҳо, ҳам ба ҳукмронии мустамликадории умумиҷаҳонӣ, ҳам ба миқёси ҳарбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва сақофии он тааллуқ дорад. Ин муаммои кӯҳан ба осоиштагии ҷаҳон аз ҳама бештар хавф пайдо мекунад.

Агар пеш аз ҳама дар бораи кӯҳан будани ин муаммо сухан ронем, айнан ҳамин муаммо оилаи байналхалқӣ ва ҷомеаи байналхалқиро ба вуҷуд овард, ки боиси пайдошавии қонуни байналхалқӣ гардид. Азбаски Аврупо ба Ислом зид аст, оилаи байналхалқӣ аз давлатҳои насронии он таъсис ёфтааст. Бо мақсади ба Наполеон зарба задан ва пешгирии васеъшавии Фаронса «иттиҳоди муқаддас» пайдо шудааст. Бо мақсади боздоштани Олмон аз нафти Шарқи Авсат ва коҳиш додани қувваи он ҷанги якуми ҷаҳон ба амал омадааст. Чор давлати калон: Англия, Фаронса, Иёлоти муттаҳида ва Иттиҳоди шӯравӣ барои муқовимат бар зидди Олмон ва пешгирии вайроншавии мизони қувваҳои Аврупо иттифоқ бастанд, то ки Олмонро торумор карда, дубора ба давлати калон табдил ёфтани онро пешгирӣ намоянд,

инчунин ба муттаҳидшавии Аврупо имкон надиҳанд ва таъсиси Иттиҳоди Аврупоро пешгирӣ намоянд. Найрангҳои сиёсие, ки ба таъсиси Иттиҳоди Аврупо монеа мешуданд, солҳо идома ёфт. Ба муттаҳидшавии Олмон даҳҳо сол зиддият намуданд. Ба ин мақсад ҳам пеш аз созиши ду гигант ва ҳам баъд аз он корҳои зиёд анҷом дода шуд. Сараввал дар ин кор Фаронса нақш мебозид. Баъдтар вақте ки Фаронса худро дур кашид, кӯшиш карданд, ки Аврупо бо воситаи Олмон пурзӯр карда шавад. Британия, гарчи зоҳиран ба муттаҳидкунии Аврупо кӯшишкунанда намояд ҳам, дар пешгирии муттаҳидшавӣ нақш дошт. Аз ин рӯ, муаммои Аврупо аз муаммоҳои кӯҳантарин ба ҳисоб меравад. Агар дар бораи хавфнок будани ин муаммо таваққуф кунем, ин чиз дар рафтори Фаронса, Англия, Олмон, Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико пеш аз созиш, дар рафтори ду гигант баъд аз созиш, инчунин дар корҳои баъд аз муддати созиш, яъне баъд аз барҳам хӯрдани лагери шарқӣ ва бекор кардани «Созишномаи Варшава» бо сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ифода ёфтааст. Пеш аз созиши гигантҳо лагери ғарбӣ дар тимсоли Фаронса, Англия ва Амрико намоён буд. Муаммои Аврупо дар ҷамъбасти ҷанги дуюми ҷаҳон ва муҳокимаи ояндаи Аврупои Ғарбиву Олмон дар байни ду лагер ифода ёфтааст. Лагери ғарбӣ мехост Аврупоро муттаҳид гардонда, бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ гузорад. Амрико алоҳида эътибор медод, ки қувваи ҳарбии Олмонро ангезад, барои бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ истодан артиши пурзӯри немисро пайдо кунад ва дар байни Олмон, Фаронса ва Англия мувозинати навро ба вуҷуд биёрад. Аммо Иттиҳоди шӯравӣ, ки тимсоли лагери шарқӣ буд, аз Аврупо, хусусан аз Олмон хавф мебурд. Бинобар ин ба муттаҳидшавии Олмон, ба муттаҳидшавии Аврупо, ба ташкили қувваҳои Аврупо ва ҳамчунин ба азнавмусаллаҳшавии Олмон зиддият нишон дода, бо воситаи ҷанги сард, корҳои сиёсӣ ва фаъолияти дипломатӣ комёб шуда тавонист. Дар тӯли даҳҳо сол нагузошт, ки Аврупо дар муаммои худ қадаме ба пеш гузорад. Вақте ки Хрушёв ва Кеннедӣ иттифоқ бастанд ва ду гигант ба вуҷуд омад, ҳолат тағйир ёфт. Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ дар масъалаи Олмон ва дар масъалаи Аврупо ҳамфикр шуданд. Ин чиз ҳанӯз зимни мулоқот ба назар расида буд. Президенти ИМА сон Кеннедӣ ҳамон вақт чунин баёнот дода буд: «Иттиҳоди шӯравӣ асос дорад, ки аз ҳуҷуми ҳарбии Аврупо хавф барад. Чунки Русия дар таърих аз Аврупо ду бор зарба хӯрд. Якум: зарбаи Фаронса дар давраи Наполеон. Дуюм: зарбаи Олмон дар давраи Гитлер. Барои ҳамин бояд коре анҷом дода шавад, ки аз тарафи Аврупо ба Иттиҳоди шӯравӣ мавҷуд набудани хавфро кафолат диҳад, масалан, беяроқшавии Аврупои Марказӣ». Ин баёнот нишон медиҳад, ки Иттиҳоди шӯравӣ ва Амрико дар масъалаи Аврупо, хусусан дар масъалаи Олмон ҳамфикр буданд. Дар ин ягон шакку шубҳа нест. Вақте ки созиш ба охир расид, фикри Амрико дар бораи Аврупо тағйир наёфт. Вай ҳанӯз фикр дошт, ки Аврупоро аз кӯшиш барои мустақилият, иштирок дар ташаккули сиёсати

байналхалқӣ ва азнавбарпокунии нуфузи пешина боздорад, дар Осиёи санубӣ-Шарқӣ ва минтақаи Халиҷ нуфузи онро барҳам диҳад, онро дар зери паноҳи Амрико дар Иттиҳоди Атлантика нигоҳ дорад ва ба ҳар гуна кӯшиши Аврупо дар роҳи барпокунии қувваи ҳарбии хусусӣ зиддият нишон диҳад. Гап дар он аст, ки чун Аврупо баъд аз созиш дур шудани васвасаҳои ҷангро ҳис кард, ба осоиштагии худ баргашт, иқтисодаш қувват гирифт, кӯшиш кард, ки дар ташаккули сиёсати байналхалқӣ ба ду гигант ҳамкорӣ намояд ва бунёди сиёсати худро бо Амрико на бар асоси тобеият, балки бар асоси баробарӣ ва шарикӣ гузорад. Хусусан Британия ва Фаронса кӯшиш карданд, ки ба мустамликаҳои пештараи худ баргарданд. Дар натиҷа Амрико ҳаракатҳои Аврупоро бо диққат назорат намуд. Инчунин баъд аз сарнагуншавии лагери шарқӣ ва бекор шудани «Созишномаи Варшава» ба ишғоли холигоҳи давлатҳои Аврупои Шарқӣ шитофта, бо онҳо алоқа ба роҳ монд. Мақсад аз ин пешгирии васеъшавии Иттиҳоди Аврупо, хусусан Олмон ба сӯи шарқ буд. Илова бар ин, Амрико Иттиҳоди Атлантикаро нигоҳ дошта, ба таъсиси қувваҳои ҳарбии аз НАТО мустақили Аврупо зиддият нишон дод ва ҳанӯз зиддият карда истодааст. Ворисӣ Иттиҳоди шӯравӣ Русия низ пинҳон накард, ки аз васеъшавии Иттиҳоди Аврупо ба сӯи шарқ хавф мебарад ва ҳаракат кард, ки кафолатҳоро ба даст дарорад. Вале вай дар рӯ ба рӯи вазъияти байналхалқӣ, ки аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ва лагери шарқӣ ба вуҷуд омад ва дар рӯ ба рӯи ИМА оҷиз будани худро эҳсос намуд. Бинобар ин маҷбур шуд, ки барои созиш кардан дар масъалаи Аврупои Шарқӣ бо давлатҳои Иттиҳоди Аврупо созиш кунад. Айни замон Русия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои пайдо намудани қувваи таъсир дар сиёсати байналхалқӣ бо баъзе давлатҳои Иттиҳоди Аврупо созиш кунад. Ин чиз вайро такон дод, ки нисбат ба Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои он назар ба давраи созиши баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва баъд аз он давра мавқеи нармтарро ишғол кунад. Фаронса, то замоне ки Де Голл ба сари ҳокимият омада, ба Иёлоти муттаҳида ташриф овард ва дар моҳи марти соли 1969 бо Никсон мулоқот намуд, ҳаракат мекард, ки Аврупоро муттаҳид сохта, дар байни ду лагер ба қувваи сеюм табдил диҳад. Аз ин рӯ, мекӯшид, ки Олмонро то андозае пурзӯр созад, ки ба Фаронса хавф пайдо намекунад, дар байни давлатҳои Аврупо иттифоқи конфедералӣ бандад, айни замон аз они Фаронса будани сарвариро кафолатнок гардонад. Боз мекӯшид, ки Англияро ба қадри имкон аз Аврупо дур созад, чунки бовар дошт, ки сиёсати анъанавии Англия аз оғози таърих ба муттаҳидшавии Аврупо тамоман зид аст. Соли 1969 Де Голл истеъфо дод. Соли 1971, як сол пас аз вафоти ӯ президенти Фаронса Помпиду бо сарвазири Британия Эдвард Хес мулоқот доир намуда, музокираи дурудароз анҷом дод. Оқибат Помпиду ба аъзошавии Британия розигӣ дод. Фаронса ва Олмон ҳамоно кӯшиш мекунанд, ки сиёсати хориҷии муштараки Аврупоро ривоҷ диҳанд. Бахусус, Олмон медонад, ки агар

ҳамчун қувваи немис ба майдон ояд, ба чӣ гуна зиддиятҳо дучор мешавад. Барои ҳамин кӯшиш мекунад, ки бо Фаронса созиш карда, ҳамчун як қувваи дохили Иттиҳоди Аврупо ба майдон барояд. Ҳамзамон бештари мақсадҳои хусусии худро монанди васеъшавии иттиҳод ба сӯи шарқ амалӣ менамояд. Ин ду давлат ҳамчун мавқеи муттаҳиди мухолифи ҷанг дар давраи ҷанги соли 2003 бар зидди Ироқ ба майдон баромада тавонистанд. Ин чиз замина тайёр кард, ки Фаронса ва Олмон дар сиёсати хориҷии муштараки Аврупо меҳвар шуданд. Мақсади ин ду давлат, ки барои таҳияи лоиҳаи дустури нави Аврупо ва таъсиси қувваҳои ҳарбии муштараки Аврупо дар шакли ҷудогона аз НАТО кӯшиш мекунанд, маҳз ба қувваи умумиҷаҳонӣ табдил додани Аврупо мебошад, то ки Аврупо дар сиёсати байналхалқӣ дорои қувваи таъсир гардад.
Англия дар давраи созиш кӯшиш мекард, ки бо Олмон алоқаҳояшро таҳким бахшад, аз анҷуманҳое, ки дар байни Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ бар зидди пешравӣ ва пурзӯршавии Олмон баргузор мегардид, бохабар бошад. Минбаъд пас аз мулоқоти дурударози Помпиду ва Эдвард Хес қарор кард, ки ба бозори умумии Аврупо ҳамроҳ гардад. Ин кор дар Британия ба зиддияти дохилӣ дучор шуд. Британия ҳам пеш аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ ва ҳам баъд аз он ҳаракат мекард, ки барои муқовимат бар зидди ду гигант аз Аврупо қувва гирад. Вале вай бар зидди Амрико мавқеи ошкорои душманиро пеш нагирифт. Сababи ин ба зарурати марҳилавӣ вобаста аст. Чунки Аврупо дар роҳи қувваи умумиҷаҳонӣ шудан қадами нахустинро гузошта буд. Ин роҳ хавфу хатари зиёд дошт. Нокомӣ низ аз эҳтимол дур набуд. Махсусан Амрико, ки дар бозии байналхалқӣ бозингари пурзӯр буд, аз мақсади Фаронса ва Олмон огоҳ гашта, мудом барои барбод додани нақшаҳои онҳо ҳаракат мекард. Вай қодир буд, ки бо фарорасии фурсат аз ӯҳдаи ин кор барояд. Хуллас, сиёсати имрӯзаи Британия бар он асос бунёд шудааст, ки бо як даст киштии Аврупо ва бо дасти дигар киштии Амрикоро дорад. Вай аз ҳар куҷо, чи қадар, ки тавонад, манфиат меҷӯяд.
Ин воқеи гуногуни миллӣ дар байни давлатҳои Аврупо, хусусан давлатҳои калон дар роҳи ваҳдати пурзӯр шудани Аврупо, то дараҷае ки ба сиёсати байналхалқӣ таъсир расонида тавонад, монеа мегардад. Дар аснои таҳияи китоби мазкур ба мо хабаре расид, ки Иттиҳоди Аврупо, ки аз 25 давлат таъсис ёфтааст, 18 июни соли 2004 дар ҷамъомади Дублин ба интихоби президенти иттиҳод созиш карда натавонистанд ва ин корро ба мулоқоти минбаъда вогузоштанд. Ин чиз суханони дар боло зикрнамудаи моро таъкид мекунад. Ду омил: миллатгароӣ ва манфиатдории капиталистӣ, ки давлатҳои Аврупо пазируфтаанд, монеи пайдоиши ваҳдати пурзӯри Аврупо мегардад. Бояд гуфт, ки Иттиҳоди Аврупо қувваи бузурги иқтисодиро ташкил карда метавонад, ки бо қувваи иқтисодии Амрико рақобатпазир бошад. Евро дар бораи муносибатҳои байналхалқӣ бо доллар ба рақобат пардохт. Манфиати давлатҳои аъзои иттиҳод бо ҳамдигар мухолифанд, илова бар ин

Амрико тавассути барпо намудани алоқаҳои мустаҳкам бо баъзе давлатҳои иттиҳод, хусусан давлатҳои шарқӣ, ки 1 майи соли 2004 ҳамроҳ шудаанд, ба иттиҳод дахолат мекунад. Вале бо вуҷуди ин дар таъсиррасонӣ ба сиёсати байналхалқӣ ба нақшаҳои иқтисодии Амрико амалан тазйиқ меоварад.

Хуллас, гуфтан мумкин аст, ки агар Иттиҳоди Аврупо муттаҳид шавад, аз ҷиҳати иқтисодиву сиёсӣ ва то як андозаи муайян аз ҷиҳати ҳарбӣ бо Амрико рақобат карда метавонад. Вале он муттаҳид нест, бинобар ин аз ҷиҳати қувва заиф аст. Табиати ҳар гуна иттиҳод ҳамин аст. Ҳар гуна иттиҳод ба қуввае, ки ҳангоми ваҳдат пайдо мешавад, мӯҳтоҷ аст. Иттиҳоди Аврупо гиганти иқтисодӣ мебошад. Амрико аз ин иттиҳод хавф бурда, барои парокандасозии вай тамоми имконияти худро ба кор мебарад. Зеро иттиҳод дар майдони иқтисод рақиби ҳақиқии Амрико аст. Дар шумораи «International Financial Bulletin», ки 19 апрели соли 2003 ба табъ расидааст, гуфта мешавад: «Аз рӯи эзоҳи ректори институти иқтисоди байналхалқӣ – маркази тадқиқотҳои махсус дар Вашингтон Фред Бергстен, Иёлоти муттаҳида дар ҳисоботҳои соли 2000 барои пур кардани норасогии беш аз 500 миллиард доллар бештар ба сармояҳои Иттиҳоди Аврупо такя кардааст». 16 апрели соли 2003 10 давлат дар Афина ба ҳуҷҷате имзо гузоштанд, ки аз рӯи он бо гузашти муддати бештар аз як сол, яъне дар аввалҳои моҳи майи 2004 ба понздаҳ давлати Иттиҳоди Аврупо ҳамроҳ мешаванд. Ин чиз Аврупоро ба минтақаи калонтарини савдо табдил дод, ки 450 миллион нафар аҳолӣ дорад.

Иттиҳоди Аврупо дар майдони сиёсӣ ва ҳарбӣ нисбат ба Амрико то андозае заиф аст. Омилҳои бартарияти Амрико:

а) Нигоҳ доштани Иттиҳоди Атлантика (НАТО). Аслан ин иттиҳод бо бекор шудани Иттиҳоди Варшава таҳти сарварии Иттиҳоди шӯравӣ бояд барҳам мехӯрд. Вале Амрико бо баҳонаи ҳимояи давлатҳои Аврупо аз Русия ва дигарон ҳангоми зарурат ба идома додани иттиҳод исрор варзид. Дар натиҷа қувваи назорати ҳарбии Амрико аз болои Аврупо боқӣ монд. Раиси комиссияи Аврупо Романо Продӣ дар шумораи «IFB» аз 19 апрели соли 2003 гуфт: «Иттиҳоди Аврупо бояд дар Иттиҳоди Атлантика дорои нуфуз бошад. Ҳамон вақт иттиҳоде ба вуҷуд меояд, ки ба Аврупо ва Амрико такя мекунад». Ӯ афзуд: «Ин иттиҳоде нест, ки мо одат кардаем ва ба Иёлоти муттаҳида фармонбардорӣ мекунад, балки Иттиҳоди ҳақиқии Атлантика мешавад». Ӯ боз гуфт: «Мо наметавонем, ки масъулияти хароҷотҳоро ба Аврупо бор кунем ва вазифаи таъмини амниятро ба Амрико гузорем».

б) Британия намехоҳад, ки дар дохили Иттиҳоди Аврупо нопадид гашта, як давлате мисли Люксембург бошад. Барои ҳамин бо як даст киштии Иттиҳоди Аврупо ва бо дасти дигар киштии Амрикоро медорад. Манфиатҳои вай дар бораи заифгардонии Иттиҳоди Аврупо бо манфиатҳои Амрико мувофиқат мекунад. Британия мақсад мекунад, ки

ба Аврупо нуфузи худро ҷорӣ намояд, аммо Амрико мақсад мекунад, ки Аврупо ба қувваи ягона табдил наёбад ва бо вай ба рақобат напардозад.
в) Бештари даҳ давлате, ки моҳи майи соли 2004 (1 6 апрели соли 2003) ба ҳамроҳшавӣ бо Аврупо имзо гузоштанд, ба минтақаи зери нуфузи Амрико дохил мешаванд. Ба гуфтаи Продӣ, «баъзе аъзоёни нави Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои ба масъалаҳои амният алоқаманд бо Иёлоти муттаҳида алоқаи мустаҳкам доранд». Продӣ ин нуктаро 19 апрели соли 2003 гуфта буд.
г) Амрико, агар аз болои конҳои нафт назоратро пурзӯр гардонад, имкони пурзӯргардонии назорат аз болои давлатҳои Иттиҳоди Аврупоро, ки ба нафт мӯҳтоҷанд, ба даст медарорад. Инчунин агар аз болои ҳокимони «олами сеюм» назоратро пурзӯр гардонад, созишномаҳои тиҷории муфидро ба танҳоӣ ба даст медарорад ва тороҷи сарватҳои ин олам давлатҳои Аврупоро аз ин гуна даромадҳо маҳрум мекунад.
Бинобар ин мизони қувваҳои Аврупо барқарор нест. Дар Аврупо қариб ки қувваи ягона вуҷуд надорад, ҳамагӣ давлатҳои абарқудрат мавҷуданду бас. Фаронса мехоҳад саркориро ба даст гирифта, аз давлатҳои Аврупо гурӯҳбандӣ ташкил намояд ва қувваи Аврупоро ба вуҷуд биёрад. Аммо Британия аз пайдошавии блоки пурзӯри Аврупо манфиатдор нест. Вай танҳо аз ҷорикунии нуфузи худ дар Аврупо манфиатдор аст.
Ҳамин тавр, муаммои Аврупо, алоқаҳои байналхалқӣ ва алоқаи он бо Амрико, алоқа ва аксуламалҳои Аврупо бо дигар муаммоҳои муҳими рӯз давлатҳои ин минтақаро такон медиҳад, ки то андозае дорои эътибори байналхалқӣ бошанд. Гуногунии мувозинат ва бархӯрди манфиатҳову муносибатҳои Аврупо онро чи аз ҷиҳати барқарорсозӣ барои амнияти ҷаҳон ва чи аз ҷиҳати дигар ба муаммои хатарнок табдил медиҳад. Барои ҳамин таъсир ва аксуламали муаммои Аврупо нисбат ба панҷ муаммои дигар набояд аз назари мо дар канор монад. Аз ин рӯ, ба муаммои Аврупо бояд чунон назар афканем, ки воқеъ ва аҳамияти он аз замони давлатҳои бо ҳам низоъкунандаи Аврупо то замони ба бозори муштараки иқтисодӣ, сипас ба Иттиҳоди Аврупое, ки дар ҷаҳон пайдо кардани вазни худро мехоҳад, табдил ёфтани он мувофиқ бошад. Ин чиз дар асной шиносоӣ бо муаммоҳои дигар ва муносибати Аврупо нисбат ба онҳо боз ҳам равшантар мегардад.
2. Масъалаи Шарқи Авсат
Ин муаммо ба Ислом, хатарнокии он барои Ғарб, ба нуқтаи стратегӣ будани ин нуқта ва дар алоқаҳои Аврупо, Африқо, Осиё ҳукмфармо будани он, ба вуҷуди яҳудӣ ва хатти аввали мудофиаи манфиатҳои Ғарб будани он, ба мустамликадорӣ ва манфиатҳои моддии вай – хусусан ба нафт тааллуқ дорад. Муаммое, ки ба Ислом, нуқтаи стратегӣ, давлати яҳудӣ, мустамликадорӣ ва нафт тааллуқ дорад, бешубҳа нафақат барои аҳолии минтақа ва мусулмонон, балки барои тамоми ҷаҳон дорои

аҳамияти ҷиддӣ мебошад.
Ислом ҳамеша барои Амрико ва Ғарб хатари бузург ба шумор меравад. Минтақаи Шарқи Авсат манбаи паҳншавии даъвати исломӣ ба дунё мебошад. Беҳуда нест, ки Амрико баъд аз сарнагуншавии сотсиализм Исломро душмани асосӣ ва ягона донист. Бо мақсади рӯйпӯшкунии ҳуҷум бар зидди Исломи мусулмонон дар минтақа аз шиорҳои «терроризм», «экстремизми динӣ» ва «фундаментализм» истифода кард. Вай барои аз ҳокимият дур кардани ҳаракатҳои сиёсии исломӣ тамоми имкони худро ба кор мебарад. Аз хидмати ҳукуматҳои гумошта истифода карда, ҳамаи услубҳоро, аз қабили зулму зӯроварӣ, тазйиқу фишор бе истисно татбиқ мекунад. Буш ошкоро бар зидди мусулмонон ҷанги нави салибдориро эълон кард. Вазири адлияи Амрико сон Эшкрофт ошкоро гуфт: «Терроризм нафақат дар баъзе касоне, ки Исломро пазируфтаанд, балки дар худи Ислом пинҳон аст». Ба даъвои ӯ, гӯё Аллоҳ дар Қуръон ба терроризм тарғиб карда будааст. Акнун дар хусуси мавқеи стратегии Шарқи Авсат ва ҳукмфармо будани он дар алоқаҳо таваққуф мекунем. Шарқи Авсат, ки аз қадимулайём дар нуқтаи буриши се қитъа: Африқо, Аврупо ва Осиё ҷойгир шуда, дар гулӯгоҳи Гибралтар, Босфор, Адан, Хурмуз, канали Сувайс, баҳри Миёназамин, баҳри Сиёҳ, баҳри Сурх ва Халиҷ ҳукмрон аст ва илова бар ин, дар гузаргоҳи ашёи хом ва колоҳои миёни се қитъа қарор дорад, дорои аҳамият мебошад.
Аҳамияти стратегии вай қабл аз созиш дар байни лагери ғарбӣ ва Иттиҳоди шӯравӣ ин буд, ки сабаби зиддияти байни ду лагерро ташкил медод. Зеро Шарқи Авсат дар майдони набард, ки бар зидди собиқ Иттиҳоди шӯравӣ нигаронида шуда буд, камарбанди Ғарб ба ҳисоб мерафт. Ин камарбанд дар муҳофизати Шарқи Авсат ва Африқо, дар муқовимат бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ нахустин хатти мудофиа буд. Барои ҳамин дар Шарқи Авсат базаи ҳарбӣ, аз ҷумла ядровӣ бунёд карда шуд. Борҳо кӯшиш карданд, ки давлатҳои ин минтақаро ба созишномаҳои ҳарбӣ ҷалб намоянд. Фурудгоҳ ва автострадаҳои зиёд бунёд карда шуданд, ки аҳамияти стратегӣ доштанд. Аҳамияти ин минтақа дар соҳаи ҳарбӣ баъд аз созиши соли 1961 дар байни ду гигант барҳам хӯрд, аз тарафи ҳеҷ кас ба созишномаҳои ҳарбӣ эътибор дода нашуд. Базаҳои ядровиро барҳам доданд. Ду гигант ба барҳам додани базаҳои Англия пардохта, муваффақ шуданд, ки базаҳои ҳарбии Адан, Либия ва Сувайси шарқиро барҳам диҳанд. Илова бар ин, ба барҳам додани базаҳои Англия дар Кипр кӯшиш карданд. Хуллас, ҳамон вақт аҳамияти стратегии Шарқи Авсат аз байн рафт. Вақте ки ҷанги сард ба охир расид ва Иттиҳоди шӯравӣ сарнагун шуд, аҳамияти стратегии Шарқи Авсат аз нав барқарор гашт. Хусусан он бар зидди Русия ва Аврупо барои Амрико муҳим буд. Барои ҳамин Амрико дар Халиҷ аз нав ба бунёди базаҳои ҳарбӣ пардохт. Афғонистон ва Ироқро истило намуд. Баҳрайн, Покистон ва Қувайтро ҳампаймони стратегӣ эълон кард.

Минбаъд ин минтақа хатти пеши мудофиаи амнияти Иёлоти муттаҳида эътибор карда шуд ва лоиҳае бо номи «Лоиҳаи Шарқи Авсати Калон» таҳия гардид. Сипас Амрико онро бо лоиҳаи дигаре бо номи «Лоиҳаи Шарқи Авсат ва Африқои Шимолӣ» иваз намуда, дар ҷамъомади олидараҷаи ҳашт давлати саноаташ мутараққӣ, ки дар моҳи июни соли 2004 дар минтақаи Сӣ-Айленд баргузор гардид, тақдим кард.
Ба ҳар ҳол дар бораи аҳамияти мавқеи Шарқи Авсат гуфтан мумкин аст, ки он аз ғарб то шарқ, яъне аз Марокашу уқёнуси Атлантика то Эрону Халиҷ, аз шимол то ҷануб, яъне аз Туркия то Саҳрои кабири Африқо тӯл кашидааст. Ба таври дигар гӯем, минтақаи мазкур ғайр аз давлатҳои араб Туркия ва Эронро низ дар бар мегирад. Ҳамин мавқеи муҳим вайро ба қиблаи мустамликадорон ва зиёратгоҳи тамаъгарон табдил дод. Чунки он дар соҳаи рафтуомади нақлиёт ва алоқаҳои дигар аз давраи ҷанги салибдорӣ то ба имрӯз дорои аҳамияти муҳим мебошад.
Акнун дар бораи вуҷуди яҳудӣ, ки дар Фаластин ҷойгир карда шудааст, таваққуф мекунем. Ин вуҷуд ба меҳвари муаммои Шарқи Авсат ва сабабгори беқарории нафақат Шарқи Авсат, балки тамоми олам табдил ёфт. Чи тавре ки худи ғарбиҳо эътироф мекунанд, 90%-и муаммоҳои Олами Ислом, ки Ғарбро безобита мекунад, ба муаммои Фаластин, яъне ба мавҷудияти давлати яҳуд дар қалби Олами Ислом вобаста аст.
Акнун дар бораи аҳамияти минтақаи мазкур доир ба мустамликадорӣ таваққуф мекунем. Айнан бо ҳамин сабаб ба сари минтақа балоҳо борид ва мақоми давлати калонро аз даст дода, ба мустамликаи Ғарб табдил ёфт. Давлатҳои Ғарб барои мустамлика кардани ин минтақа ва ҷорӣ намудани нуфуз бар он бо якдигар рақобат варзиданд. Нафте, ки дар ин минтақа мавҷуд аст, беш аз нисфи нафти ҷаҳонро ва ашёи хоми Урдун, Ироқ, Сурия, Туркия, Эрон ва ҷойҳои дигар боигарии аз сарватҳои Аврупову Амрико даҳҳо маротиба зиёдтарро ташкил медиҳад. Бинобар ин давлатҳо барои мустамлика кардани он бо ҳам мубориза мебаранд, мусобиқа мекунанд. сангҳои Амрико дар Халиҷ мисоли равшани гуфтаҳои мост.
Мавҷудияти чор меҳвар дар як муаммо, яъне Ислом, нафт, мавқеи стратегӣ ва Исроил кифоя аст, ки онро ба муҳимтарин ва мураккабтарин муаммо табдил диҳад. Вай ба гиреҳи мураккабтарин ва муаммои муҳимтарин табдил ёфт. Ҳатто давлатҳои калон низ аз ҳаллу фасли он оҷиз монданд ва оҷиз мемонанд. Ин муамморо фақат бунёд шудани Давлати Ислом, яъне Хилофат ҳал мекунад.
Шарқи Авсат то миёнаҳои асри XVIII дар зери ҳокимияту нуфузи Ислом ва Давлати Ислом буд. Аз анҷумани Берлин, яъне аз охирҳои асри XVIII сар карда, давлатҳои калони Аврупо ба вай ҳуҷум карданд. Вай ба ҳуҷуми Фаронса, Италия ва Англия дучор гашт. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои пай дар пай Давлати Усмонӣ, яъне Давлати Ислом сарнагун шуд. Хилофат аз байн рафт. Дар натиҷа Шарқи Авсат ба зери ҳукмронӣ ва нуфузи Англия даромада, ба мустамликаи он табдил ёфт. Ин нуфуз

то давлатҳои монанди Туркия ва Афғонистон, ки мустамлика карда нашудаанд, ҷорӣ шуд. Фаронса ҳиссаи андак дошт, ки дар шимол бо Шом, яъне Сурия маҳдуд буд. Соҳили ҷанубӣ-ғарбӣ, яъне Лубнон низ ба ҳиссаи Фаронса дохил мешуд. Ин ҳолат то анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳон идома ёфт. Сипас Фаронса аз ин минтақа берун ронда шуд. Мустамликадории англис ба татбиқи услуби нав пардохт, ки минтақаро ба қисматҳо ҷудо карда, ба ҳар як қисм номи давлатро дод. Хуллас, дар давраи анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳон тамоми Шарқи Авсат мустамликаи Ғарб, дурусттараш, англисҳо ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, он нуқтаи ҳассоси дунё эътибор карда шуд. Он як қисми лагери ғарбӣ буд. Лагери шарқӣ дар он ҷо қадам гузошта наметавонист. Англия ба танҳоӣ Шарқи Авсатро мустамлика кард, ки ин ду омил дорад. Якум, Фаронса аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналхалқӣ заиф буда, дар бораи мустамлика кардани Шарқи Авсат бо Англия рақобат карда натавонист. Дуюм, Амрико баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон ба сиёсати узлат қатъӣ риоя намуд. Барои ҳамин Шарқи Авсат дар тӯли тамоми асри XVIII, ҳатто то миёнаҳои асри XX маҳз мустамликаи Англия буд. Сипас дар байни Англия ва Амрико муборизаи мустамликадорӣ ба вуҷуд омад, ки боиси сар задани ҷангҳо, инқилобҳо, найрангҳо ва забоняккуниҳо гардид. Мубориза гоҳ авҷ мегирифт ва гоҳ суст мешуд. Ахиран Амрико дар хусуси Шарқи Авсат зимоми ташаббусро ба даст даровард. Британия то андозае заиф гашт, ки ҳатто барои муқовимати ошкоро бо Амрико дигар имкон надошт. Вале барои нигоҳ доштани мустамликаҳо ба қадри имкон кӯшиши худро давом дод, то ки қисман бошад ҳам, дар минтақа ҳузур дошта бошад. Ин чиз дар лоиҳаҳои Амрико, масалан, ҳамкории вай дар истилои Ироқ, ифода меёбад.

Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки мубориза барои Шарқи Авсат баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон асосан дар байни Амрико ва Британия рух дод, ки шакли зерин дошт:

Сиёсати Амрико-Британия дар масъалаи Шарқи Авсат баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон роҳи шарикӣ буд. Онҳо бо ҳам мулоқот ва музокираҳо доир намуданд, лоиҳа ва услубҳо тартиб доданд. Британия ба Амрико илтифот намуд, то аз баъзе манфиатҳо, хусусан фоидаҳои нафти нимҷазираи Арабистон бархурдор гардад. Британия, агарчи дар баъзе мавридҳо ҳамкорӣ кунад ҳам, дар соҳаҳое, ки ба манфиати худ зарароварр медонист, ба Амрико зид мебаромад.

Дар Фаластин масъалаи яҳудиён ба миён омад. Амрико дар фикри барпо кардани давлати яҳудӣ буд. Мақсад дошт, ки дар мустамликакунии минтақа онро ҳамчун як силоҳ ба кор барад. Британия дар хусуси ин масъала ба як қарори қатъӣ наомада буд: дар бораи вуҷуде, ки яҳудиён ҳукмронӣ мекунанд ё давлати яҳудиён будани Фаластин дудила мешуд. Вай мехост ин корро бо мустамлика кардани дигар кишварҳои араб ҳамоҳанг гардонад. Барои ҳамин бе баровардани хулосаи муайян корро ба СММ гузошт. Вақте ки СММ дар зери таъсири Амрико дар бораи барпо кардани давлати яҳудӣ қарор баровард,

Британия ягон чиз гуфта натавонист ва корро ба ҳукми вақт ҳавола кард, ки оё минтақа пайдоиши давлати яҳудро дар байни мусулмонон мепазирад ё на. Ҳамин тавр, сиёсати вай дар хусуси давлати яҳуд бар асоси нишондоди вақт бунёд гашт.
Аммо Амрико барои таҳкими Исроил ва бартараф кардани эътирозҳо дар ин ҷода ба пеш шитофт. Британия дар ин хусус ба вай зид баромад, вале пинҳонӣ кор бурд. Ҳамин тавр, дар байни Британия ва Амрико дар бораи бунёд шудан ё нашудани давлати яҳудӣ мубориза шадид сар зад.
Илова бар ин, Амрико тавассути ҳудуди Урдун, Сурия ва Лубнон ба баҳри Миёназамин гузарондани қубурҳои нафтро ба нақша гирифт. Англия садди роҳи вай гашт, зеро дар ин минтақа реша давонда буд ва ба ҳокимони он ҷо, азбаски гумоштаҳои вай буданд, таъсир расонида метавонист. Амрико роҳи ягонаи тағйирдиҳии вазъияти минтақа амалӣ гардондани сиёсатеро донист, ки дар Амрикои санубӣ татбиқ карда шудааст. Ин роҳ тайёр намудани ҳокимони ҳарбӣ ва бо воситаи онҳо инқилоб кардан буд. Ҳуснӣ Заим дар Сурия инқилоби аввалини ҳарбиро ба амал овард ва ба Амрико имтиёз дод, ки қубурҳои нафтро бигузаронад. Гузаронидани қубурҳо ба охир расида, ин муаммо ҳал гашт, лекин Англия пай бурд, ки Амрико бо воситаи мустамликакунӣ минтақаро аз дасти вай гирифтан мехоҳад ва бар зидди Амрико ба муқовимат пардохт. Фақат ин корро бо воситаи услубу манёврҳои сиёсӣ ва аҳолии минтақа амалӣ намуд.
Баъд аз инқилоби Ҳуснӣ Заим, пурзӯр гаштани муқовимати Англия бар зидди тамоми лоиҳаҳои Амрико ва ба муборизаи нимошкоро табдил ёфтани муборизаи пинҳонии байни ин ду давлат вакилони дипломатии Амрико дар Шарқи Авсат ба фикре омаданд, ки дар минтақа ба манфиатҳои ҳарбӣ ва иқтисодии Амрико хавф пайдо шудааст. Ба назари онҳо, паҳлӯ ба паҳлӯ истодани сиёсати Амрико ва сиёсати Британия маънои онро дошт, ки Амрико монанди давраи пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон ба силоҳи дасти Англия табдил ёфта, Англия ба вай ҳиссаи андаке мегузорад, Амрикоро ҳамчун торпеда8 истифода бурда, ба минтақа танҳо худи вай ҳукм меронад ва Амрико аз тамоми боигариҳои минтақа маҳрум мегардад. Аз ин рӯ, ба хулосаи қатъӣ омаданд, ки бояд ба самти сиёсати Вашингтон тағйиротҳои асосӣ дароварда, онро аз нав баррасӣ намоянд ва хатогиҳоро ислоҳ кунанд. Бо мақсади ривоҷ ва такмил додани ин сиёсат ҳамкорӣ намудан бо аҳолии минтақа асос карда шуд. Вале диданд, ки дар айни замон ба як тӯда муаммо дучор шудаанд. Масъалаи барпо кардани Исроил ҳанӯз дар пеш меистод. Аз касе пӯшида набуд, ки ин кор чӣ қадар ғазаб ва нафрати мусулмононро бармеангезад. Барои ҳамин хостанд, ки ҷиддӣ андеша кунанд ва пеш аз он ки минтақаро аз базаи Англия ба базаи Амрико табдил диҳанд, ҳамин муаммоҳоро ҳаллу фасл намоянд. Барои омӯзиши мавзӯъ анҷуман даъват карданд. Нахустин анҷуман моҳи ноябри соли 1950 дар Истанбул баргузор гардид. Вакили департаменти давлатии Амрико оид

ба корҳои Шарқи Авсат ва Африқои Шимолӣ сорҷ Магӣ ба анҷуман роҳбарӣ кард. Анҷуман панҷ рӯз идома ёфт. Дар ин анҷумани махфӣ вазъиятҳои стратегии сиёсӣ ва иқтисодии аз ҳама назаррас баррасӣ гардид. Дар натиҷа ба қароре омаданд, ки агар Шарқи Авсатро амалан ба базаи Амрико табдил додан бихоҳанд ва барои ин бо аҳолии минтақа ҳамкорӣ намуданро услуб ихтиёр кунанд, ба вобасташавии сиёсати Амрико бо сиёсати Британия ягон эҳтиёҷ намемонад. Ба ин қарори худ далели асоснок оварданд, ки президенти ҷумҳурии Сурия Шукрӣ Қутлӣ барои қубурҳои нафт аз имтиёз саркашӣ намуд, сипас ин имтиёз бо воситаи инқилоби Ҳуснӣ Заим ба даст омадааст. Махсусан ҳамон сол, яъне соли 1949 англисҳо таҳти сарварии Ҳановӣ аз нав инқилоб ташкил дода, Ҳуснӣ Заимро сарнагун сохтанд. Сурия боз ба дасти англисҳо гузашт. Ин ҳодиса низ як омили қувватдиҳандаи фикри онҳо шуд. Анҷумани мазкур барои дипломатияи Амрико дар майдони араб яке аз воситаҳои муҳимтарини дастурдиҳанда ба ҳисоб меравад. Дар он ба Қасри сафед, вазорати корҳои дохилӣ, вазорати мудофиа, вазорати флоти баҳрӣ тавсияҳо дода шуд. Ба ин тавсияҳо баёноти муҳими мухтасари зерин тақдим гардид:
«Таҷрибаҳои ду ҷанги охирин исбот намуд, ки минтақаи Шарқи Авсат ҳамчун базаи асосӣ тамоми элементҳои заруриро барои эълони ҷанг бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ дар худ муҷассам мекунад. Барои ҳуҷум ба конҳои нафти Русия дар Қафқоз ва маҳрум намудани вай аз конҳои ғанитарини нафт, яъне силоҳи ҷанг фақат ҳамкории ҳарбӣ бо Туркия кифоя намекунад, балки дар Сурия, Лубнон ва Фаластин базаҳои ҳарбии ҳавоиро бунёд кардан шарт аст. То ки Ироқ ва Миср ба анбори калон табдил ёбад ва ҳар гуна лоиҳаи таҳоҷумиро, ки барои муҳосира намудан ва аз кор баровардани конҳои нафти Иттиҳоди шӯравӣ дар Боку ва Қафқоз тартиб дода мешавад, бо одам, силоҳ ва дигар лавозимот таъмин созад.
Ҳуҷумҳои ҳарбӣ бар зидди Юнон, Ситсилия ва Италия аз соли 1941 то соли 1944 дар таъмин ва татбиқи амалиётҳои шадиди ҳарбӣ аҳамияти Шарқи Авсатро кушоду равшан нишон медиҳад. Зеро ин гуна амалиётҳо кафили ғалаба буданд. Ҳамчунин ин ҳуҷумҳо дар ҷанги зидди қувваҳои ҳампаймон ва дар муҳосираи қӯшуни душман дар қалъаи Аврупо аҳамияти Шарқи Авсатро нишон медиҳад».
Баёни мухтасар бо қабули қарорҳо ба поён расид. Тамоми иштироккунандагони анҷуман ба чор тавсия мувофиқат карданд:
1. Дар тамоми масъалаҳое, ки бо Амрико ва олами араб алоқаманд аст, аз сиёсати Британия ҷудо шудан.
2. Ба сиёсати Амрико дар Шарқи Авсат асос кардани дастгирии талаботи миллии арабҳо.
3. Дастгирӣ намудани Миср дар хусуси талаботе, ки ба Британия мегузорад. Тақвият додани айнан ҳамин гуна ҳаракат дар Ироқ.
4. Қатъ кардани силсилаи ғалабаҳои дипломатӣ ва иқтисодии Исроил, такон додани СММ ба иҷрои нақша дар хусуси ба давлати араб ва

давлати яҳуд тақсим кардани Фаластин, иҷрои қарорҳои Шӯрои амният оид ба ҳалли масъалаи гурезаҳои араб дар асоси ба кишварҳояшон баргардонидан ва товон пардохтан ба касоне, ки баргаштан намехоҳанд. Аз рӯи як хабар, хусусан оид ба Миср тавсия дода шудааст, ки Америко бояд Мисрро аз дасти Британия гирифта, Британияро аз он ҷо берун ронад ва дар Миср ҳокимияти пурзӯр барпо кунад, ки сарварии тамоми минтақаро ба ӯҳда бигирад. Зеро аз таърих маълум аст, ки Миср дарвозаи минтақаи Шарқи Авсат буд.

Ин қарорҳо ба дастгоҳи ҳукумати ИМА пешниҳод гардид. Ҳамон вақт ҳокимияти Амрикоро Ҳизби демократҳо идора мекард. Ин ҳизб одатан ба муомилаи хуб бо англисҳо моил буд. Президент Трумэн бо ёрии ду омил ба сари ҳокимият омадааст. Якум: нуфузи яҳудӣ. Дуюм: нуфузи Британия дар баъзе доираҳои Амрико. Трумэн ҳам барои манфиати Британия ва ҳам барои манфиати яҳудиён якчанд маҷбуриятро ба ӯҳда гирифта буд. Бинобар ин ба қарорҳои мазкур, чунон ки дипломатҳо умедвор буданд, эътибор надод. Онҳо фақат дар давраи Эйзенхауэр аҳамият пайдо карданд.

Ба ҳар ҳол сиёсати Амрико баъд аз анҷумани дипломатҳои мазкур дар Шарқи Авсат фаъолият бурд. Бо мақсади бастани сулҳ дар байни давлатҳои араб ва Исроил, берун рондани Англия аз Урдун ва Ироқ чораҳои қатъӣ андешид. Дипломатияи Амрико бо шоҳ Абдуллоҳ алоқа баста, дар хусуси созишномае музокира бурданд, ки мазмуни мухтасари он аз тарки ҳамкорӣ бо Англия ва шурӯи ҳамкорӣ бо Амрико иборат буд. Аз рӯи созишнома, Амрико бояд бар ивази бастани сулҳ бо Исроил ба ӯ ёрӣ медод, то Ироқу Ҳиҷозро ба Урдун ҳамроҳ намуда, аз ин се давлати ғанӣ давлати ягона таъсис диҳад ва сипас Сурияву Лубнон низ ҳамроҳ карда мешавад, илова бар ин, Амрико бояд дар таъсиси ин давлати навиқтисод қарз ва кӯмакҳои зарурирo медод. Шоҳ Абдуллоҳ ба ин розӣ шуда, барои амалигардонии нақша ба ҳаракат даромад. Ӯ ба Ироқ сафар карда, бо Абдул Илоҳ ва Нури Саид мулоқот намуд. Дар атрофи ин мавзӯъ бо онҳо гуфтугӯ карда, хост, ки ба ин кор ҳамроҳ шаванд. Онҳо дарҳол бо сафири Британия дар Бағдод тамос гирифта, ӯро аз нақшаҳои Абдуллоҳ огоҳ сохтанд. Англисҳо онҳоро аз ҳамроҳшавӣ боздоштанд. Бинобар ин сухани Абдуллоҳро на пазируфтанд ва на рад карданд, балки муаллақ гузоштанд. Шоҳ ба Урдун баргашта, ба Риёзуссулҳ сафир фиристод ва хоҳиш кард, ки ба вай ҳамроҳ шавад. Риёзуссулҳ ин таклифро пазируфт, зеро ӯ бештар тарафдори Амрико буд. Англисҳо дар Аммон Риёзуссулҳро, ки барои ба Байрут баргаштан сӯи фурудгоҳ мерафт, дарҳол ба қатл расониданд. Баъд аз як ҳафта шоҳ Абдуллоҳ низ дар Масҷидулақсои Қудс кушта шуд. Ин кор натиҷаи фитнаи ташкилкардаи Каллуб буд. Сафири Амрико ӯро як рӯз пеш аз маргаш огоҳ намуда буд, ки ба сафар набарояд ва дар маҷлисҳо ширкат наварзад. Дар натиҷа нақша барбод рафт. Ҳамон сол, яъне соли 1952 дар Амрико интихоботи президентӣ баргузор гардид. Ҳизби ҷумҳурихоҳон комёб гашта, Эйзенхауэр

президент интихоб шуд. Аввалҳои соли 1953 ӯ ба сари ҳокимият омад. Дар натиҷа муборизаи миёни Англия ва Амрико авҷ гирифт. Чунки Эйзенхауэр бо авло донистани манфиатҳои Амрико ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ ва ҳам аз ҷиҳати байналхалқӣ бар зидди фишори яҳудон ва Британия шинохта шуда буд. Барои ҳамин дар байни Англия ва Амрико низоъ шакли тезутунд гирифт. Яке аз зуҳуроти муҳими низоъ ин аст, ки Амрико аз дасти Британия Мисрро гирифта вайро берун ронд. Каме пештар Амрико дар Сурия инқилоб ташкил карда, гумоштаи худ Адиб Шишкалиро ба сари ҳокимият оварда буд. Ҳамин тавр, Миср ва Сурия ба тарафи Амрико гузаштанд. Аз ҳамон вақт кишварҳои араб ба майдони васеи муборизаи Англияву Амрико табдил ёфтанд. Корҳое, ки рух доданд, ба бозии футбол шабоҳат дошт. Тӯп гоҳ ба дасти Амрико ва гоҳ ба дасти Англия меафтид. Корҳо дар Миср, Сурия, Урдун, Ироқ, Саудия ва Яман дар ҳамин ҳолат идома ёфт. Бештари ин корҳо дар Сурия рух дод. Чунки он маркази муаммо буд ва ба тамоми кишварҳои араб ба тарзи умумӣ таъсир мерасонид. Барои ҳамин дар он ҷо якчанд кори сиёсӣ ба амал омад. Назаррастарини онҳо аз ҳад зиёд шудани инқилобҳо буд. Англия баробари кушташавии Ҳуснӣ Заим, ки ба ғазаби англисҳо гирифтор шуд, ба ҳаракат омад, то ҳокимияти Сурияро дар асоси демократӣ мутамарказ гардонида, бо роҳи тадриҷӣ ба Ироқ ҳамроҳ намояд, ҳамин тавр, нақшаи «Моҳи баракат»-ро амалӣ созад. Воқеан дар Сурия интихобот баргузор гардида, барои кишвар дустур тартиб дода шуд. Ҳизби халқӣ ва Ҳизби миллӣ ҳокимиятро ишғол намуда, дар барномаҳои худ бо Ироқ ҳамроҳ шуданро эълон карданд. Амрико ин кӯшишҳои Англияро пешгирӣ кардан хост, вале то ба сари ҳокимият омадани Адиб Шишкалӣ фурсати муносиб ёфта натавонист. Дар аввал ба Адиб Шишкалӣ аз паси парда ҳукмронӣ намуд, баъдтар ба ҳукмронии ошкоро пардохт. Адиб Шишкалӣ худро президенти ҷумҳурӣ таъин кард. Ҳамин тавр, Сурия ба дасти Амрико гузашт ва то моҳи феврали соли 1954 дар дасти вай буд. Соли 1954 ҷосусони англис бо ёрии Ироқ Шишкалиро сарнагун сохтанд. Сурия боз ба дасти англисҳо гузашта, ҳокимияти парламентӣ аз нав барқарор гашт. Дар айни вақт Англия барои таъсиси блоки «Пакти Бағдод» ба ҳаракат даромад. Бо фарорасии соли 1955 муборизаи Англия-Амрико шакли тезутунд гирифта, минтақа ба марҳилаи басо гарон ворид шуд. Амрико бо воситаи Миср ба бозиҳои «озодӣ», «ваҳдат», «сотсиализм» шурӯъ кард. Абдунносир аз тарафи Амрико бар зидди Англия муборизаи даҳшатоварро оғоз намуда, бо маслиҳати Амрико аз лагери коммунистӣ ба миқдори калон силоҳ харид. Ба халқи худ фаҳмонид, ки ин силоҳҳоро барои ҷанги зидди Исроил ва несту нобуд кардани он харидааст. Ин кор дар байни халқи араб боиси ғавғои калон гардид. Абдунносир роҳи миллатгароии арабро пеш гирифта, Мисрро давлати араб эълон намуд. Ин чиз дар дустури давлати Миср дарҷ карда шуд. Ӯ ҳамаро ба адолати иҷтимоӣ ва ваҳдат фаро хонд. Ниҳоят халқи араб дар атрофи ӯ ҷамъ омаданд ва ба яке аз қутбҳои кишварҳои араб табдил

ёфт. Услубе, ки Амрико барои пайдо кардани беқарорӣ дар байни аҳолӣ ва ба Англия зарба задан истифода бурд, дар ин кор мусоидат намуд. Агарчи ҳамон вақт дар байни Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ душмании сахт вуҷуд дошт, Амрико барои ба шӯр андохтани Иттиҳоди шӯравӣ бар зидди Англия ва дар минтақа ба омили байналхалқӣ табдил додани он аз воситаҳо истифода кард. Агарчи Амрико бар зидди коммунизм мубориза мебурд, ҳокими Миср самол Абдунносирро ба сотсиализм ва даъват ба он розӣ гардонд. Аз лагери коммунистӣ силоҳ харидани Миср омиле буд, ки бо сабаби он Иттиҳоди шӯравӣ ба минтақа ворид гардид. Даъвати Абдунносир ба миллатгароӣ дар зиндагардонии миллатгароии араб, ки мурда ё ниммурда буд, нақши асосиро бозид. Қабули сотсиализм, ки аз адолати иҷтимоӣ ба вуҷуд меомад, ҳамчун омили таъсиррасоне буд, ки бо сабаби он чапгароӣ вусъат ёфта, афкори оммаи минтақаро ишғол намуд. Ҳуҷуми Миср бар зидди иттиҳодҳои аҷнабӣ, хусусан бар зидди Иттиҳоди Бағдод дар бартараф сохтани шубҳа доир ба агенти Амрико будани Абдунносир таъсири калон дошт. Зеро иттиҳоди мазкур ба мустамликадории Амрико ҳуҷум мекард. Бинобар ин дар тамоми халқи араб шубҳае намонд, ки самол Абдунносир халоскори бузург асту Аллоҳ ӯро барои аз мустамликадорӣ наҷот додани миллат фиристодааст. Ин буд, ки ғайр аз як гурӯҳ дигар ҳама даст ба домани ӯ заданд. Фақат як гурӯҳ ба фош кардани вай кӯшиш намуд, вале ягон таъсир расонида натавонист. Ин гумон афкори оммаро куллан фаро гирифт. Дар натиҷа агентҳои англис, яъне ҳокимони Урдун ва Ироқ ба ларза афтоданд. Агентҳое, ки дар байни мардуми Сурия ва Лубнон буданд, ба аҳволи ногувор дармонданд. Барои Амрико фурсати муносиби бартараф намудани англисҳо фаро расид. Аҳолӣ пай набурд, ки ин амалиётҳо дар минтақа барои пайдо кардани нуфузи Амрико ба ивази нуфузи Британия анҷом мeёбанд. Аслан лозим буд, ки онҳо барои несту нобуд сохтани ҳар ду мустамликадор ҳаракат кунанд, на ин ки як мустамликадорро ба мустамликадори дигар иваз намоянд. Айнан дар ҳамин вақт Сурия гувоҳи пешравиҳои дохилӣ шуд. Дар атрофи Абдунносир ҷамъ омадани мардум ба ин халал расонид. Чунки Ҳизби наҳзат бо Ҳизби сотсиалистии араб муттаҳид шуда, дар сафи қӯшун мавқеи хосаро ишғол намуд. Ҳар ду ҳизб бо бардоштани шиорҳои «ваҳдат», «озодӣ», «сотсиализм» ба ҳокимият таъсир мерасонданд. Абдунносир ва даъвати ӯ ба ин ду ҳизб имкон дод, ки халқро дар атрофи худ ҷамъ оварда, ба сӯи ваҳдат ва сотсиализм қадам зананд. Ҳамин тавр, Сурия маҳкуми ҳукуматҳои зери ҳукмронии Ҳизби наҳзат (БААС) гашт, ки аз бадӣ ва оммавишавии ин ҳизб дар байни мардум метарсид. Аз ин рӯ, бар Сурия, агарчи аслан аз они англисҳо бошад ҳам, мафкураҳои ваҳдат ва сотсиализм ҳукмрфармо буд. Ин мафкураҳо ба афкори омма таъсири худро мерасонид. Сипас Абдунносир канали Сувайсро ба моликияти миллӣ табдил дод. Дар натиҷа бар зидди Миср агрессияи сегона ба амал омад. Шӯҳрати Абдунносир боз авҷ гирифт. Нафаси агентҳои англисҳо дарун афтод ва

дигар ҷуръат карда натавонистанд, ки ба майдон бароянд. Моҳи августи соли 1957 якчанд афсарон ҷамъ омада, ҷонибдори Ғарб будани ҳокимияти Сурия ва дахолати нуфузи Ғарбро муҳокима намуда, ба қароре омаданд, ки ҳокимиятро ишғол кунанд, яъне президент ва вазиронро ба худ тобеъ гардонанд ва идораи корҳоро ба даст гиранд. Воқеан Сурияро аз мустамликадории Ғарб ҷудо карданд. Пештар аз ин Сурия, гарчи аслан ҷонибдори англисҳо буд, чунон маҳсуб меёфт, ки зоҳиран ба Амрико вобаста шудааст. Зеро мафкураҳои «озодӣ», «сотсиализм», «ваҳдат», ки Абдунносир даъват мекард, дар вай ҳукмрон буданд. Ҳизби наҳзат, ки дар афкори омма сухани ҳалкунанда дошт, бо Абдунносир монанди дӯст ва ҳампаймон буд. Барои ҳамин аз Ғарб ҷудо кардани вай, гарчи бар зидди англисҳо бошад ҳам, ҳаракате ба ҳисоб мерафт, ки зидди Амрико нигаронида шудааст. Англисҳо онро оромона ва бепарво пазируфтанд, аммо Амрико девона шуд. Барои зарба задан ба афсарон ва аз нав ба оғилхонаи Ғарб даровардани Сурия бо асабоният кор бурд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамаи кӯшишҳо ноком гашт. Амрико муамморо ҳал карда натавониста, ба Абдунносир супорид. Абдунносир Маҳмуд Риёзро фиристод. Ӯ кӯшиш кард, ки дар байни Миср ва Сурия иттиҳод баста шавад. Аз рӯи иттиҳод, Миср бояд зимоми ҳокимиятро дар Сурия ба даст мегирифт. Бо ҳамин роҳ Амрико зимоми корҳоро ба даст гирифта, Британияро аз Ироқ ва Лубнон берун ронд. Баробари фарорасии соли 1958 шӯриши Лубнон ва сипас шӯриши Ироқ ба амал омад. Оқибат Сурия, Ироқ, Лубнон ва Миср ба дасти Амрико гузашт. Фақат Урдун дар дасти англисҳо монд. Абдунносир дар Урдун низ онҳоро таъқиб намуд ва қариб ки аз тамоми минтақа берун мекард, вале Англия ноумед нашуд. Аз базаи Урдун истода ба кор пардохт. Соли 1961 дар Сурия қувва пайдо кард. Тамоми қувваҳои сиёсӣ: Ҳизби халқӣ, Ҳизби миллӣ, Ҳизби наҳзат (БААС) ё гуфтан мумкин аст, ки ду ҳизб: Ҳизби наҳзат ва Ҳизби сотсиалистии араб бар зидди Абдунносир ва ваҳдат муттаҳид шуданд. Сурия аз Миср ҷудо шуд. Агентҳои англис аз нав ба идораи ҳокимият шурӯъ карданд. Амрико дар Ироқ Абдулкарим Қосимро тағйир дод, зеро ӯ аз хизмати вай сар кашида, ба ҷониби коммунистҳо гузашта буд. Ҳамин тавр, таҳти сарварии Ҳизби наҳзат дар Ироқ ҳокимияти Амрико пайдо шуда, ба тағйир додани вазъият дар Сурия ва Урдун ва ҳамроҳ намудани онҳо ба Ироқ ҳаракат кард. Англия аз ин хавф бурд ва бо воситаи агентҳои худ дар Димишқ инқилоби сохта ба амал овард. Онҳо Ҳизби наҳзатро барои ҳокимият ниқоб карданд. Соли 1971 Ҳофиз Асад ба Миср сафар кард ва ба иттифоқи чоргона дохил шуд. Аз Миср ба Сурия бо ҳолати дигар баргашт, зеро дар Миср ӯро бовар кунонданд, ки гарчи аз мазҳаби нусайрӣ-алавӣ бошад ҳам, метавонад президенти ҷумҳурии Сурияи араб шавад. Аз ин аён гардид, ки дар пушти ин кор Амрико истодааст ва агар Ҳофиз Асад ҷонибдори Амрико шавад, Амрикову Миср ӯро дастгирӣ мекунанд, монеаҳои марбут ба алавияташро бартараф месозанд ва метавонад президенти ҷумҳурӣ интихоб гардад. Ҳол он ки

мардуми Сурия нусайрӣ будани президентҳоро намепазируфтанд ва мехостанд, ки президент мусулмон бошад. Ҳамин тавр, Амрико, вақте ки розигии ӯро дар ин бора донист, ҳама чизро омода сохта, мушкилоташро ҳал намуд. Кор оғоз ёфт. Ҳофиз барои президенти ҷумҳурӣ шудан тадриҷан ба ҳаракат даромад. Ӯ ба қисми шимолии кишвар ташриф оварда, бо халқ мулоқот доир намуд. Вақте дид, ки мардум ҷонибдори ҳоким ҳастанд ва рақобат имконнопазир аст, ба кори амалӣ гузашт. Номзадии Ҳофиз Асадро ба президентии ҷумҳурии Сурияи араб гузоштанд. 12 марти соли 1971-ро рӯзи раъйпурсӣ муқаррар намуданд. Сипас Ҳофиз Асад президенти ҷумҳурии Сурия шуд. Ҳамин тавр, Сурия аз нав ба дасти Амрико гузашт ва то ҳол дар чанголи вай аст.

Ин намуна ва ҷиҳатҳои назарраси мубориза Англияву Амрико дар Сурия мебошад. Акнун дар хусуси дигар давлатҳои араб таваққуф мекунем. Урдун дар зери ҳукмронии англисҳо монд. Зеро 2/3 қисми халқи онро фаластиниҳо ташкил медиҳанд, ки бештари онҳо бо карточкаи хӯроквории СММ ва маоши фарзандонашон, ки дар хориҷ кор мекунанд, рӯз мегузаронанд. 1/3 қисми аҳолиро саҳронишинони Урдуни Шарқӣ ташкил дода, аксари онҳо бо маоши фарзандонашон, ки дар сафи қӯшун хизмат мекунанд, рӯз мегузаронанд. Амрико дар халқи Урдун монанди Сурия замини сермаҳсулро наёфт. Аз ин рӯ, дар Урдун ягон кори сиёсӣ ба амал наомад, ки мубориза байналхалқиро дар худ таҷассум кунад. Фақат намоишҳои зидди Иттиҳоди Бағдод ва ҳаракати сохтаи инқилобӣ, ки соли 1957 шоҳ Ҳусайн бо мақсади аз кишвар рондани думравони Абдунносир ба амал овард, аз ин мустасност. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки дар Урдун корҳои муҳими сиёсии ба мубориза алоқаманд содир карда шудааст. Ҳол он ки Урдун яке аз майдонҳои калонтарини муборизаи миёни Амрико ва Англия буд. Зеро вай сарватҳои бузурги зеризаминӣ ва зериобӣ дорад.

Дар Ироқ Абдуссалом Ориф ба ҷои баасчиҳо ба сари ҳокимият омад. Гарчи ӯ аз домани Абдунносир дошта бошад ҳам, сиёсатмадорону афсарони артиш, ки гумоштагони англисҳо буданд, фурсати муносибро дида, бо кӯшиши андак аз болои артиш ва фаъолияти иқтисодӣ назорат ҷорӣ намуданд. Ҳамин тавр, Ироқ боз ба дасти англисҳо гузашт. Амрико дар давраи Абдурраҳмон Ориф Ироқро аз нав ба даст даровард, вале соли 1968 боз баасчиҳо ва дигар гумоштаҳои англисҳо ҳокимиятро ишғол карданд. Нуфузи англисҳо дар Ироқ то 9 апрели соли 2003 идома ёфт. Сипас ҳам Бағдод, ҳам сохтори Саддом Ҳусайн ва ҳам ҳокимияти «БААС» сарнагун гашта, кишвар ба чанголи истилогарии Амрико афтид.

Миср баъди ишғоли ҳокимият аз тарафи Абдунносир ба базаи калонтарини Амрико табдил ёфт ва то ҳол дар дасти вай мебошад. Агар ҳодисаҳоеро, ки каме баъд аз вафоти Абдунносир рӯй додаанд, нагӯем, ягон кори сиёсии ба мубориза алоқаманд дар он ҷо содир карда нашуд. Ҳамон вақт се элемент, ки имкони ба Британия баргардондани Мисрро

медод, ҷамъ шуда буд:
1. Ҳокимияти мамлакат то андозае заиф буд, ки пур кардани холигоҳи баъди Абдунносир он сӯй истад, ба ҳимояи худ ҳам қодир набуд.
2. Дар байни халқ ва қӯшуни Миср ҳаракатҳое пайдо шуданд, ки ба ҷанг, рондани русҳо (коммунистҳо) ва озодии комил даъват мекарданд.
3. Алоқаи англисҳо ва Миср барқарор гардид. Ин кор бо ташрифи вазири корҳои хориҷии Англия Дуглас Хоум ба Миср бо баҳонаи иштирок дар ҷанозаи Абдунносир оғоз ёфт. Якчанд англис тавассути Лубнон пай дар пай ташриф оварданд. Минбаъд ин кор нафақат бо ташрифи Муҳаммад Ҳасанайни Ҳайкал, балки бо талаби ошкорои таҳкими алоқаҳо дар миёни Миср ва Англия тавассути меморандумҳо шакли расмӣ гирифт. Азбаски Садат дар давраи аввали ҳокимияти худ меларзид, ба дасти Англия баргаштани Миср на масъалаи ҳаракат, балки масъалаи замон гашта буд. Вале бо вуҷуди ин ҳама Амрико тавонист, ки ӯро дар ҳокимият устувор созад. Соли 1 973 ҷанги қалбакӣ ташкил дод. Мақсад аз ин замина омода намудан барои сулҳ бо Исроил буд. Аз Садат қаҳрамон тарошид. Ӯро имкон дод, ки зимомро ба даст гирад. Ҳамин тавр, муборизаи байналхалқӣ дар дохили Миср пинҳон гашт ва Миср то ҳол базаи калон ва муҳими Амрико ба ҳисоб меравад. Акнун дар бораи давлатҳои Африқои Шимолӣ таваққуф мекунем. Марокаш дар замони Муҳаммади V, вақте ки мустақил шуд, ба зери ҳукмронии Амрико даромад. сазоир бо «марҳамат»-и Аҳмад ибни Балло ба дасти Амрико гузашт, вале ин ҳолат чандон тӯл накашид. Вақте ки Муҳаммади V вафот кард, писараш Ҳасан ҳокимиятро ишғол намуда, ба тарафи англисҳо гузашт. Англисҳо бо воситаи шоҳ Ҳасан ва Муҳаммад Хайзар бар зидди Ибни Балло инқилоб ташкил карданд. Тоҳир Зубайрӣ ва Абӯмидян низ ба ин кор ҷалб шуданд. Дар натиҷа онҳо шӯриш бардошта, Аҳмад ибни Баллоро сарнагун сохтанд. Амрико аз сазоир ронда шуд ва ба ҷои вай нуфузи англисҳо ҷорӣ гашт. Амрико натавонист, ки ба Либия ва Тунис дарояд ё ягон кори сиёсӣ анҷом диҳад. Дар ин кишварҳо нуфузи англисҳо барқарор монд. Аз ин рӯ, ин ду давлат дар муборизаи Англия-Амрико иштирок накарданд. Ғайр аз Саудия тамоми давлатҳои Халиҷ ва Яман ба англисҳо итоат мекунанд. Аз байни онҳо фақат дар Яман ба маънои комил мубориза мавҷуд аст. Нуфузи англисҳо дар ин ҷо гоҳ-гоҳ ба тазйиқ ва талоши Амрико дучор мешавад. Амрико баъзе аъзоёни хонадони шоҳи Саудияро ба худ моил карда тавонист. Англисҳо низ дар хонадони шоҳ одамони худро доранд. Ин ҷо муборизаи Амрико-Англия дар байни аъзоёни оила сурат мегирад. Масалан, Саудия баробари ба сари ҳокимият омадани Фаҳд ибни Абдулазиз ба сӯи сиёсати Амрико қадам гузошт. Агар ҳолат тағйир ёбад ва нафаре аз одамони англисҳо, масалан, валиаҳди кунунӣ Абдуллоҳ ба сари ҳокимият ояд, Ҳиҷоз ва Наҷд ба зери нуфузи Британия бармегардад. Амрико баъд аз воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 аз дудилагии аъзоёни оила натарсида, тавассути тағйир додани шакли ҳокимияти амалӣ ба таҳкими нуфузи худ дар Саудия кӯшиш карда

истодааст. Аз рӯи хабарҳо, ин кор аз тарафи сиёсатмадорони Вашингтон мавриди омӯзиш қарор дорад.
Муборизаи Амрико-Англия дар кишварҳои араб солҳои 50-60-уми асри гузашта авҷ гирифт. Муаммои Фаластин мазмун ва моҳияти ин мубориза буд. Бритониҳо соли 1964 боварӣ ҳосил карданд, ки минтақа давлати аҷнабиро ҳазм карда наметавонад, бунёд намудани давлати яҳудӣ дар Фаластин ба нокомӣ дучор мегардад ва барпо кардани давлати илмонӣ дар қолаби давлати Лубнон афзалтар аст. Онҳо лоиҳаи «Китоби сафед»-ро, ки соли 1939 таҳия шудааст, аз нав зинда сохта, дар ҳалли муаммо асос карданд. Роҳбарони яҳудӣ баъд аз музокираҳо ба ҳамин фикр қаноат ҳосил намуданд. Ҳокими Тунис Ҳабиб Бурқиба ба Миср, Урдун, Лубнон, Қувайт ва Саудия ташриф оварда, лоиҳаи мазкури Британияро ба роҳбарони араб ва баъзе фаластиниҳо таклиф кард. Вақте ки розигии ҳама гирифта шуд, Британия ба иҷрои вай шурӯъ намуд. Вале Амрико бо воситаи агенти худ Абдунносир зиддияти шадид нишон дода, лоиҳаро ноком гардонида тавонист.
Аз ин ҳама аён мегардад, ки эҳтимол масъалаи Шарқи Авсат аз ҷиҳати байналхалқӣ ба масъалаи муборизаи миёни аҳолии минтақа ва давлатҳои мустамликадор табдил ёбад. Вақте ки Амрико мустамликадоронро берун ронда, Иёлоти муттаҳидаро барпо кард, айнан ҳамин кор рух дода буд. Вақте ки Хитой баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон мустамликадории сопон ва нуфузи аҷнабиро берун ронда, давлати коммунистиро, ки дар дунё мавқеи худро дорост, барпо кард, айнан ҳамин кор рух дод. Дар ҳар гуна кишвари истилошуда, ки имкониятҳои байналхалқӣ ва маҳаллӣ пайдо шавад, барои раҳоӣ ёфтан аз нуфузи аҷнабӣ ва бунёд кардани давлати худ, ки он дорои вазни байналхалқӣ бошад, ба ҷунбиш биёяд, табиатан ин ҳолат рух медиҳад. Вале мутаассифона дар масъалаи Шарқи Авсат ин гуна ҳолат рух надод. Масъалаи байналхалқии вай танҳо муборизаи шадид дар байни Амрико ва Британия мебошад, ки барои мустамлика ва ғулом кардани минтақа рух медиҳад. Дар натиҷа чунон монеаҳои наву мустаҳкам пайдо шуданд, ки аҳолии минтақа ҳатто ба фикр дар бораи озодӣ ҷуръат карда натавонист. Муборизаи Амрико ва Британия назар ба солҳои 70-80-уми асри гузашта ба тарзи нармтар идома ёфт.
Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта Иттиҳоди шӯравӣ сарнагун шуд ва Амрико Ироқро истило карда, дар Қувайт ва минтақаи Халиҷ ҳукмфармо гашт. Ҳамин тавр, мувозинати қувваҳои ҷаҳон тағйир ёфт. Амрико ба кашидани харитаи нави ҷаҳон пардохт. Бритониҳо дар он ба бозингарони дуюминдараҷа табдил ёфтанд, зеро қуввае пайдо накарданд, ки аз нав бо Амрико рақобат намоянд. Бинобар ин, обрӯ ва эътиборашон фурӯ рехт ва маҷбур шуданд, ки бо ҳилаву ҷосусии заифона кор баранд. Ғайр аз такя ба Иттиҳоди Аврупо чорае наёфтанд, ки нақшаҳои ночизи худро амалӣ намоянд. Масалан, «Созишномаи Осло»-ро гирем: бритониҳо хостанд, ки бо воситаи ҳамин чиз ба Амрико эътибор нигаронанд. Вале Амрико тавонист онҳоро ба самте

равона созад, ки ба ғояи вай хизмат кунад. Илова бар ин, Британия эътироф кард, ки лоиҳаи вай дар бораи давлати илмонӣ ноком мебошад ва эълон кард, ки ин лоиҳа лағв шудааст. Ҳамин тавр, Англия лоиҳаи Амрикоро дар бораи барпо кардани давлати Фаластини араб дар паҳлӯи давлати яҳудӣ пазируфт. Дар анҷумани миллии Фаластин, ки соли 1988 дар сазоир баргузор гардид, раиси Созмони озодихоҳи Фаластин Арафот аз мафкураи давлати илмонӣ даст кашида, расман эълон кард, ки аз ҳамин сана дар тамоми анҷуманҳои байналхалқӣ мафкураи дудавлатиро мепазирад. Ҳам шоҳ Ҳусайн ва ҳам Алӣ Мазаз маҷбур шуданд, ки тақсими қонунӣ ва маъмурии соҳили ғарбӣ ва соҳили шарқии дарёи Урдунро эълон кунанд, инчунин эътироф намуданд, ки барпо кардани давлати Фаластин зарур аст.
Ҳамин тавр, нақшаи давлати илмонӣ амалан ва расман барбод рафт. Ғайр аз лоиҳаи Амрико, ки аз бунёди давлати Фаластин дар паҳлӯи Исроил иборат аст, лоиҳаи дигар намонд. Ин лоиҳа ба талаби байналхалқӣ табдил ёфт, ки онро ҳам СММ, ҳам Иттиҳоди Аврупо, ҳам Русия ва ҳам Амрико пазируфтааст. Бо воситаи таклифи нуқтаи назари Буш бо номи «Харитаи роҳ» барои дастгирии фикри бунёди давлати Фаластин дар паҳлӯи Исроил чоргонаи байналхалқӣ ташкил ёфт. Алҳол Амрико ба масъалаи татбиқи «Харитаи роҳ» ҷиддӣ аҳамият надода истодааст. Чунки соли 2004 барои вай соли интихобот аст. Мақсад аз харита маҳз гумроҳсозии минтақа мебошад. Амрико унс гирифтааст, ки то фаморасии фурсати муносиб барои амалигардонии манфиатҳо бо кашидани нақшаи пайдарпай минтақаро гумроҳ созад. Вақте ки фурсати муносиб фаро мерасад, яҳудиён ба Амрико итоат мекунанд, агар чизеро талаб намояд, нақшаҳои вайро амалӣ месозанд, агар Амрико ба онҳо ягон кори ҷиддӣ фармояд, аз он саркашӣ карда наметавонанд. Зеро онҳо басо хуб медонанд, ки Амрико дар баробари амалӣ гардонидани манфиатҳои худ манфиати давлати яҳудро низ ҳимоя мекунад. Британия, чунон ки дар масъалаи Фаластин маҷбуран ба Амрико гузашт кард, дар масъалаи истилои Ироқ ва сарнагунсозии агенти худ Саддом Ҳусайн низ маҷбур шуд, ки ба вай гузашт кунад. Британия умед дошт, ки гарчи мувофиқи муқарраároти Амрико бошад ҳам, баъзе дастовардҳои худро нигоҳ медорад, зеро ин дастовардҳо давлати калон будани вайро кафолат медоданд.
Инчунин Амрико дар Яман, Урдун ва тамоми давлатҳои Халиҷ дар паҳлуи нуфузи Британия нуфузи худро ҷорӣ намуд. Айни замон бо нуфузи Британия ва Фаронса дар Африқои Шимолӣ ва Туркия рақобат карда тавонист. Ҳамин тавр, Амрико дар минтақаи Шарқи Авсат ба нозири ҳақиқии беш аз 24 давлат табдил ёфт. Британия маҷбур шуд, ки барои баъзе нонрезаҳоро чидан аз қафои Амрико тохтутоз кунад ва аз паси парда бар зидди вай кор барад. Чунончи дар боло гуфтем, рақибе, ки бо нақшаҳои Амрико рақобат мекунад, акнун ба ошкоро пешниҳод намудани нақшаҳои худ ҷуръат карда наметавонист. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муборизаи ошкоро дар байни ин ду давлат дар охирҳои асри

гузашта ба охир расида, услуби шарикӣ ва созишкорӣ пеш гирифта шуд. Агар Амрико ҳамчун фармондеҳи олии минтақа хоҷаи калони созиш бошад, Британия барои дар шӯълаи вай мондан вазифаи канизакро иҷро мекард. Нафақат Британия, балки Иттиҳоди Аврупо низ аз кашидани нақшаҳои ҳалкунанда барои минтақа оҷиз мемонад. Бинобар ин ҳам Британия ва ҳам давлатҳои Иттиҳоди Аврупо лоиҳаҳои Амрикоро бечуну чаро мепазиранд. Ҳам Британия ва ҳам Иттиҳоди Аврупо бе Амрико коре карда наметавонанд. Бо вуҷуди ин, наметавон гуфт, ки таъсири Британия дар минтақа ба поён расидааст. Британия ҳамоно худро давлати калон ва бузург ҳис мекунад. Маккории сиёсии вай ҳанӯз аз байн нарафтааст. Агентҳои боқимондаи вай ҳамоно нафас мегиранд. Ба таври кӯтоҳ гӯем, қувваи Британия ҳаракати худро пинҳонӣ ва гоҳ-гоҳ давом дода истодааст.

Фаронса, баъд аз он ки дар Марокаш ва Мавритания аз нуфузи худ батамом маҳрум шуд, бо ҳуҷҷати он ки дар сазоир, Тунис ва Лубнон якчанд зиёии бо сақофати франсуз сақофатнокшуда мавҷуд аст, барои пайдо кардани нуфуз дар ин давлатҳо мудом талош меварзад.

Исроил махсусан дар давраи пуштибонони нави идораи Буши Хурдӣ сиёсати худро бо манфиатҳои Амрико зич вобаста намуда, мавҷеро ба вуҷуд овард, ки манфиатҳои Амрикоро ҳимоя мекунад. Амрико низ мақоми давлати калони минтақавии вайро дар минтақа ҳимоя намуда, мудофиаи Исроилро мудофиаи худ донист. Ҳамин тавр, Исроил ба нозпарварди оғӯши падар табдил ёфт.

Ҳокимони кишварҳои араб дар хидмати Амрико то ба ҳадди ғуломӣ расиданд. Дар натиҷа на боварии халқи худро ба даст оварданд ва на дили хоҷаҳояшонро ёфта тавонистанд. Онҳо бо гузаштҳои паёпай ба гирдоби хориву зиллат ғарқ шуданд ва мисли Саддом ба дастгоҳи душман табдил ёфтанд, ки иваз намудани он осон аст. Аз эҳтимол дур нест, ки сарнавишти Саддом ба онҳо низ бирасад. Хуллас, онҳо акнун ба халқи худ такя карда наметавонанд, балки фақат ба марҳамати ҳамон хоҷаҳо нигаронанд ва аҳволашон аз аввал ҳам бадтар гашт. Зеро онҳо дар байни обу оташ, яъне оби халқҳо ва оташи хоҷаҳо монданд. Хулоса, минтақаи Шарқи Авсат минтақае ба ҳисоб меравад, ки ҳар лаҳза ба таркиш омада метавонад. Арзи вуҷуд кардани Давлати ҳақиқии Ислом дар ин минтақа ба ҳақиқат наздиктар аст. Барои ин кор иқтидори кофӣ мавҷуд аст ва аломатҳои он кушоду равшан ба мушоҳида мерасад.

3. Масъалаи Шарқи Дур

Ҳолати Шарқи Дур аз масъалаи Шарқи Авсат фарқ мекунад. Дуруст, ин минтақа низ масъалаи стратегӣ, масъалаи мустамликадорӣ мебошад. Вале вазъият дар ин ҷо тамоман тафовут дорад. Бо эътибори он ки нимҷазираи Ҳиндустон имрӯз ба танҳоӣ як масъаларо ташкил мекунад, дар Шарқи Дур панҷ халқ боқӣ мемонад: Хитой, сопон, Корея, Ҳиндухитой ва Индонезия. Ҳар як халқ муаммои худро дорад. Пеш аз он ки ба тафсилоти муаммоҳои Шарқи Дур бипардозем, ба вай таърифи умумӣ медиҳем. Ин масъала аз ҷиҳати стратегӣ барои ИМА ва Русия

муҳим ба ҳисоб меравад. Минтақаи мазкур аз ҷиҳати уқёнуси Ором дар ҳудуди ИМА эътибор карда мешавад. Дар ин ҷо ду қувваи бузург ҳаст, ки ба Амрико хавф пайдо карда метавонад: Хитой ва сопон. Ин ду қувва ба Русия низ хавф пайдо карда метавонанд. Аз ин ҷиҳат, масъалаи Шарқи Дур масъалаи стратегӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин Амрико, то он даме ки дар ҷанги дуюми ҷаҳон дар бандари Перл Харбор аз тарафи сопон ба зарба дучор шуд, ҳамеша ҳарис буд, ки дар Шарқи Дур ҷой гирад ва дар он ҷо соҳиби қувва бошад. Шарқи Дур баъд аз зарбаи мазкур барои Амрико ба минтақаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим табдил ёфт. Барои ҳамин киштӣ ва тайёраҳои ҳарбии Амрико дар ин минтақа шабурӯз муттасил сайругашт мекунанд. Филиппин аз замони пештар аз ҷанги дуюми ҷаҳон то кунун базаи Амрико ба ҳисоб меравад. Амрико барои худҳимоякунӣ аз хавфе, ки дар он ҷо пинҳон аст, ба ин минтақа эътибори ҷиддӣ ва калон медиҳад. Русия ҳамсояи ин минтақа мебошад, ки миёни вай ва минтақаро мисли Амрико уқёнусҳо ҷудо намекунад. Вай, гарчи сарҳадҳои худро бо Хитой мустаҳкам карда бошад ҳам, бар зидди минтақа чораҳои эҳтиётиро наандешид ва боз ҳамеша кӯшиш мекунад, ки бо сопон муносибати дӯстона дошта бошад.
сиҳати мустамликадорӣ дар қадим ба Англия, Фаронса, Голландия ва Португалия маҳдуд буд. Зеро Амрико, гарчи ҳангоми хурӯҷи мавҷи мустамликадории асри XIX Филиппинро ишғол намуда, ба мустамлика ё ниммустамлика табдил додааст, берун аз «олами нав» дар мустамликадорӣ иштирок накард. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки Англия, Фаронса ва Голландия давлатҳое мебошанд, ки аввалин шуда Шарқи Дурро мустамлика кардаанд. Португалия низ ба ҳиссаи хурди он шарик буд. Англия ҷазираи Гонконгро дар соҳили ҷанубӣ-шарқии Хитой, Малайя, Сингапур, қисми шимолии ҷазираи Борнео, Бирма, Ҳиндустон ва Сейлонро мустамлика кард. Тамоми сиёсати вай бар асоси нигоҳ доштани ҳамин мустамликаҳо бунёд шудааст. Пеш аз иттиҳоди ду гигант, вақте ки лагери ғарбӣ воҳиди ягона буд, сиёсати Британия дар Шарқи Дур аз сиёсати Амрико фарқ мекард. Ҳол он ки Англия барои нигоҳ доштани ин мустамликаҳо ба Амрико ва кӯмаки вай мӯҳтоҷ буд. Британия ба Хитой ҳамчун бозори савдои худ менигарист. Бинобар ин, дар ҷониби лагери шарқӣ будани Хитойро барои вуҷуди худ дар Шарқи Дур хатар намедонист. Аз ин аён мегардад, ки вай барои ҳуҷум ба Хитой ва задухӯрд бо вай дар минтақа асосе ёфта натавонист. Кӯшиш кард, ки минтақа осоишта ва барқарор бошад. Зеро ҳар гуна ҳаракате, ки дар минтақа рух медод, боиси изтироби мустамликаҳои вай мегардид.
Барои ҳамин Англия ба муборизаи Индонезия барои берун рондани Голландия зиддият намуд. Бо Хитойи коммунистӣ муносибати нек барпо намуда, вайро эътироф кард ва алоқаҳои савдоро ба роҳ монд. Дар сиёсати Шарқи Дур бар зидди Амрико истод. Ин ҳама корҳое буд, ки дар роҳи нигоҳдории мустамликаҳояш ба амал меовард. Чунки ин мустамликаҳо нафақат бозори фурӯши колоҳои Англия, балки

кишварҳои аз ашёи хом ғанӣ буданд, ки Британия ба танҳоӣ аз онҳо истифода мекард. Британия аз қадимулайём дар ин заминҳо ҷой гирифта буд ва онҳоро истисмор мекард. Барои ҳамин мавқеи вай дар Шарқи Дур қатъи назар аз роҳу восита ба нигоҳдории нуфуз ва мустамликадории худ дар минтақа нигаронида шуд.
Фаронса баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон Ҳиндухитой, яъне Ветнам, Лаос ва Камбоҷаро аз нав ба даст даровард. Онҳо калонтарин ва ғанитарин мустамликаи Фаронса буданд. Азбаски онҳо аз ашёи хом ғанӣ буданд, майдони даромади Фаронса ба ҳисоб мерафтанд. Вале Фаронса мустамликаи худро нигоҳ дошта натавонист. Вайро аз як тараф Хитой, аз тарафи дигар Амрико ишғол намуд. Фаронса маҷбуран хориҷ шуд. Хитой дар Ветнам ҳаракати озодихоҳиро ба вуҷуд овард ва дастгирӣ кард, ки «Ҳаракати озодихоҳии халқи Ветнам» номгузорӣ мешуд. Ин шӯриш Фаронсаро мағлуб карда тавонист, ки Фаронса ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ шикаст хӯрда, маҷбур шуд, ки аз мустамлика батамом хориҷ шавад. Амрико мехост, ки мустамликаи Ҳиндухитойро аз дасти Фаронса бигирад. Амрико, гарчи зоҳиран ба назар мададгори Фаронса менамуд, пинҳонӣ бар зидди вай ба шӯриш такон медод. Вазъият то ҷое расид, ки Фаронса барои боқӣ мондан намедонист, ки ба марҳамати лагери ғарбӣ, хусусан Амрико умед бандад ё аз саркӯб намудани шӯриш умед барканад. Ниҳоят, анҷумани Женева даъват шуда, масъалаи Ҳиндухитой баррасӣ гардид. Дар натиҷа Фаронса аз он ҷо берун шуд. Амрико дар Лаос, Ветнами ҷанубӣ, Камбоҷа ва ҳамчунин Хитой дар Ветнами шимолӣ ҷои Фаронсаро ишғол карданд. Ба таври дигар гӯем, Хитой ҷои Фаронсаро бо воситаи мустақил кардани давлати Ветнами шимолӣ ишғол кард. Баъдтар Ветнами ҷанубиро низ ба он ҳамроҳ намуд. Ҳамин тавр, Фаронса аз ин минтақа қатъиян берун ронда шуд.
Амрико индонезиягиҳоро бар зидди Голландия ба шӯриш такон дод. Онҳо шӯриши даҳшатовар бардоштанд. Ҳам Иттиҳоди шӯравӣ ва ҳам Амрико, гарчи мухолифи якдигар буданд, шӯришро дастгирӣ намуданд. Англия бар зидди индонезиягиҳо дар тарафи Голландия истод. Дар натиҷа индонезиягиҳо бар Голландия аз ҷиҳати ҳарбӣ пирӯз шуданд ва масъала ба СММ ҳавола шуд. Амрико низ онро дастгирӣ намуд. СММ қарор баровард, ки Индонезия мустақил шудааст. Ҳамин тавр, Голландия аз Индонезия берун шуд ва ғайр аз Ирианаи ғарбӣ тамоми мустамликаҳои худро аз даст дод. Индонезия бо дастигирии Амрико таъқиби вайро давом дод. Ниҳоят, аз Ириана низ маҷбуран онро берун кард. Ҳамин тавр, Голландия аз тамоми минтақа хориҷ шуда, мустамликадории вай барҳам хӯрд.
Португалия Гоаи Ҳиндустонро мустамлика кард. Ҳиндустон, вақте ки аз минтақа берун карда шудани Голландияро дид, ба берун кардани Португалия камар баст. Бо такони Англия ва Амрико Гоаро забт карда, Португалияро аз он ҷо берун ронд. Гоа ба як қисми Ҳиндустон табдил ёфт.

Ҳамин тавр, дар минтақа ғайр аз Англия ва Амрико ягон давлати мустамликадор намонд. Англия пеш аз созиши ду гигант (ИМА ва собиқ Иттиҳоди шӯравӣ) аз боқӣ мондани худ дар минтақа дилпур буд. Аммо баъд аз созиш вазъияти байналхалқӣ тағйир ёфта, Англия бо фикри мустамликаҳояш ноором гашт. Барои онҳо хавф пайдо шуда буд. Зеро Амрико услуби нави мустамликадориро пеш гирифта, аз паи берун рондани Англия ва ишғол кардани ҷои вай дар минтақа афтод. Услуби нав дар зери шиори «барҳамдиҳии мустамликадорӣ» ва «истиқлолият додан ба халқҳо» татбиқ мешуд. Ин услуб аз тарафи СММ қабул шуд. Хуллас, Амрико барои ба халқҳо истиқлолият додан ба Англия фишор овард. Англия бар зидди ин кор найранг кор фармуда, дар байни ҷазираи Борнеои шимолӣ, Сирван, Сабоҳ ва Малайяву Сингапур федератсия таъсис дод. Дар натиҷа давлати федеративӣ бо номи Малайзия ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, шакли мустамликадориро иваз намуда, мустамлика кардани кишварҳоро давом дод. Дере нагузашта Амрико бар зидди вай Индонезияро ба шӯр овард. Индонезия бо талаби ҷазираи Борнеои шимолӣ ба Борнео, Малайя ва Сингапур бо воситаи шӯришгарон ҳуҷум овард. Аҳолиро бар зидди Англия ба шӯриш такон дод. Дар байни Индонезия ва Малайзия ҳолате ба вуҷуд омад, ки ба ҷанг шабоҳат дошт ва он «сиёсати муқовимат» номида шуд. Ин ҳолат якчанд сол идома ёфт. Ҳангоми бастани иттиҳоди ду гигант дар созишнома дарҷ гардида буд, ки базаҳои ҳарбӣ дар ҷаҳон барҳам дода, Англия аз Шарқи Дур берун карда шавад. Дар Шарқи Дур бар зидди Англия фишор пурзӯр гашт. Англия қарор кард, ки базаи Сингапурро тарк кунад. Ҳам аз Сувайси шарқӣ ва ҳам аз Шарқи Дур базаҳои ҳарбии худро баровард. Дар Индонезия бо воситаи агентҳои худ бар зидди роҳбари сиёсати муқовимат Сукарно фаъолият бурд. Ҳамон вақт Амрико розӣ шуд, ки майдони Индонезияро аз Сукарно холӣ кунад ва ба сари қӯшун гумоштагони дигарро таҳти сарварии Сухарто биёварад. Баъд аз он ки Англия аз Сингапур базаи худро баровард, Сингапур аз Малайзия ҷудо шуд. Дар натиҷа фақат Борнеои шимолӣ, Сирван, Сабоҳ ва Малайя дар таркиби Малайзия боқӣ монданд. Минтақа баъд аз ин ҷараёнҳо каме ором гашт. Тамоми корҳо барои ба Хитой зарба задан нигаронида шуд. Шояд аз минтақа берун кардани Британия ба нақшаи ду гигант дар бораи Шарқи Дур дохил шуда бошад. Интизорӣ мерафт, ки баъд аз итмоми кори Хитой барои барҳам додани вуҷуди англис ҳаракат мекунанд. Вале ҳодиса суръат пайдо карда, Амрико баробари анҷоми ҷанги Ветнам бо Иттиҳоди шӯравӣ ба эскалатсия (мураккабгардонии муносибатҳо) баргашт ва Хитой ба талабҳои гигантҳо сар хам кард. Амрико пиндошт, ки бо дохил кардани лоиҳаҳои иқтисодӣ ва созмонҳои минтақавӣ ба Малайзия мақоми Англияро дар он ҷо ишғол кардан мумкин аст. Ин ҳама аз минтақа ронда шудани Англияро пешгирӣ кард. Бинобар ин, Британия ҳамоно аз нуфузи худ дар Шарқи Дур баҳраманд аст. Созишномаҳое, монанди созишномаҳои мустамликадорӣ, ки Миср,

Урдун, Ироқ ва дигаронро бо Англия мепайваст, Филиппинро бо Амрико мепайваст. Филиппин, гарчи аз ҷиҳати назарӣ мустамликаи Амрико набошад ҳам, аз ҷиҳати амалӣ мустамлика буд. Амрико, баъд аз он ки Голландияро аз Индонезия берун ронда тавонист, барои ишғол намудани ҷои вай кӯшиш кард. Вале индонезиягиҳо солҳои дароз ба вай муқовимат карданд. Онҳо нахостанд, ки як мустамликадорро берун ронанд ва мустамликадори дигарро дохил кунанд. Дар натиҷа Амрико бар зидди Индонезия монеаҳо эҷод намуда, бар зидди вай шӯришҳо ташкил дод. Ба Англия, ки бо воситаи агентҳои худ ба кишвар дохил шуд, эътироз нишон надод. Хитойиҳоро такон дод, ки ба Индонезия бикӯчанд, инчунин ба даровардани коммунизм даъват кард. Бо сабаби ин тазйиқҳо ҳокимони Индонезия ба фишор тоб оварда натавониста, қарз ва кӯмакҳои ҳарбии Амрикоро пазируфтанд. Ҳамин тавр, Индонезия ба зери нуфузи Амрико даромад ва аз замони Сукарно аз давлатҳои тобеи Амрико ба ҳисоб меравад. Баъд аз созиши ду гигант (ИМА ва собиқ Иттиҳоди шӯравӣ) мавқеи Амрико дар Индонезия мустаҳкам гашта, ҳам ба мамлакат, ҳам ба қӯшун, ҳам ба корҳои иқтисодӣ ҳукмронӣ намуд. Ин ҳолат то ба имрӯз идома дорад. Амрико ғайр аз Индонезия қисми калони Ҳиндухитой ва баъд аз ҷанги Корея Кореяи санубиро низ ишғол намуд. Амрико ҳамоно кӯшиш дорад, ки Британияро аз мустамликаҳои Шарқи Дур берун ронда, ҷои вайро ишғол намояд. Агар Амрико аз ӯҳдаи ин кор барояд, масъалаи Шарқи Дур характери байналхалқиро гум мекунад ва ба киштзори Амрико табдил меёбад.

Умуман гирем, вазъияти Шарқи Дур аз ҳамин иборат аст. Акнун дар бораи халқҳои онҳо таваққуф мекунем. Ин халқҳо аз ҷиҳати савияи фикрӣ назар ба халқҳои Шарқи Авсат то андозае дар сатҳи паст қарор доранд. Вале фикри аз мустамликадорӣ раҳидан, ки пештар аз ҷанги дуюми ҷаҳон ва дар аснои ҷанг дар олам вусъат ёфт, ба халқҳои ин минтақа нисбат ба халқҳои Шарқи Авсат бештар таъсир расонд. Зеро ин фикрро коммунистҳо оварданд, ки яке аз элементҳои коммунизм бар зидди капитализм мебошад. Барои ҳамин ин фикр аз Иттиҳоди шӯравӣ тавассути Хитой ба халқҳои Шарқи Дур таъсири калон расонид ва онҳоро ба шӯр овард. Бо ин сабаб, пеш ва баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон халқи Ҳиндухитой бар зидди Фаронса ва халқи Индонезия бар зидди Голландия бархостанд. Халқи Корея, ки мафкураи коммунистиро қабул кардааст, дар ин кор таъсири худро дошт. Ҳатто халқҳои Малайя, Борнеои шимолӣ, Сингапур бар зидди англисҳо бархостанд. Бо сабаби ин шӯришҳо Индонезия истиқлолиятро ба даст даровардa, Голландияро берун ронд. Ветнами шимолӣ номи давлати қудратмандро гирифт. Англия ба таъсиси иттиҳод (федератсия)-и Малайзия маҷбур шуд. Ин ҳама самараи фикри аз мустамликадорӣ озод шудан аст, ки ин мустамликадорӣ дар минтақа боиси зӯровариҳо гардида буд. Ҳам Амрико ва ҳам Британия инро басо хуб медонистанд. Барои ҳамин онҳо кӯшиш карданд, ки нуфузи худро дар минтақа на дар шакли

мустамликадории кӯҳан, балки дар шакли иқтисодӣ, сиёсӣ, муносибатҳои сақофӣ ва созишномаҳо намоён кунанд, то ки ин чизҳо ба назар муносибатҳои байналхалқӣ намоянд, на ин ки супоришоти мустамликадорӣ.

Дар бораи масъалаи Шарқи Дур боз ду мулоҳиза вуҷуд дорад:
1. ИМА дар атрофи Кореяи Шимолӣ парванда оғоз намуда, кӯшиш мекунад, ки вайро аз ҷиҳати ядровӣ беяроқ гардонад.
2. Дар минтақа, хусусан дар Индонезия ва Малайзия Ислом вусъат меёбад.

Амрико мавзӯи Кореяи Шимолиро барои эҷоди муаммои тезутунд дар ҳудуди Хитой боло бардошт. Сиёсати мустаҳками Амрико дар минтақа ин аст, ки Хитой бо давлатҳои пурзӯр ё муаммоҳои тезутунд печонида шавад, то ба ҳоли худ овора гашта, барои берун баромадан ҳаракат накунад, барои нуфуз ва таъсир бар зидди манфиатҳои Амрико ба рақобат напардозад. Агар Амрико барои пайдо кардани давлатҳои пурзӯр дар атрофи Хитой имкон меёфт, ки мисли Ветнам Кореяро аз нав муттаҳид созад, дарҳол ба кор шурӯъ мекард, чунон ки Ҳиндустонро бар зидди Хитой гузоштааст.

Барои ҳамин дар назар аст, ки Амрико барои ҳаллу фасл нашудани ин масъала мудом кӯшиш мекунад, ба шарте ки муаммо фақат ба Амрико тааллуқдор набошад ва Хитойро низ банд созад. Аз ин рӯ, Амрико ҳарис буд, ки ба муаммои Корея давлатҳои минтақаро шарик кунад. Вай дар шакли шашгона: Амрико, Кореяи Шимолӣ, Хитой, Русия, сопон ва Кореяи санубӣ мулоқот доир намуд.

Эҷоди муаммоҳои тезутунд дар дохил ё ҳудуди Хитой самти тағйирнопазири сиёсати Амрико мебошад. Амрико барои ин кор фурсати муносибро интизор аст ва гоҳо бо воситаи Ҳиндустон, гоҳо бо баҳонаи ҳуқуқҳои инсон дар дохил, гоҳо бо воситаи «абрнок кардани обу ҳавои минтақа» бо дасти Корея кор мебарад. Хуллас, аз ҳар як фурсати муносиб истифода мекунад ва ягон фурсатро аз даст намедиҳад. Алҳол барои Амрико фурсати кашол додани вақт фаро расид. Чунки баъд аз Афғонистон ба Ироқ ҳуҷум кард ва дар он ҷо ҷорӣ кардани нуфузи худро ба нақша мегирад. Ду кишвари мусулмонӣ – Ироқ ва Эронро бо доштани силоҳҳои қатли ом айбдор намуда, бо ин баҳона ба Ироқ ҳуҷум кард. Айни вақт Буш ба бардоштани мавзӯи силоҳҳои ядровии Кореяи Шимолӣ имконияти мусоид ёфта, вайро ҳамроҳи Эрону Ироқ ба шумори меҳвари бадӣ даровард, то чунон ба назар нарасад, ки Амрико фақат ба силоҳҳои қатли оми мусулмонон зиддият нишон дода, дар хусуси дигарон сукут меварзад. Моҳи январи соли 2002 Буш дар бораи Кореяи Шимолӣ баёнот дод. Мақсад аз ин айбро аз худ дур сохтан буд, то нагӯянд, ки Ироқ маҳз бо сабаби кишвари мусулмонии дорои силоҳи қатли ом будан ҳадафи ҳуҷум қарор гирифтааст. Амрико ҳатто давлатҳои коммунистиро якҷоя бо Эрон ва Ироқ ба меҳвари бадӣ дохил мекунад. Мақсад аз ин маҳз ҳуҷум ба Ироқ мебошад. Ду ҳафта пас аз сухани Буш дар бораи меҳвари бадӣ Колин

Пауэлл ба конгресс дар бораи Эрон ва Кореяи Шимолӣ чунин гуфт: «Барои оғози ҷанг бар зидди ин давлатҳо ягон нақша вуҷуд надорад... Мо бар зидди Кореяи Шимолӣ ҷангидан ё бо Эрон низоъ карданро ба нақша нагирифтаем».

Аз ин рӯ, интизорӣ меравад, ки Амрико барои ҳалли мавзӯи силоҳҳои қатли ом дар Кореяи Шимолӣ ба амалиётҳои ҳарбӣ даст намезанад. Васеъ густариш ёфтани Ислом давлатҳои калон, хусусан Амрико ва тамоми Ғарбро ноором мекунад. Онҳо дар Ислом хатареро ҳис мекунанд, ки дар бедоршавии исломӣ ифода ёфтааст. Зеро дар ин минтақа беш аз 250 миллион мусулмон зиндагӣ мекунад. Масалан, Индонезия калонтарин кишвари исломист, ки аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон баъд аз Хитой, Ҳиндустон ва Амрико ҷои чорумро ишғол мекунад.

Индонезия ва Малайзия дар минтақа қувваи зарбадиҳандаро, ки аз дигар қувваҳои калон камӣ надорад, ташкил карда метавонанд. Агар онҳо Исломро ҳамчун мабдаъ ва низоми ҳаёт қабул намоянд, амалишавии ин кор табиист. Айни вақт онҳо имкон доранд, ки бо дигар минтақаҳои Олами Ислом алоқа барқарор намоянд. Чунки онҳо дар бораи технологияи алоқа дорои тараққиёти илмӣ мебошанд. Ин низ яке аз сабабҳоест, ки муаммои байналхалқӣ будани Шарқи Дурро таъкид мекунад.

4. Масъалаи Осиёи Миёна

Масъалаи Осиёи Миёна аз масъалаи Шарқи Дур ва Шарқи Авсат фарқ мекунад. Гарчи ин минтақа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо Шарқи Авсат ва Шарқи Дур ҳамсоя бошад ҳам, аз рӯи навъи мустамликадорӣ ва нуфуз, навъи мубориза ва ғояҳои он фарқ мекунад. Инчунин Осиёи Миёна то сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ як қисми вай буд. Мубориза дар болои Осиёи Миёна ва Қафқоз баъд аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ оғоз ёфт. Бинобар ин муборизаи мазкур аз муборизаи Шарқи Авсат ва Шарқи Дур фарқ мекунад. Агар дар бораи фарқи ғояҳои мубориза таваққуф намоем, мақсади Амрико хориҷ кардани Русия аз минтақаҳое, ки дар зери нуфузи вай ҳастанд, инчунин коҳиш додани майдони манфиатҳои ҳаётии Русия мебошад. Ин кор бо берун рондани вай аз давлатҳои Қафқоз ва Осиёи Миёна амалӣ мегардад. Бинобар ин, масъалаи мазкур соли 1991 баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ба вуҷуд омад. Баробари сарнагун шудани Иттиҳоди шӯравӣ понздаҳ ҷумҳурии нав ташкил ёфт. Аз онҳо панҷ ҷумҳурӣ: Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар Осиёи Миёна ҷойгир шудаанд ва аксарияти аҳолиашонро мусулмонон ташкил медиҳанд. Ӯзбекистон калонтарин ва муҳимтарини онҳост. Чор ҷумҳурӣ туркзабон ва панҷуми онҳо Тоҷикистон форсзабон аст. Ин панҷ ҷумҳурӣ ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва ҳам аз ҷиҳати аҳолӣ бо ҳам зич вобастаанд. Як қисми ин минтақа, ки бо Хитой пайвастааст, Туркистон номида мешавад (Туркистони Шарқӣ як қисми Хитой ва Туркистони Ғарбӣ як қисми Осиёи Миёна аст). Ин панҷ ҷумҳурӣ дар

қисми шимолӣ-шарқии баҳри Каспий ҷойгир шудаанд. Аз тарафи шарқ бо Хитой, аз тарафи шимол бо Русия, аз тарафи ғарб бо баҳри Каспий ва аз тарафи ҷануб бо Афғонистону Эрон ҳамсарҳаданд. Як қисми Туркистони Шарқиро Хитой ишғол кардааст.
Пеш аз он ки ба тафсилоти мубориза пардозем, ба аҳамияти стратегии Осиёи Миёна ва Қафқоз як назар меафканем. Минтақа аз ҷиҳати стратегӣ давоми Русия дар дохили Осиё ва ҳатто дар Шарқи Авсат ба ҳисоб меравад. Ягон ҳудуди табиӣ: баҳр ё уқёнус ин минтақаро аз Русия ҷудо намекунад. Бо Хитой низ ҳолат ҳамин гуна аст. Минтақа дарвозаи қафои Хитой ба ҳисоб меравад. Агар мусулмон будани аксарияти аҳолии минтақаро ба эътибор гирем, Хитой хавф мебарад, ки онҳо ба мусулмонони Туркистони Шарқӣ дар дохили Хитой таъсир мерасонанд. Бо сабаби ҳамин гуна аҳамияти стратегӣ нақшаҳои Амрико аз пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ба он нигаронида шуд, ки ба минтақа даромада, аз як тараф, нуфузи Русия ва аз тарафи дигар, нуфузи Хитойро аз ин ҷо дур созад.
Амрико ба амалисозии баъзе мақсадҳои худ муваффақ шуд. Вақте Каримов ба вай ғуломона сар хам намуд, дар Ӯзбекистон базаи ҳарбӣ бунёд кард. Дар зери номи «мубориза бар зидди терроризм» бо Тоҷикистон механизми ҳарбӣ барпо намуд. Бо Қирғизистон низ ҳамкории иқтисодӣ ва маданиро ба роҳ монд. Боз пайваста кӯшиш мекунад, ки ин корҳоро то ба Қазоқистон идома диҳад, дигар давлатҳои минтақаро низ аз дасти Русия гирад. Дар Қафқоз Шеварднадзеро сарнагун сохта, дар Тбилисӣ ҳукуматеро таъсис дод, ки Амрикоро тарафдорӣ мекунад. Ин чиз зарбаи сахте буд, ки ба Русия таҳдид пайдо мекард. Мақсад аз ин бартараф намудани монеа дар байни базаҳои Иттиҳоди Атлантика дар Туркия ва ҳудуди Русия буд, ки тавассути ба вуҷуд овардани ҳукумати гузашткунанда дар Грузия амалӣ мегашт.
Акнун ба ҷиҳати мустамликадорӣ таваққуф менамоем. Осиёи Миёна, хусусан минтақаи баҳри Каспий аз нафт ғанӣ аст. Илова бар ин, минтақа аз маъданҳои қиматбаҳо аз қабили тилло пур мебошад. Зеро вай дар ҷаҳон мисли Шарқи Авсат минтақаи ғанӣ аз конҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин капиталистҳои амрикоӣ оби даҳон рехта, тамоми қувваи худро сарф мекунанд, ки бо баҳонаи сармоягузорӣ ширкатҳои калонро ба минтақа ворид созанд. Нисбат ба минтақаи мазкур монанди Шарқи Авсат муомила мекунанд. Хуллас, яке аз сабабҳои асосии балоҳое, ки ба сари Осиёи Миёна борида истодааст ва муборизаҳое, ки дар болои вай ҷараён дорад, ҷиҳати мустамликадорӣ мебошад.
Мустамликакунии Осиёи Миёна ва Қафқоз аз асри XVIII аз давраи авҷи инқирози империяи Аврупо оғоз ёфтааст. Русия майдонҳои бепоёни Осиёи Миёна ва Қафқозро аз Давлати Усмонӣ ва Сафавӣ ҷудо намуда, маҷбуран ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ кард. Русия баъд аз шӯриши болшевикҳо низ Осиёи Миёна ва Қафқозро дар зери панҷараи оҳанин нигоҳ дошт. Ҳамин тавр, имкон надод, ки давлатҳои дигар ба он

ҷо дахолат кунанд. Вақте ки Иттиҳоди шӯравӣ сарнагун шуда, Русия заиф гашт, Амрико нафақат барои ба минтақа ворид шудан, балки барои барҳам додани нуфузи рус дар ин ҷо пайваста кӯшиш мекунад. Чунки Амрико баъд аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ худро вориси ягонаи ҷаҳон меҳисобад. Пештар, яъне баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон, ки Иттиҳоди шӯравӣ ҳанӯз вуҷуд дошт, худро вориси мустамликадории Ғарб ҳисобида буд. Амрико ба ботлоқи кибр ва манманӣ фурӯ рафт, гумон кард, ки танҳо ӯ ба ҷаҳон ҳақдор аст. Барои ҳамин кӯшиш мекунад, ки тамоми давлатҳои ҷаҳонро ба худ тобеъ созад, давлатҳои калон, аз ҷумла Русияро аз мустамликаҳояш, ки ҷои нуфузи онҳо ба ҳисоб мераванд, берун ронад.

Русия кӯшиш кард, ки вориси Иттиҳоди шӯравӣ дар Осиёи Миёна ва Қафқоз бошад. Вақте ки иттиҳод барҳам хӯрд, ба азнавбарқарорсозии структураи ҷумҳуриҳои он шитофт. Пас Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ)-ро созмон дод. Собиқ давлатҳои Иттиҳоди шӯравиро муттаҳид сохт. Шакли федеративии Русияро нигоҳ дошт. Мақсад аз ин заминҳои бепоёни Қафқоз, аз қабили Чеченистон, Ингушетия ва Доғистонро дар зери ҳукмронии худ нигоҳ доштан буд.

Амрико дар Ӯзбекистон ва Грузия ба ҳаракат даромад. Истилои Афғонистон, ки ҳамсояи Осиёи Миёна мебошад, бомуваффақият анҷом ёфт. Амрико стратегияи ҳампаймонони стратегиро дар Осиё эълон кард, инчунин Покистонро ҳампаймони стратегӣ эълон намуд. Илова бар ин, баъд аз истилои Ироқ барои таҳкими мавқеи худ дар Осиёи Миёна омодагӣ дид, истихроҷи нафт ва конҳои дигари Осиёи Миёна ва Қафқозро дастҳои дарози ширкатҳои Амрико ишғол кард. Бо вуҷуди ин, эътибор карда мешавад, ки талоши сиёсӣ дар болои нуфуз дар давраи ибтидоӣ қарор дорад ва барои ба фоидаи Амрико ҳал шудани вай ҳанӯз вақт ҳаст. Чунки минтақа, гарчи барои Амрико басо муҳим аст, роҳи нафаскашии Русия ва дарвозаи воридотӣ ба дигар минтақаҳои ҷаҳон мебошад. Аз ин рӯ, Русия онро ба осонӣ тарк намекунад. Хуллас, дар ояндаи наздик тамоми минтақаро тарк кардани Русия аз эҳтимол дур аст.

Барои дарк кардани стратегияи Амрико дар Осиёи Миёна ба баёнотҳои масъулони Амрико, гумоштагони вай дар минтақа ва атроф назар афкандан лозим аст.

Дар оғози соли 2004 Парвиз Мушарраф бо таклифе баромад кард, ки Покистон ба гузаргоҳи роҳҳои савдо ва қубурҳои энергия дар байни се минтақа: Осиёи Миёна, Осиёи ҷанубӣ (Ҳиндустон) ва Осиёи Ғарбӣ (Шарқи Авсат) табдил дода шавад. Ӯ мавқеи ҷуғрофӣ, яъне дар миёнаҷои онҳо ҷойгир будани Покистонро ба эътибор гирифта, ин таклифро ба миён гузошт. Исломобод силсилаи бандарҳоеро бунёд кард, ки ба шабакаи замонавии роҳ бо модели Амрико дар баҳри Араб пайваст шуда, ин шабака роҳ то ҳудуди Афғон тӯл кашидааст.

Пауэлл 27 марти соли 2004 ба комиссияи палатаи вакилони Амрико оид ба ҳаракатҳои ҳарбӣ баёнот дод ва зимни он аз ин лоиҳаҳо иқтибос

оварда гуфт: «Минтақаи Қафқоз, Осиёи Миёна, Осиёи Ғарбӣ ва Осиёи санубӣ ба шабакаи савдо ва алоқа пайваст шавад, имкониятҳои калон даст медиҳад. Вале ин кор танҳо ҳангоми таъмини сулҳ ва амният имконпазир аст... Покистон бо ин андеша структура ва портҳои худро (...) азнавсозӣ кард. Мо бо шарикони худ аз Саудия ва сопон сохтмони шабакаҳои роҳро дар Афғонистон идома медиҳем».
Кӯшиши дипломатияи Амрико ба он нигаронида шудааст, ки минтақаро ба таъсиси иттиҳодҳои ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ розӣ гардонад. Ин иттиҳодҳо ҳудуди аз Покистон ва Афғонистон то Теҳрон ва Кобулро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, дар маркази худ барои аз нав тартиб додани харитаи иттиҳодҳои стратегӣ роҳ мекушояд. Корҳои сиёсӣ дар Исломобод дарак медиҳад, ки муассисаҳои ҳарбии Вашингтон ва Исломобод ғайр аз иттиҳоди мубориза бар зидди терроризм эҳтимол ба марҳилаи бастани як иттиҳоди нав ворид шаванд. Боз овозаҳо ҳастанд, ки Амрико «НАТО»-и Осиё таъсис медиҳад, ки тавассути НАТО-и Аврупо идора карда мешавад. Созмони мазкур ғайр аз ҳампаймонони анъанавии Вашингтон дар минтақа ҳампаймонони навро дар Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Озарбайҷон дар бар мегирад. Мақсад аз ин барпо кардани низоми минтақавист, ки шабакаи қубурҳои ҳамлу нақли энергияро аз ҷиҳати амният ва ҳарбӣ ҳимоя менамояд, дар айни замон ҳар гуна сарбардории назоратии Хитой ё Русияро пешгирӣ мекунад.
Инчунин дар миёни мавқеъҳои Вашингтон ва Маскав доир ба муаммоҳои ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод ихтилоф сар зад. Ин кор 26 январи соли 2004 зимни ташрифи котиби давлатии Амрико Колин Пауэлл ба Маскав равшан гашт. Сафири Амрико дар Маскав каме қабл аз ташриф гуфт, ки мақсади Пауэлл муҳокимаи масъалаҳо оид ба ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод бо ҷониби рус мебошад. Яке аз мақсадҳои асосии ташриф ҷустуҷӯи «нуқтаи вохӯрӣ»-и Русия ва Амрико дар фазои собиқ иттиҳод мебошад, ишора намуд вай. Сафир эътироф кард, ки доир ба ин минтақа «муаммоҳои муайян» мавҷуданд, ки садди роҳи барқарорсозии муносибатҳо дар миёни тарафайн мешаванд. Айни замон Маскав мавҷудияти «созишнома»-ро дар бораи тақсими нуфуз дар минтақа инкор кард. Манбаъҳои Амрико ба «муаммоҳо»-е, ки ба муносибатҳои ду давлат дар ин бора монеа мешавад, ишора намуданд. Авҷи мунозира дар ин хусус ба замоне рост омад, ки васоити ахбори оммаи Ғарб маълумот интишор намуд, ки Русия ва Амрико доир ба тақсими нуфуз дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди шӯравӣ созишнома бастаанд. Шореҳони рус сухани сафири Амрикоро дар Маскав ишора ба созиши байни ҷонибҳо ҳисобиданд.
Маълум аст, ки Маскав аз густариши нуфузи Амрико дар ИДМ изҳори нороҳатӣ карда буд. Хусусан ҷиҳате, ки ба вуҷуди ҳарбии Амрико дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Грузия алоқа дорад, Русияро бештар ба ташвиш меорад. Илова бар ин, Амрико ба бартарафсозии вазъиятҳои дохилии давлатҳои мисли Грузия бевосита дахолат карда истодааст.

Сиёсатмадорони рус зимни ташрифи Пауэлл дар бораи ҳамин чиз бо вазири Амрико мунозира кардан хостанд. Раиси кумитаи корҳои хориҷӣ дар парламенти Русия Константин Косачев даъват кард, ки масъалаи вуҷуди ҳарбии Амрико дар минтақа ба ҷадвали корҳои ташриф ворид карда шавад. Аз ин ҳама аён мегардад, ки Амрико дар бораи Осиёи Миёна ва Қафқоз ҳанӯз дар сари роҳ қарор дорад. Нақшаҳои Амрико ҳанӯз қадаме ба пеш нарафтааст. Сабаб ин аст, ки минтақа то рӯзҳои наздик монополияи Иттиҳоди шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Мубориза дар болои минтақа ба манфиатҳои зарурии Русия таҳдид мекунад ва барои Хитой хатари минтақавӣ мебошад. Сабаби мубориза ин аст, ки минтақаи мазкур барои Амрико низ аҳамияти стратегӣ дорад. Вай ба воситаи ин мубориза нуфузи Русияро барҳам медиҳад ва тавассути маҳдудсозии Хитой нақшаро доир ба нигоҳдории қувваи бузург ва ягонаи худ дар ҷаҳон амалӣ мегардонад. Хулоса, ин масъала аз масъалаҳои муҳими байналхалқӣ мебошад, ки мубориза дар болои он аз ҳудуди минтақа берун мебарояд.

Боз омили дигаре вуҷуд дорад, ки ин минтақаро ҳам аз ҷиҳати минтақавӣ ва ҳам аз ҷиҳати байналхалқӣ ба маркази диққати давлатҳои дорои қувваи таъсир кашида, ба масъалаи байналхалқӣ табдил додааст. Ин омил ба Исломи худ рӯ овардани аҳолии минтақа мебошад. Дар давраи коммунизм тӯли беш аз 70 сол дин мутлақо манъ карда шуд. Барои ҳамин мардум ба Ислом чунон шитофтанд, ки эътибори касро ҷалб мекунад. Мардум фақат бо адои ибодатҳо кифоя накарданд, балки бо шавқи калон ба сӯи ҳокимияти Ислом – Низоми Хилофат шитофтанд. Ҳизби Таҳрир, вақте ки ба Хилофат даъват кард, дар тӯли якчанд сол аз онҳо ҳазорон марду занро дар бар гирифт. Имони онҳо аҷоиб аст, ҳар гуна душвориҳоро бартараф мекунанд, дар роҳи Аллоҳ аз маломати ягон маломатгар наметарсанд.

Вале ҳокимони давраи кӯҳан аз баргашти пуршиддати уммат ба асли худ хурсанд нашуданд. Барои пешгирии ба сари ҳокимият омадани сиёсати Ислом аз русҳо, амрикоиҳо, британиҳо ва ҳатто яҳудиён мадад гирифта, ба халқҳои худ зулму ситамро раво диданд. Дастгоҳи разведкаи маҳаллӣ ва дастгоҳҳои разведкаи Русия, Амрико ва Британия барои пешгирии равнақи Ислом дар ин кишварҳо якҷоя кор бурда, услубҳои зулму зӯроварӣ, гумроҳсозиву шубҳаангезӣ, зебо нишон додани илмониятро татбиқ намуданд. Вале Ислом, ки дар қалби мардум ҷой гирифтааст, рӯз то рӯз қавӣ мегирад. Ин гуна услубҳои шайтонӣ мардумро аз имону эътиқод ҳеҷ гоҳ баргардонида наметавонад. Ғарб пай бурд, ки Ислом дар қалбҳо аланга мегирад. Мутахассиси амрикоӣ оид ба «олами сеюм» Роберт Коплен гуфт: «Дар миёнаҷои Осиё... Ислом, азбаски мазлумону хоршудагонро мутлақо дастгирӣ мекунад, рӯзҳои наздик дар ҳамин қисмати дунё ба ҷозибтарин ҷиҳат табдил меёбад. Ин дин, ки дар тамоми олам доман зада истодааст, ягона дини барои рақобат омода мебошад».

Минтақа ба яке аз қалъаҳои муҳими Ислом табдил ёфт. Зеро вай як

тарафи камони Исломро ташкил мекунад, ки он аз Индонезияву Малайзияи Осиёи санубӣ-Шарқӣ то минтақаи Шарқи Авсат кашида шудааст. Минтақа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ имкон дорад, ки бо Покистон ва Эрон алоқа барпо кунад. Ин чиз ба русҳо ва амрикоиҳо хавфи бунёдшавии Давлати бузурги ядровии Исломро дар минтақа ба вуҷуд меорад. Яке аз мақсадҳои истилошавии Афғонистон аз тарафи Амрико низ пурзӯркунии назорат аз болои минтақа буд. Бахусус, вақте ки ҳокимони нокаси минтақа рӯ ба завол оварда истодаанд, ғайр аз ин кор чораи дигар набуд.
Ҳам Русия ва ҳам Хитой барои бартараф кардани хавфе, ки аз густариши Ислом дар ин кишварҳо ба вуҷуд меояд, анҷуманҳои даврӣ ташкил намуданд. Муҳимтарини онҳо Созмони ҳамкориҳои Шанхай аст, ки масъалаи асосии он фундаментализми исломӣ ва хавфи ҳаракатҳои исломӣ мебошад.
Хуллас, сарватҳои фаровони минтақа, дорои аҳамияти стратегӣ будани онҳо барои Русия, Хитой ва Амрико, илова бар ин, бедоршавии исломӣ, ки бо суръати баланд густариш меёбад, Осиёи Миёнаро ба муаммои муҳими байналхалқӣ табдил медиҳад.
5. Масъалаи нимҷазираи Ҳиндустон
Масъалаи нимҷазираи Ҳиндустон масъалаи кӯҳан аст. Фақат вай ҳеҷ гоҳ мисли имрӯза назаррас набуд, муаммоҳои асосии ҷаҳон ба ҳисоб намерафт. Се омил вуҷуд дорад, ки вайро ба ҳамин ҳолат овардааст: бедоршавии исломӣ, ки аз муаммои Кашмир сар задааст; афзоиш ёфтани қувваи Хитой дар минтақа; ба сафи давлатҳои ядровӣ ҳамроҳ шудани Ҳиндустон ва Покистон.
Пешгирии бедоршавии исломӣ кори осон нест. Яке аз сабабҳои истилошавии Афғонистон аз тарафи Амрико оғози ҳуҷуми нави салибдорӣ буд, то ба ҳаракати исломие, ки мусулмонони Кашмирро дастгирӣ мекунад, зарба зада шавад. Бахусус соли 1999 қувваи мусулмонон худро нишон дода буд. Қӯшунҳои исломӣ, вақте ки ба Каргил, воқеъ дар сарҳади Покистону Ҳиндустон дар ағбаи Кашмир, ҳуҷум намуда, қӯшуни ҳиндуҳоро мағлуб сохтанд, каме монда буд, ки Кашмирро озод намоянд. Вале собиқ сарвазири Покистон Навоз Шариф ва сарситоди ҳамонвақта Парвиз Мушарраф хиёнат варзида, бо фармоиши Амрико қӯшуни ҳуҷумкунандаро аз майдон берун бароварданд.
Ҳамин ҳодиса ба амрикоиҳо бонги хатар зад. Дар натиҷа онҳо дарк карданд, ки бояд минбаъд иқтидори мусулмонони минтақа ба инобат гирифта шавад. Барои ҳамин ба агентҳои худ, аз ҷумла президенти кунунии Покистон Парвиз Мушарраф фишор овард, то лагерҳои исломиро дар кишвар несту нобуд созад. Нисбат ба ҷанговароне, ки дар Кашмир бар зидди Ҳиндустон мубориза бурдаанд, баҳона оварданд, ки онҳо зодаи ҳамон ҷо ва террористҳо мебошанд.
Инчунин Амрико ба Парвиз Мушарраф бори дуюм фишор оварда, ӯро маҷбур сохт, ки аз дастгирии сиёсии Кашмири исломӣ даст кашад.

Гумошта ин дафъа низ барои тавозӯи хоҷа эълон кард, ки аз ҳуқуқҳои халқи Кашмир дар бораи худмуайянкунии тақдири хеш даст кашидааст. Барои ҳалли муаммои Кашмир дар Исломобод миёни давлати Ҳиндустон ва давлати Покистон музокираҳои дуҷониба оғоз ёфт. Мақсад ин буд, ки ҳукумати Покистон дар Кашмир ҳақдор будани ҳиндуҳоро эътироф намояд. Музокираҳо барои қонунигардонии истилогарии ҳиндуҳо бурда шуд, на ин ки барои аз Кашмир берун рондани онҳо.

Мақсади Амрико аз фишороварӣ ба Парвиз Мушарраф дар масъалаи Кашмир нафақат зарбазанӣ ба қувваи исломии торафт бузургшавандаи Покистон, балки ба вуҷуд овардани мувозинат дар минтақа буд. То ки Ҳиндустон бо ҷанги Покистон овора шуда, Хитой ба қувваи ягонаи минтақа табдил наёбад ва Ҳиндустон аз ҳудудҳои ғарбии худ дар тарафи Покистон дилпур гашта, бо Хитой рақобат карда тавонад. Барои ҳамин Ҳиндустон ва Покистон ба Созмони давлатҳои Осиёи сунубӣ (SARC) ҳамроҳ шуданд ва қувваи бузург ба вуҷуд омад, ки бар зидди Хитой муқовимат карда метавонад. Хитой иқтидори басо калони иқтисодӣ ва иқтидори калонтарини демографии ҷаҳонро доро ст, аъзои доимии Шӯрои амният ба ҳисоб рафта, аз қадим давлати ядровӣ мебошад. Аз ин рӯ, агар ҷанги миёни Ҳиндустон ва Покистон идома меёфт, Ҳиндустон бо Хитой рақобат карда наметавонист. Хитой аз ҳар ҷиҳат қувваи бузург ба ҳисоб меравад. Вай мисли Русия ба хато роҳ надодааст ва ваҳдати дохилиро нигоҳ дошт. Роҳбари пурзӯр Ден Сяопин, ки Хитойи Мао Тсе Дунро замонавӣ гардонидааст, чунин мегӯяд: «Хатои калонтарини Горбачёв ин аст, ки бе азнавсозии иқтисодии Русия ба озодии сиёсӣ рухсат дод».

Ҳамин тавр, Амрико маҷбур аст, ки қувваи Хитойро ба инобат гирад ва хост, ки дар минтақа як қувваи рақобатпазирро пайдо карда, Хитойро бо ҳамон қувва машғул созад. Бинобар ин, хост, ки ҷанги Ҳиндустон-Покистон қатъ гашта, ба Хитой таваҷҷӯҳ карда шавад. Барои ҳамин, вақте ки ҳам Покистон ва ҳам Ҳиндустон силоҳҳои ядровиро ба даст даровардaнд, сукут варзид ва ҳатто имкон дод, то ба технологияи силоҳсозӣ, ки дар ин кишварҳо нодир аст, даст ёбанд. Далел ин аст, ки Амрико Исроилро аз фурӯхтани тайёраҳои «Фалкон» ба Хитой, ки бо радари замонавию пешрафта таъмин шудаанд, манъ кард, вале ба Ҳиндустон фурӯхтани онҳоро рухсат дод. Илова бар ин, Амрико бо Ҳиндустон созишномаҳои ҳамкории стратегиро баст. Ба таври дигар гӯем, бо Ҳиндустон, гарчи он давлати ҳарбӣ ва англо-саксон набошад ҳам, монанди Исроил муомила намуд.

сиҳатҳои назаррастарини ин масъала ҳамин аст: ривоҷёбӣ оид ба Ислом, ривоҷёбӣ оид ба Хитой ва ривоҷёбӣ оид ба ядро. Барои ҳамин Амрико стратегияи худро дар минтақа тавассути маҳдудкунии ривоҷёбӣ оид ба Ислом ва Хитой, инчунин ҷорӣ намудани сулҳ дар он ҷо бар асоси барпо кардани қувваи калон, ки бо қувваи Хитой рақобат карда тавонад ва ба вуҷуд овардани мувозинат бунёд кард.

## 6. Масъалаи Африқо

Масъалаи Африқо масъалаи нав буда, баъд аз соли 1 960 дар майдони байналхалқӣ ба вуҷуд омадааст. Он маҳз масъалаи мустамликадорӣ мебошад. Чунки қитъаи Африқо аз ҷиҳати фикрӣ ақибмонда, вале дар айни вақт дорои миқдори калони ашёи хом ва боигариҳои набототу ҳайвонот мебошад. Вақте ки охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX давлатҳои мустамликадор ба мустамликадорӣ пардохтанд, қитъаи Африқо низ ба ҷумлаи минтақаҳои истилокардаи онҳо дохил шуд. Ҳар як давлат ба қадри имкон ва қувваи худ як гӯшаи ин қитъаро ба зери мустамлика худ даровард. Ҳангоми мустамлика кардани Африқо дар байни давлатҳо задухӯрд рух надод. Бинобар ин бештари давлатҳои мустамликадор ҳамон ҷо муқим гаштанд. Тамоми қитъа ба мустамликаи Аврупо табдил ёфт. Дар он ҷо Англия, Фаронса, Испания, Голландия, Олмон, Италия, Португалия ва Белгия мустамлика доранд. Англия дорои ҳиссаи аз ҳама калонтарин буда, баъд аз он Фаронса, баъд Белгия, баъд Португалия меистод. Ҳамин ҳашт давлати мустамликадор то охири ҷанги дуюми ҷаҳон ба мустамликаҳои худ дар Африқо ҳукмронӣ намуданд. Вақте ки низомномаи СММ тартиб дода шуд, доир ба барҳам додани мустамликаҳо дар Африқо ба он бандҳо ворид намуданд. Бандҳо тавре тартиб дода шуд, ки мувофиқи онҳо кори мазкур бояд дар шакли тадриҷӣ амалӣ мегашт. Бинобар ин давлатҳои калон танҳо баъди соли 1960 доир ба барҳам додани мустамликадорӣ дар Африқо ба баҳсу мунозира пардохтанд. Каме пештар баъзе мустамликаҳо, масалан мустамликаи Италия ҳамчун муқаддимаи барҳамдиҳии мустамликадорӣ ба зери мандат гузошта шуд. Инчунин бо ҳамин мақсад корҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Муҳимтарини онҳо мафкураи нейтралитети эҷобӣ (бетарафӣ) буд. Оид ба сиёсати нейтралитет, яъне бетарафӣ як қатор анҷуманҳо баргузор гардиданд. Мафкураи нейтралитети эҷобӣ аслан моли англисҳо мебошад. Сарвазири Британия Черчилл ин мафкураро ба агенти худ Неру дода, талаб кард, ки онро сиёсати Ҳиндустон эълон намояд ва дар байни давлатҳои Осиё амалӣ гардонда шавад. Сирри ба Неру додани ин мафкура дар он аст, ки англисҳо аз тарафи Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ ба мустамликаҳои худ дар Шарқи Дур ва тамоми Осиё эҳсоси хатар намудаанд. Зеро аз як тараф Иттиҳоди шӯравӣ аҳолии мамлакатро ба раҳоӣ ёфтан аз зери юғи мустамликадорӣ тарғиб кард, ки хусусан ҳодисаи Индонезия мисоли равшани он буд ва аз тарафи дигар Амрико ба Англия фишор овард, ки мустамликаҳояшро истиқлолият диҳад. Баъдтар тавассути қарз ва фиристодани мутахассисон Англияро ба ин кор маҷбур сохт. Англия аз қадим мафкураи истиқлолиятро дар иваз намудани услуби мустамликадорӣ ба кор мебарад. Аз ин рӯ, баъзе мустамликаҳояшро мустақил гардонда ба давлат табдил дод ва аз онҳо Иттиҳоди Британияро ташкил намуд. Ба мафкураи истиқлолият чандон аҳамияти калон надод, балки онро маъқул шуморида, пайравӣ кард. Зеро хуб медонист, ки ба воситаи он мустамликадориро таҳким бахшидан мумкин аст. Лекин боз метарсид,

ки Амрико тавассути қарзҳо, кӯмакҳо ва мутахассисон ба давлатҳои мустақил ҳукмрон мегардад. Аз ин рӯ, бо мақсади муқовимат бар зидди Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ мафкураи нейтралитети эҷобиро бофт ва ба Неру тақдим кард. Неру онро дар амал татбиқ намуда, ба дараҷаи диққатҷалбкунанда фаъолият бурд. Иттиҳоди шӯравӣ аз сирри ин мафкура воқиф шуд. Барои ҳамин мафкураи мазкурро маъқул шуморид ва кӯшиш намуд, ки аз он истифода барад. Зеро бетараф будани як давлати мустақил маънои онро дошт, ки барои ҷудо кардани вай аз Ғарб умед пайдо шудааст. Сиёсатмадорони Амрико дар ин бора фикрҳои гуногун доштанд. Баъзе бо чунин эътибор онро маъқул медонистанд, ки барои тӯҳфа ва қарз додан ба давлатҳои мустақил имкон фароҳам меорад. Баъзеи дигар бо эътибори пайдо шудани имкони вуруди коммунизм ба ин давлатҳо зидди он бaромаданд. Ба ҳар ҳол Неру ба нейтралитети эҷобӣ даъват кард. Барои муҷассам гардонидани он дар корҳои моддӣ бо Хитой алоқа барқарор сохт, аз вай хост, ки анҷумани давлатҳои бетарафро ташкил намояд. Хитой ба ин дархост зуд розӣ шуд. Комиссияи тадорукоти анҷуман таъсис ёфт. Комиссия бо баъзе давлатҳое, ки аз мустамликадорӣ озод ва мустақил гаштаанд, пайваст шуда, онҳоро ба нейтралитети эҷобӣ даъват намуд. Индонезия ҳам узви комиссия ба ҳисоб мерафт. Он вақт ҳанӯз бо Амрико ҳамроҳ нашуда буд. Боз хавфе вуҷуд дошт, ки мабодо ин кор ба тарафи коммунизм гузаштан ҳисоб наёбад. Индонезия чун хост ба фикри Амрико шинос шавад, дид, ки раиси ҳукумат Эйзенхауэр мафкураи бетарафиро маъқул дониста истодааст. Сипас вай ба ин кор машғул шуд ва таклиф кард, ки анҷуман дар Бандунг (Индонезия) баргузор гардад. Комиссия ба ин таклиф розӣ шуд. Анҷуман соли 1954 дар Бандунг доир гардид. Ҳам Иттиҳоди шӯравӣ, ҳам Хитой, ҳам Англия ва ҳам Амрико кӯшиш карданд, ки аз он истифода баранд. Анҷуман қарорҳое баровард, ки ба озодӣ даъват мекард. Аз ин Иттиҳоди шӯравӣ, Хитой ва Амрико хушҳол шуданд, аммо Англия ғамгин буд. Зеро вай мехост, ки фақат нейтралитети эҷобӣ мавриди муҳокима қарор гирад ё масъалаи нейтралитети эҷобӣ масъалаи озодиро саркӯб намояд. Илова бар ин, Амрико аз анҷуман басо самарабахш истифода бурд. Ҳам Тито, ҳам Сукарно, ҳам Абдунносир анҷуман ва мафкураро хуш пазируфта, ба муаллифи ҳақиқии мафкура агенти Британия Неру ҳамроҳ шуданд ва ин корро дар даъват ба озодшавӣ аз мустамликадорӣ ва ҳамла ба давлатҳои мустамликадор ҳамчун васила истифода бурданд. Тамоми қувваи худро якуминдараҷа ба Африқо сафарбар намуданд. Бо фарорасии соли 1960 таъсири мафкураи мазкур дар Африқо ба назар расид. Амрико дар он ҷо агентҳои худро дошт. Аз ҳамон рӯз мубориза ба Африқо кӯч баст. Амрико барои берун рондани давлатҳои мустамликадор аз Африқо ва ишғол кардани ҷои онҳо кӯшиши ҷиддӣ ба харҷ дод. Давлатҳои мустамликадорро зери фишор гирифт, то ки ба мустамликаҳо истиқлолият бидиҳанд. Пештар аз он соли 1954 хост оташи шӯришро дар сазоир барафрӯзад. Дар он ҷо низ агентҳо ёфт

шуданд, Миср ва кишварҳои араб шӯришро дастгирӣ карданд. Ин шӯриш дар дасткашии давлатҳои мустамликадор аз мустамликаҳои худ таъсири басо калон дошт. Вале Англия маънои мафҳуми истиқлолият доданро медонист. Барои ҳамин ба якчанд мустамликаҳо истиқлолияти кӯтоҳмуддат дод. Дар натиҷа Занзибар, Танганйика, Нигерия, Уганда, Родезияи Шимолӣ, Родезияи сунубӣ, Нисланд ва давлатҳои дигар пайдо шуданд. Фаронса каме дудила шуд. Де Голл, ки бо суръати баланд тағйир ёфтани вазъияти ҷаҳонро дид, аз Англия пайравӣ намуда, ба якчанд давлатҳо истиқлолият дод. Дар натиҷа Марокаш, Тунис, сазоир, Сенегал, Габон ва давлатҳои дигар пайдо шуданд. Белгия Конгоро мустамлика карда буд. Конго хазинаи Африқо ба ҳисоб мерафт. Дар он ҷо ба миқдори калон моддаи уран, ки дар истеҳсоли бомбаҳои ядровӣ кор фармуда мешавад, мавҷуд буд. Барои ҳамин истиқлолияти Конго бо осонӣ амалӣ нагашт. Махсусан ширкатҳое, ки аз шахтаҳои Катанга – яке аз вилоятҳои Конго баҳра мебурданд, дар зери итоати Англия қарор доштанд. Хуллас, ба Конго истиқлолият додан муаммои калонро ба вуҷуд меовард. Вале Амрико ба Белгия сахт фишор овард ва Белгия маҷбур шуд, ки ба Конго истиқлолият диҳад. Ҳамин тавр, Конго низ ба давлати мустақил табдил ёфт. Ин ҳодиса барои Англия зарбаи сахти рӯҳӣ овард. Ба агенти худ Моис Чомбӣ фармуд, ки истиқлолияти Катангаро эълон кунад. Амрико ин масъаларо ба СММ ҳавол намуд. Дар натиҷа барои баргардонидани Катанга қувваи байналхалқӣ фиристода шуд. Саркотиби ҳамонвақтаи СММ Гомер Шултс аз кор рафт. Англия фитна ташкил дода, ӯро ба қатл расонид. Ҳамин тавр, муборизаи миёни Амрико-Англия шакли тезутунд гирифт. Ин мубориза то замоне, ки Амрико кишварро ба даст дароварда, давлати ба худ мутеъро барпо кард ва Чомбиро берун ронд, якчанд сол идома ёфт. Дар натиҷа масъалаи Конго, гарчи ба муддати андак бошад ҳам, ором шуд. Дар ин муддат Англия аз Родезияи Шимолӣ, Родезияи санубӣ ва Нисланд ба ташвиш афтода, иттиҳодро пароканда сохт. Нисландро истиқлолият дода, ба он Малавӣ ном гузоштанд. Ба Родезияи Шимолӣ низ истиқлолият доданд ва он номи Замбияро гирифт. Аммо нисбат ба Родезияи санубӣ кӯшиш кард, ки онро дар вазъияти таъминкунандаи мавҷудияти мустамликадорӣ нигоҳ дорад. Вақте ки Амрико аз идомаи таъқиб бознаистод, баъдтар ба Родезияи санубӣ низ истиқлолият дод ва он Зимбабве номида шуд. Амрико тавонист, ки давлатҳои атрофи кӯлҳои бузург: Уганда, Руанда ва Бурундиро аз дасти Фаронса гирад. Вале дар охири солҳои навадум дар гирифтани Чад ноком гашт. Зеро қувваҳои агенти Фаронса Идрис Дабӣ ба қувваҳои Ҳусайн Хибрӣ ғолиб омаданд. Ҳусайн Хибрӣ дар хусуси ба тарафи кӣ гузаштан дудила буд. Аввал тарафдори Фаронса буд, сипас Амрико ӯро ба худ моил кард. Дар натиҷа Фаронса агенти худ Идрис Дабиро дастгирӣ намуда, имкон дод, ки ҳукуматро ишғол намояд.

Полковник Идрис Дабӣ аз одамони Хибрӣ ва ҳампаймони пурзӯри ӯ

буд. То моҳи апрели соли 1989 вазифаи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Чадро ба ӯҳда дошт. Айнан ҳамин полковник соли 1983 дар ҷангҳои Фяларгу ба қувваҳои Хибрӣ фармондеҳӣ карда, қӯшуни Либияро аз Чад берун ронда буд. Вақте ки моҳи апрели соли 1989 аз вазифа сабукдӯш гардид, ихтилофҳои қабилагароӣ Дабиро водор сохт, ки ба ҳаракати инқилобии нокоми ҳампаймони худ Ҳасан сомус ҳамроҳ шавад. Сипас ба Судон фирор карда, ҳаракати миллии озодибахшро ташкил кард. Бо ду қабила: Зағова ва Ҳиҷора, ки бо президент Хибрӣ мухолифат доштанд, иттифоқ баст. Ин қабилаҳо дар минтақаҳои сарҳади Чад-Судон ҷойгир шудаанд. Полковник Дабӣ бо Фаронса низ алоқаи пурзӯр дошт. Зеро ӯ дастпарварди муассисаи ҳарбии Фаронса мебошад, соли 1958 дар мактаби ҳарбии Париж таҳсил гирифтааст. Аз ин рӯ, ғалабаи Дабӣ бар Хибрӣ, агар Фаронса ба ин восита садди роҳи нуфузи сарҳадношиноси Амрико шуда, зимоми ташаббусро аз нав ба даст гирад, шикаст хӯрдани нуфузи Амрико ва пурзӯршавии нуфузи Фаронса ба ҳисоб меравад.

Дар ИМА роҳбарони нав ба сари ҳокимият омада, барои истилои қитъаи Африқо ба татбиқи услубҳои нав шурӯъ карданд. Фақат бо афрӯхтани ҷангҳои маҳаллӣ, эҷоди муаммоҳо, дастгирии ҳаракатҳои исёнгарона, ба ин васила маҳв намудани агентҳои давлатҳои Аврупо ва ба сари ҳокимият овардани агентҳои Амрико қаноатбахш нашуда, ба ҳолати сиёсати идораи корҳои мудофиавӣ ва хориҷии Африқо бевосита мудохилаи ҳарбӣ карданд.

Бо зудӣ дар зери номи мубориза бар зидди терроризм бо якчанд давлати Африқои Шимолӣ, Ғарбӣ ва Марказӣ муносибатҳоро ба роҳ монда, созишнома баст. Ин чиз маънои онро дорад, ки мудохилаи бевоситаи ҳарбии Амрико дар муборизаи оянда барои қитъаи Африқо нақши асосиро мебозад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки Африқоро ояндаи мудҳиш дар пеш аст. Амрико барои дастгирии ҳаракатҳои исёнгарона дар қисми шимолӣ, ғарбӣ ва марказии Африқо базаҳои ҳарбӣ бунёд кард ва карда истодааст. Мақсад аз ин тавассути фишороварӣ ба ҳукуматҳои маҳаллӣ аз минтақа берун рондани давлатҳои Аврупо, хусусан Англия мебошад. Вале азбаски Аврупо дар Африқо манфиатҳои зиёд дорад, марҳилаи навбатӣ хунин ва ҳалокатовар хоҳад шуд. Махсусан дар ин минтақа ғайр аз манфиати моддӣ ва талоши сарватҳои табиӣ ягон чизи дигар эътибор надорад. Хуллас, мубориза дар Африқо муборизаи миёни давлатҳои мустамликадор мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи он масъалаи байналхалқӣ аст. Он ҳамоно ҳамчун масъалаи байналхалқӣ боқӣ мемонад.

Ҳамин тавр, мубориза дар болои қитъаи Африқо дар байни давлатҳои калон аз солҳои 60-уми асри XX авҷ гирифт. Ғайр аз нуфузи давлатҳои мустамликадори Аврупо нуфузи Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ ба вуҷуд омад. Иттиҳоди шӯравӣ, азбаски нотавон буд ва мероси қадимаи мустамликадорӣ надошт, ба тарк кардани қитъа маҷбур шуд. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта Анголаро тарк кард. Инчунин давлатҳои хурди

Аврупо низ минтақаро тарк намуданд. Ғайр аз Британия ва Фаронса ягон давлат намонд. Ин ду давлат дар зери номи «Иттиҳоди Британия» ва «Франкофонияи Фаронса» нуфузи худро нигоҳ доштанд. Амрико барои азхуд кардани Африқо бо онҳо ба мубориза беамон пардохт. Ин чиз Британия ва Фаронсаро водор сохт, ки мавқеъҳои худро мутаносиб гардонида, барои вазирони корҳои хориҷӣ ба давлатҳои гуногуни қитъаи Африқо ташрифҳои муштарак ташкил диҳанд. Муборизаи қитъаи Африқо дар байни ин се давлат ҳамоно идома дорад, ки дар беш аз бист ҷангҳои шаҳрвандӣ инъикос ёфтааст. Назаррастарини онҳо дар Сиерра-Леоне, Либерия, соҳили Устухони Фил (Кот д'Ивуар), Сомалӣ, Уганда, Конго, Руанда, Брундӣ ва Судон ба вуқӯъ пайваст.

Ин қитъаи тирабахт аз касофати муборизаҳои мустамликадорӣ ба задухӯрдҳои хунину мусаллаҳона гирифтор шуд. Шумораи онҳо дар солҳои охир ба 26 адад расид. Дар онҳо беш аз сӣ давлат иштирок карданд. сангҳои қасдан ташкилшуда дар афзудани қарзи қитъа ба 370 миллиард доллар саҳм гузошт. Ин 65%-и даромади умумии миллии қитъаро ташкил медиҳад. Дар ҳаҷдаҳ давлат беш аз 30 миллион мина хобонда шуд. Ин аз миқдори чоряки минаҳое, ки дар тамоми ҷаҳон хобонда шудаанд, зиёд аст.

Қобили зикр аст, ки муборизаи миёни давлатҳои мустамликадор барои қитъаи Африқо гоҳо дар созишномаҳо ифода меёбад. Масалан, Амрико ва Британия созиш кардаанд, ки қисми ҷанубии Судон аз қисми шимолии он ҷудо карда шавад. Инчунин дар бораи соҳили Устухони Фил Амрико бо Фаронса созишнома бастааст. Лекин аздусар рақобати иқтисодӣ ва сиёсӣ нишонаи асосии миёни ин давлатҳо мебошад. Ҳамин тавр, мубориза дар болои мустамликаҳо ба Африқо кӯчид ва масъалаи вай ба масъалаи байналхалқӣ табдил ёфт. Масъалаи мазкур ҳанӯз байналхалқӣ мебошад. Зеро гарчи Англия, Амрико ва Фаронса аввал дар зери номи «Анҷумани Африқо», баъдтар дар зери номи «Иттиҳоди Африқо» ба муттаҳидсозии тамоми минтақа созиш карда бошанд ҳам, мубориза дар дохили ин анҷуман ва иттиҳод, махсусан дар байни Амрико ва Англия қатъ нашудааст. Вақте ки ба лагерҳои шарқӣ ва ғарбӣ тақсим шудани ҷаҳон ва берун кардани давлатҳои Аврупо, хусусан Англия аз мустамликаҳояшон ба охир расид, Иёлоти муттаҳида дар зери номи мубориза бар зидди терроризм ба давлатҳои Африқо дохил шуд. Мақсад ин буд, ки бо қӯшуни маҳаллӣ алоқа барқарор намояд, ҳам дар қисмати шимолӣ, ҳам дар қисмати ғарбӣ ва ҳам дар қисмати маркази он базаҳои ҳарбӣ бунёд кунад ва ба ин васила ҳаракатҳои исёнгаронаро дастгирӣ намуда, барои берун рондани тамоми давлатҳои Аврупо, хусусан Англия ба ҳукуматҳои маҳаллӣ фишор оварад. Азбаски манфиатҳои Аврупо дар Африқо зиёд мебошад, марҳилаи оянда бар хилофи пешина хунин ва бешафқатона хоҳад шуд. Чунки дар Африқо ғайр аз манфиати моддӣ ва сарватҳои табиӣ ягон чизи дигар эътибор надорад.

Хуллас, масъалаи Африқо масъалаи байналхалқӣ мебошад. Масъалаҳои бузург, ки корҳои сиёсиро дар худ муҷассам мекунанд, ҳамин аст. Сухани мазкур маънои онро надорад, ки корҳои сиёсӣ танҳо дар ҳамин масъалаҳо муҷассам мешаванд. Фақат гуфтан мехоҳем, ки ҳамин масъалаҳо ҷиҳатҳои назаррастарини мубориза миёни давлатҳоро ташкил медиҳанд.
Муборизаи миёни давлатҳо дар ҳолати сулҳ бо воситаи корҳои сиёсӣ ба амал меояд. Эҳтимоли ҳамроҳ шудани корҳои ҳарбӣ низ вуҷуд дорад. Масалан, корҳои ҳарбӣ, гарчи дар Ветнам, ба наздикӣ дар Шарқи Авсат, Қувайт, Ироқ ва Афғонистон рух дода бошад ҳам, дар гузашта дар Африқо, Родезия, Африқои санубӣ ва алҳол дар Тунис ва Лубнон рух надод. Аз рӯи он ки ин мубориза бо сабаби муаммоҳо рух медиҳад ва шаш муаммои мазкур аз масъалаҳои муҳимтарин аст, ки боиси задухӯрдҳои миёни давлатҳо мегардад, онҳоро ба корҳои сиёсӣ ба тариқи мисол овардем. Аслан корҳои сиёсӣ бе ин муаммоҳо ва бе ин мубориза низ воқеъ мешаванд. Модом давлатҳои калоне, ки бо якдигар рақобат варзида, найранг ба кор мебаранд, мавҷуд бошанд, бар зидди якдигар корҳои сиёсиро анҷом додани онҳо ногузир аст. Мақсад аз корҳои сиёсӣ метавонад дом гузоштан барои давлатҳои дигар ё заиф гардонидани онҳо ё пурзӯркунии иқтидори худ ва ё чизи дигар бошад. Мисолҳои ин хеле зиёданд. Масалан, ғояи беяроқшавиро гирем. Вақте ки ин фикр ба Лигаи миллатҳо дароварда шуд, Англия онро ҳамчун воситаи заифгардонии Фаронса ба кор бурд. Барои иҷро кардани ин ғояҳо ба вай фишор овард ва худро чунон нишон дод, ки гӯё силоҳҳояшро кам мекунад. Фаронса бовар кард ва дарҳол силоҳҳояшро амалан кам карда, фаъолияти мусаллаҳшавиро маҳдуд сохт. Ин найранги Англия буд, ки нисбат ба Фаронса ва Олмон ба кор бурдааст. Барои ҳамин дар ҷанги дуюми ҷаҳон Фаронса ба муқовимати Олмон тоб оварда натавониста, бо зудӣ ва шармандавор таслим шуд. Дар ин кор қабули ғояи камкунии мусаллаҳшавӣ таъсир дошт.
Боз як мисоли дигар. Иттиҳоди шӯравӣ ҳангоми ҷанги дуюми ҷаҳон дар Хитой фаъолият бурда, Ҳизби мустаҳками коммунистиро таъсис дод ва дар ишғоли ҳокимияти Хитой онро дастгирӣ намуд. Амрико ҳокимияти мавҷударо дастгирӣ мекард. Сипас ба дастгирии Чан Кай Шӣ шурӯъ кард. Ӯро сараввал ба коммунистҳо шарик кард, ки ҳатто ба як қувваи онҳо табдил ёфт. Дар натиҷа коммунистҳо вазн пайдо карданд. Сипас аз ӯ ҷудо шуда, бар муқобилаш ба ҷанг пардохтанд. Амрико, гарчи зоҳиран Чан Кай Широ дастгирӣ намуда, ба ӯ ба миқдори муайян аз мол ва силоҳ мадад карда бошад ҳам, пинҳонӣ Ҳизби коммунистиро дастгирӣ намуда, фаъолияти Чан Кай Широ маҳдуд месохт. Ин иқдоми махфӣ ва дар айни вақт мутамарказшуда боиси ғалабаи коммунистҳо ва ишғоли ҳокимияти Хитой аз тарафи онҳо гардид. Онҳо Чан Кай Широ ба ҷазираи Формоза (Тайвани имрӯза) бадарға намуданд. Чан Кай Шӣ аз мулоҳизаи ин кор тааҷҷуб мекард. Аз тасаввур берун буд, ки Амрико барои ба давлати коммунистӣ табдил

додани Хитой кор бурда бошад. Кори мазкур нодонӣ ва вазъиятро дарк карда натавонистани Амрико ба ҳисоб рафт. Вале дере нагузашта аён гардид, ки Амрико барои ба давлати коммунистӣ табдил додани Хитой нақша кашидааст. Мақсад аз ин бар зидди Иттиҳоди шӯравӣ гузоштани Хитой ва пароканда сохтани лагери коммунистӣ буд. Нақшаи Амрико, гарчи баъд аз бист сол бошад ҳам, комёб гашт. Ҳамин кори сиёсиест, ки Амрико ба анҷом расонидааст. Ин аз домҳои бузург ба ҳисоб меравад, ки дорои аҳамияти байналхалқӣ мебошад. Боз як мисоли дигар. Аврупо ба таҳдиди Иттиҳоди шӯравӣ дучор гашта, аз ҷанги дуюми ҷаҳон хонавайрону қашшоқ баромад ва худро ба оғӯши Амрико партофт. Ба Амрико зориву тавалло кард, ки кӯмак расонад. Амрико дарҳол ба вай дасти ёрӣ дароз карда, нақшаи Маршалро кашид. Ҳамин тавр, кӯмакҳои Амрико ба сӯи Аврупо ҷорӣ шуданд, ки аз ашё, силоҳ ва мутахассисон оид ба иқтисод иборат буданд. Бо воситаи онҳо ба ширкатҳо шарикон низ ворид гаштанд. Зиёиёнро тарғиб намуданд, ки ба Амрико ҳиҷрат кунанд. Иқтисоди Аврупо бо иқтисоди Амрико зич вобаста шуд. Дере нагузашта Аврупо ба Амрико тобеъ гашта, ба зери дасти вай даромад. Иқтисодиёти Аврупо ба мулки ширкатҳои Амрико табдил ёфт. Пас ба Аврупо кӯмак додани Амрико доме буд, то онро ба пайрав худ табдил дода, аз зиёиёнаш маҳрум созад ва дар иқтисодиёташ шарик шавад. Боз як мисоли дигар. Олмон аз ҷанги дуюми ҷаҳон маҷрӯҳ ва бо саноати вайрон баромад. Амрико дарҳол ба вай дасти ёрӣ дароз кард. Амрико дар барпокунии саноатҳои давлатҳо нуқтаи муҳимро басо хуб медонист: Ҳар гуна давлат, то саноати ҳарбиро асоси саноати худ табдил надиҳад, давлати саноатии бо маънои байналхалқӣ шуда наметавонад. Агар Олмон ба ҳамин асос ба саноат баргардад, муқаррар буд, ки бо зудӣ аз нав ба давлати калон табдил ёбад. Барои ҳамин Амрико аз Олмон пешдастӣ намуда, барои саноати вай як барнома қабул кард. Аз рӯи барнома, саноати Олмон на бар асоси ҳарбӣ, балки бар асоси иқтисодӣ, на бар асоси саноати ҳарбӣ, балки бар асоси ривоҷёбӣ бунёд карда шуд. Бинобар ин, ширкатҳои Амрико ба Олмон ворид шуданд ва саноат бо пули Амрико барпо гашт. Дар натиҷа Олмон ҳамчун давлати ҳарбӣ ба зарба дучор шуд. Дар Олмон корхонаҳои бузург қад рост карда, аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба давраи пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон ҳам бойтар гашт. Ба ҷаҳон чунон намоён шуд, ки гӯё вай саноаташро бо суръати басо баланд аз нав барқарор кардааст. Аммо аслан Олмон бо ин саноат ба решаи худ теша зада буд. Модом ки вай дар соҳаи саноат таҷдиди назар накунад, куллан онро решакан ва аз нав бар асоси саноати ҳарбӣ бунёд насозад, ҳеҷ гоҳ ба по хеста наметавонад. Модом ки ширкатҳои Амрико ва маблағҳои Амрико аз мамлакат берун карда нашаванд, ҳеҷ гоҳ иқтисоди Олмон ривоҷ намеёбад. Пас ин кӯмаки Амрико ба Олмон кори сиёсӣ буда, аз домҳои дорои аҳамияти байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Бале, ин кӯмак, ба ҷои он ки аз дасти Олмон бигирад, вайро ба чоҳ тела дод. Боз як мисоли дигар. Роҳбари Куба Кастро бо лагери коммунистӣ

пайваст шуда, аз Иттиҳоди шӯравӣ ёрӣ хост, ҳол он ки доктринаи Монро тамоми давлатҳоро аз андешаи ҳуҷум бар зидди Амрико манъ мекард. Вақте ки Иттиҳоди шӯравӣ ба Кастро аз ҷиҳати силоҳ ёрӣ дод, Амрико сукут варзид. Ҳол он ки ин кор аз рӯи урфи байналхалқӣ дахолати бевоситаи мусаллаҳона ба Амрико буд. Сабаби сукути Амрико на аз тарс ё надонистани мавқеи ҷуғрофии Куба, балки найранге буд, ки Иттиҳоди шӯравиро ба «олами нав» равон кард. Дар натиҷа майдони Иттиҳоди шӯравӣ то андозае вусъат меёфт, ки ҳимояаш имконнопазир мегардид ва ба ин васила мавқеи вай заиф гашта, ба ғанимати Амрико табдил меёфт. Барои ҳамин бештари сиёсатмадорон, ҳатто баъзе сиёсатмадорони рус низ кори Иттиҳоди шӯравиро дар Куба иқдоми аҳмақона донистанд. Агар «Созишномаи Вена» дар байни ин ду гигант намебуд, ба Амрико даст дароз кардани Иттиҳоди шӯравӣ балои сараш мешуд.

Гуфтан нодуруст аст, ки «Амрико аз ин безобита гашт, агар русҳо ба ақл омада, мушакҳои ядровии худро аз Куба баргардонда намебурданд, ба сар задани ҷанг каме монда буд». Зеро таҳдиди Кеннедӣ ба Русия бо сабаби мушакҳои Куба ва онҳоро баргашта бурдани Хрушёв амалиёти сохта буд, ки ҳар ду тараф созиш кардаанд. Зеро барҳам додани базаи ядровии Амрико дар Туркия ва базаи ядровии Куба аз ҷумлаи иттиҳоди миёни Хрушёв ва Кеннедӣ буд. Амрико базаи худро дар Туркия бемалол барҳам дода метавонист ва Туркия аз ин таъсир намегирифт. Ин кор дар байни Туркия ва Амрико якдигарнофаҳмиро ба вуҷуд намеовард. Аммо барҳам додани базаи ядровӣ дар Куба бо хоҳиши Русия маънои онро дошт, ки Русия аз мудофиаи Куба даст мекашад. Ин чиз тамоми давлатҳои коммунистӣ, хусусан Кубаро безобита мекард ва дар байни Русияву Куба якдигарнофаҳмиро ба вуҷуд меовард. Барои барҳам додани база, ба тарзе ки ба муносибатҳои Иттиҳоди шӯравӣ бо дигар давлатҳои коммунистӣ таъсир нарасонад, як услуб зарур буд. Аз ин рӯ, Амрико тавассути ба вуҷуд овардани тезутундии байналхалқӣ бо равиши сунъӣ ба барҳам додани база созиш кард. Кеннедӣ барои ин услуб фурсати ба манфиати худ муносибро муайян намуд. Амрико вақте дид, ки Англия барои ба Яман дохил шудан дар Адан ва Байхон бар зидди қӯшуни Миср қувва ҷамъ меоварад, амалан бо қӯшуни Миср бархӯрда, мехоҳад ба он ҷо аз Байхон истода ҳуҷум кунад, масъалаи мушакҳои ядровии Кубаро бардошта, тезутундии байналхалқиро ба вуҷуд овард. Ҳатто Англия ва Фаронса аз сар задани ҷанги ҷаҳонӣ тарсиданд. Ҳамон вақт Англия аз мудохила ба Яман худдорӣ кард. Хрушёв гуфт, ки агар Амрико базаи худро дар Туркия барҳам диҳад, ӯ низ ба барҳам додани базаи худ омода аст. Ҳамин тавр, худро чунон нишон дод, ки гӯё ақибнишинӣ мекунад. Кеннедӣ низ худро чунон нишон дод, ки ин масъаларо баррасӣ мекунад ва ниҳоят базаи ядровӣ дар Туркия барҳам дода шуд. Воқеи масъала ҳамин аст. Ин нақшае буд, ки барои тарсондани Англия ва худсафедкунии Иттиҳоди шӯравӣ доир ба барҳам додани базаи ҳарбии Куба ҳамчун

восита хизмат кард. Далели он ки сукути Амрико ба бунёди базаи ҳарбии Иттиҳоди шӯравӣ дар Куба як найранг ва доми байналхалқӣ мебошад, ҳодисаест, ки баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон ҳангоми шӯриш бардоштани коммунистҳо дар Юнон рух додааст. Тито Сталинро таклиф кард, ки бар зидди Юнон ба Югославия дохил шавад ва дар Юнон давлати коммунистӣ бунёд карда, вайро ба лагери коммунистӣ ҳамроҳ созад. Вале Сталин дар ин таклиф хавфро пай бурда, ба Тито кушоду равшан гуфт: «Магар ту мехоҳӣ, ки мо бар зидди давлати пурзӯртарин ва бойтарини ҷаҳон дар баҳри Миёназамин база бунёд кунем?! Оё мо ин базаро ҳимоя карда метавонем? Он чӣ аз дастамон меояд, ҳамагӣ ба Амрико каме ташвиш меорем. Барои аз дасти Амрико гирифтани Юнон ба мо роҳ нест. Мо ҳеҷ гоҳ дар хусуси ин гуна корҳо андеша намекунем».

Боз як мисоли дигар. Гитлер дар ҷанги дуюми ҷаҳон тарсид, ки Туркия аз тарафи Англия, яъне ҳампаймонон ба ҷанг медарояд. Ӯ медонист, ки гурӯҳи ҳукмрони Мустафо Камол дар Туркия бо номи «Ҳизби халқӣ» ҷонибдори англисҳо ҳастанд ва бартарияти онҳоро эътироф мекунанд, бинобар ин, барои англисҳо аз тарафи худашон ба ҷанг даровардани Туркия осон буд. Барои ҳамин аз ҷанги Туркия бар зидди Олмон хавф бурда, бетараф гузоштани онро хост. Зеро бар зидди Олмон ба ҷанг даромадани Туркия аз се ҷиҳат зарар дошт. Якум: халқи Туркия халқи шуҷоъ ва аз англисҳо, французҳо ва русҳо далертар аст. Аз тарафи ҳампаймонон ба ҷанг даромадани онҳо қувваи вазндореро ба вуҷуд меоварад. Дуюм: халқи турк мусулмон буда, ба ҷанг даромадани онҳо хоҳ араб бошанд, хоҳ дигар дарёфтҳои тамоми мусулмононро бар зидди Олмон бармеангехт. Ин ба ташвиқоти умумиҷаҳонӣ таъсир мерасонид. Сеюм: Туркия дар ҷои стратегии мумтоз воқеъ аст. Агар вай бетараф мемонд, ҳисори фронти ҷониби шимолӣ-ғарбӣ шуда, ба Аврупо даромадани ҳампаймононро пешгирӣ мекард. Ҳамин тавр, вазифаи сипареро ба ҷо меовард, ки аз ҳуҷуми ақиб ҳимоя мекунад. Барои ҳамин Гитлер ба бетараф мондани Туркия ҳарис буд. Маккортарин шахс Франс фон Папенро ба вазифаи сафири Олмон дар Туркия таъин кард, то ки ӯ дар бораи бетараф гузоштани Туркия ва пешгирии ба ҷанг даромадани вай аз тарафи ҳампаймонон супоришро иҷро кунад. Зеро умед набуд, ки Туркия бар зидди ҳампаймонон ба ҷанг дарояд. Гитлерро кафолати ба ҷанг надаромадани Туркия аз тарафи ҳампаймонон бар зидди Олмон ба андеша водор месохт. Барои адои ин вазифа яке аз шахсони моҳиртаринро фиристод. Вале ӯ барои пинҳон кардани мақсади худ ба Фон Папен дар бораи ҷалб кардани Туркия ба тарафи Олмон ва қаноатманд гардонидани он ба ҷанги зидди ҳампаймонон аз тарафи Олмон супориш дод. Аз ин рӯ, ҳампаймонон низ ба бетараф мондани Туркия ҳарис шуданд. Сафирони онҳо бо ин кор ҷиддӣ сару кор гирифтанд. Фон Папен худро чунон нишон дод, ки гӯё Туркияро ба тарафи Олмон моил мекунад. Дар натиҷа ҳампаймонон

ба бетараф мондани Туркия исрор намуданд. Гитлер бо сабаби ҳамин бозии сиёсӣ ва маҳорати Фон Папен дар давоми тамоми ҷанг ба бетараф мондани Туркия муваффақ шуд. Ҳол он ки ба ҳампаймонон осон буд, ки Туркияро ба тарафи худ моил сохта, бо воситаи вай бар зидди Олмон ҳуҷум кунанд. Лекин онҳо аз кушода шудани ин фронт тарсида, ба он даст назаданд. Ин гуна кори сиёсӣ аз зумраи корҳоест, ки дар ҳолати ҷанг дорои қувваи таъсир мебошад. Мисолҳои корҳои сиёсии байналхалқӣ, ки дар муборизаи байналхалқӣ ва ҳаёти байналхалқӣ давлатҳо бар зидди якдигар ҳамчун дом, коҳиш додани қувваи дигарон ва найрангҳои сиёсӣ ба кор мебаранд, ҳамин аст. Умуман ин корҳо, чунон ки дар ҳаёти байналхалқӣ вомехӯранд, инчунин дар муборизае, ки дар шаш масъалаи мазкур ифода меёбад, мавҷуд аст. Онҳо одатан бо як нуқта дар байни ду давлат ва давлатҳои рақобаткунанда маҳдуд мешаванд. Агар онҳо ба тарзи умумӣ ба амал оянд, таъсири байналхалқиашон боз ҳам меафзоянд. Бинобар ин, сиёсатмадор фақат бо масъалаҳои муҳим ва корҳои сиёсии онҳо маҳдуд нашуда, бояд назари равшан афканад ва ҳар як кори сиёсиро, ки аз тарафи ҳар як давлати калон содир мегардад, мушоҳида намояд. Эътиборро ба он нигаронидан лозим аст, ки сиёсатмадор ҳангоми баррасии корҳои сиёсӣ аз умумият ва мавҳумият худдорӣ кунад. Ҳар як корро бо шароитҳои худ бипайвандад. Онҳоро дар ҳоли ҷудогона баррасӣ накунад. Мавзӯъро умумӣ нагардонад. Як кори конкретро ба корҳои дигар муқоиса накунад. Корҳоро мантиқан ба танзим даровар да, хулосаҳои мантиқӣ набарорад. Барои сиёсатмадор мантиқ ва қиёс хатарноктарин чиз аст. Барои ҳамин сиёсатмадор бояд аз онҳо худдорӣ намояд. Чунки корҳои ҳаёт гуногунанд ва ба якдигар шабоҳат надоранд. Ҳар як кор шароитҳои худро дорад. Барои ҳамин ӯ бояд корро бо маълумотҳои сиёсие, ки ба ҳамон кор тааллуқ дорад, бипайвандад ва дар шароитҳои худ баррасӣ кунад. Танҳо ҳамон вақт онро дурусттар дарк карда метавонад. Мисолҳои ин зиёданд. Ҳодисаҳои ҳаррӯза, ки дар ҳаёти байналхалқӣ дар корҳои сиёсии давлатҳои калон рух медиҳанд, пур аз мисолҳоянд, ки ба сиёсати давлат, вазъияти байналхалқӣ ё вазъияти давлатҳо вобаста ва дорои шароитҳои хоса будани ҳар як корро нишон медиҳад. Моҳи апрели соли 1969 Кореяи Шимолӣ дар Шарқи Дур тайёраи разведкавии Амрикоро зада афтонд. Амрико ба шӯр омада, маҷлиси амнияти миллиро ҷамъ овард. Президент Никсон маълум сохт, ки ИМА барои тайёра нияти интиқом гирифтан надорад. Ҳамагӣ минбаъд тайёраҳои ҷосусӣ ва киштиҳои ҷосусӣ бо таҷҳизоте, ки онҳоро аз ҳуҷуми берунӣ ҳимоя мекунад, таъмин гардиданд. Ҳол он ки Кореяи Шимолӣ соли 1968 киштии ҷосусиро асир гирифта буд. Амрико ба шӯр омада, маҷлиси амнияти миллиро ҷамъ оварда буд. Президент сонсон бо таҳдид гуфт, ки флоти ҳафтуми уқёнуси Оромро ба сӯи Корея сафарбар мекунад. Амрико вақте дид, ки таҳдид ва асабоният ба кор намеравад, роҳи музокираву нармиро пеш гирифт ва экипаҷи киштӣ озод карда шуд. Ин ду ҳодиса аз як навъ аст. Дар ҳар ду

ҳодиса давлати хурди мисли Корея ба давлати калони мисли ИМА зиддият нишон дод, тайёраро зада афтонд, экипаҷи онро кушт ва экипаҷи киштиро асир гирифт. Пас чаро нисбат ба ин ду ҳодиса мавқеъ гуногун буд? Магар бо сабаби шахсҳо? Шояд. Ё бо сабаби самара надодани таҳдид? Шояд. Аниқтараш, шароит ҳангоми воқеаи киштӣ оддӣ ё нимоддӣ буд. Хитой ба инқилоби сақофӣ саргармӣ дошт. Барои ҳамин аз эҳтимол дур буд, ки таҳдид ба хатар барад. Аммо шароит ҳангоми воқеаи тайёра ғайриоддӣ буд. Чунки Иттиҳоди шӯравӣ қувваҳои ҳавоӣ ва хушкигарди калонро дар миёнаҷои Аврупо ва қувваҳои баҳриро дар баҳри Миёназамин ҷамъ меовард. Хитой аз инқилоби сақофӣ фориғ шуда, кӯшиш мекард, ки худро ба ҷаҳон нишон диҳад, бинобар ин, бо Иттиҳоди шӯравӣ бархӯрд дошт. Агар Никсон ба Корея таҳдид мекард, ба ӯ раддия додани Хитой аз эҳтимол дур набуд. Ин чиз боиси афзудани тезутундӣ ва задухӯрд мегардид. Англия низ аз ин чиз барои ташвиқоти зидди лагери шарқӣ ҳамчун васила истифода бурда метавонист. Аз ин рӯ, таҳдид ва асабоният нишон надодани Амрико дурусттар буд. Сабаби сукути Никсон низ дар ҳамин аст. Азбаски шароити ин ду кор гуногунанд, иҷрои онҳо низ бояд гуногун бошад.

Масалан, Никсон баробари расидан ба мансаби президентӣ зуд ба Аврупо ташриф овард. Ӯ даъво кард, ки қабл аз баргаштан ба назди ҳампаймонон ва аз рӯи масъалаи Шарқи Авсат бо Иттиҳоди шӯравӣ алоқаманд шудан фикри онҳоро донистан хостааст. Агар шароитҳои дигари ба сабаб муносиб вуҷуд намедоштанд, ба сухани ӯ бовар кардан мумкин буд. Амиқтар назар афганем, маълум мегардад, ки Англия барои дар атрофи худ муттаҳид сохтани давлатҳои Аврупо оид ба масъалаи Шарқи Авсат бо онҳо алоқа баст. Мақсад аз алоқаи мазкур ин буд, ки мабодо бар зидди лагери шарқӣ ҷанги ҷаҳонӣ сар занад, барои аз ҷониби Англия бар зидди Русия ҷангидан онҳоро розӣ созад. Ин вазъияти басо хатарнок аст. Айнан барои ҳамин Никсон баробари ишғоли мансаби президентӣ ба давлатҳои Аврупо ташриф овард. Мақсад онҳоро аз Англия ҷудо кардан буд.

Боз як мисоли дигар. Иттиҳоди шӯравӣ дар охирҳои соли 1968 ба Чехославакия ҳуҷум кард. Ғайр аз Руминия тамоми аъзоёни дигари Иттиҳоди Варшава дар он ширкат варзиданд. Қӯшуни иттиҳод бо баҳонаи ҳимояи коммунизм, давлати коммунистӣ ва Ҳизби коммунистӣ аз таҷовузи эҳтимолии Ғарб ба Чехославакия ворид гардид. Эҳтимол ин баҳона воқеият дошт. Аммо вазъиятҳое, ки дар он ҳодиса рух дод, ҳам аз Ҳизби коммунистӣ ва ҳам аз муҳофизати коммунизм муҳимтар буданд. Махсусан, агар ҳаминро ба ҳисоб гирем, ки дар ин кор ғайр аз кӯшиши роҳбарони Ҳизби коммунистӣ барои талқин намудани коммунизм чизи дигар вуҷуд надорад, вазъият аз он ҳам хатарноктар буд. Пас аз мушоҳидаи амиқи шароитҳо, маълум мегардад, ки флоти Русия (Иттиҳоди шӯравӣ) дар соҳилҳои Миср аз тарафи Англия ба таҳдид дучор шуда буд. Чунки Англия қувваҳои худро дар баҳри

Миёназамин ҷамъ меовард ва ба Миср ҳуҷум кардани Исроил низ аз эҳтимол дур набуд. Дар натиҷа Иттиҳоди шӯравӣ маҷбур мешуд, ки бо баҳонаи ҳимояи коммунизм ба он дахолат намояд. Он гоҳ Англия имкон пайдо мекард, ки барои зарба задан ба Иттиҳоди шӯравӣ силоҳ ба даст гирад. Аз ин рӯ, омодагӣ барои ҷанг ва омода сохтани қувваҳои ёридиҳанда зарур буд.

Дар ҳолати ҷанг фиристодани қувваҳои ёридиҳанда аз Иттиҳоди шӯравӣ тавассути Гибралтар илова ба дурии роҳ кори ғайриимкон буд. Бинобар ин дар ягон нуқтаи ба Миср наздики баҳри Миёназамин дарича кушодан лозим омад. Бо ҳамин мақсад Иттиҳоди шӯравӣ 2 миллион аскар, 3 ҳазор тайёра ва силоҳҳои ядровиро дар Аврупои Марказӣ ҷамъ овард. Аъзоёни Иттиҳоди Варшаваро барои ширкат варзидан дар ҷанг омода сохт. Барои ба Англия хавф пайдо кардан бо миқдори калони қувва ба Чехославакия, ки дар маркази Аврупо ҷойгир гаштааст, ошкоро ворид шуд. Мақсад аз ин, агар дар байни Иттиҳоди шӯравӣ ва Англия ҷанг сар занад, бо убур аз хоки Югославия ва Албания ба баҳри Миёназамин баромадан буд. Мақсад аз вуруд ба Чехославакия, гарчи бо баҳонаи муҳофизати давлати коммунистӣ бошад ҳам, таҳдид ба Англия, омодагӣ ба ҷанг ва ба ҷанг барангехтани Иттиҳоди Варшава буд.

Корҳои сиёсиро бо ҳамин тарз ба асли худ мепайванданд, ба тарозуи шароитҳои худ мегузоранд, на дар аоси рӯзи гузашта, балки айнан дар асоси рӯзи рух додани воқеа мефаҳманд. Дигаргунӣ ва пешравиҳое, ки дар як рӯз, ҳатто дар як соат ба амал меоянд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Фард набояд як соат ва ё якчанд дақиқа аз замона ақиб монад, балки бо замона баробар қадам занад. Ба корҳо аз рӯи лаҳзаи охирини он баҳо диҳад.

Воқеи масъалаҳои бузурги ҷаҳон ҳамин аст. Воқеи давлатҳои калон, ки ба сиёсати байналхалқӣ таъсир мерасонанд, ҳамин аст. Ба асли худ пайвастани корҳои сиёсӣ, ба тарозуи шароити худ гузоштани онҳо, шаклу шамоили баҳогузории ҳодисаҳои зудтағйирёбанда ва ҳаракаткунанда аз рӯи рӯзи воқеъшавӣ ва ҳатто соати воқеъшавӣ ҳамин аст.

Воқеан, аз рӯзе ки давлатҳои калон дар олам ба ҳукмронӣ пардохтаанд, дунё аз дасти онҳо ба бадбахтӣ рӯ овардааст. Олам аз дасти «оилаи байналхалқӣ» ва «ҷомеаи байналхалқӣ», ки онҳо ба вуҷуд овардаанд, гирифтори бадбахтӣ гаштааст. Аз рӯзе ки мабдаи капиталистӣ пайдо шуд, аз дасти мустамликадорӣ алами бадбахтӣ мекашад. Модом ки хурофоти «ҷомеаи байналхалқӣ» ва «оилаи байналхалқӣ» вуҷуд дорад, модом ки давлатҳои калон барои дунё ва ҳукмронии он бо ҳам талош мекунанд, модом ки мустамликадорӣ, ҳарчанд шаклу шамоилаш тағйир ёбад ҳам, зинда аст, бадбахтии олам идома меёбад. Барои ислоҳи он ҳалли се муаммо, аниқтараш, бартараф намудани се омил шарт аст: хурофоти оилаи байналхалқӣ, ҳукмронии давлатҳои калон, мустамликадорӣ ва монополия.

Оилаи байналхалқӣ аслан бар асоси нодуруст, яъне бар асоси оилаи давлатҳои насронии Аврупои Ғарбӣ барпо шудааст. Мақсад аз таъсиси он ташкил намудани лагере буд, ки бар зидди Давлати Ислом муқовимат кунад. Минбаъд давлатҳои насронии Аврупои Шарқӣ ба вай ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷа ба оилаи давлатҳои насронии Аврупо табдил ёфт. Аз асри XVI, яъне аз вақте ки Давлати Ислом дорои қувваи Аврупоро торуморсозанда гашт, то нисфи дуюми асри XIX, яъне то соли 1856, ки он гоҳ Давлати Ислом заиф ва «бемор» шуд, ҳолат ҳамин тавр идома ёфт. Сипас дар хусуси тақсим намудани мулки Давлати Ислом забоняккунӣ оғоз шуд. Дар муддати тахминан се аср оилаи байналхалқӣ маънои «оилаи насронӣ» ва «адоват нисбат ба Давлати Ислом»-ро дошт.

Вай, гарчанд фақат оилаи давлатҳои насронӣ ва ба давлатҳои насронии Аврупо хос буда, давлатҳои ғайринасрониро аъзо намегирифт, худро «оилаи байналхалқӣ» ва «ҷомеаи байналхалқӣ» меномид. Сифати «байналхалқӣ»-ро ба танҳоӣ соҳибӣ мекард. Муҳокимаи корҳои байналхалқиро танҳо пеш мебурд ва дигаронро намегузошт ба он дахолат намоянд. Агар лоақал худро «оилаи насронӣ» ва ҷамоае бар зидди Ислом меномид, шояд аз тоқат берун намебуд. Лекин онҳо ба худ сифати байналхалқӣ дода, кӯшиш намуданд, ки ин сифатро абадӣ

гардонанд. Мафҳуми оилаи байналхалқӣ дар асоси давлатҳои насронӣ муайян карда шуд.
Ин оила ҳар чизеро кори байналхалқӣ ва масъалаи байналхалқӣ медонист, ҳамон чиз кори байналхалқӣ ва масъалаи байналхалқӣ ба ҳисоб мерафт. Барои танзим ва абадигардонии он қоидаҳои анъанавӣ тартиб дода шуданд. Минбаъд онҳоро қонуни байналхалқӣ номиданд. Ба созишномаҳои байни давлатҳои насронӣ, ба расму оинҳои ҷамоаҳои насронӣ такя намуда, қоидаҳо эҷод карданд. Онҳоро ба қоидаҳои байналхалқӣ ва баъдтар ба қонуни байналхалқӣ табдил доданд. Пас оилаи байналхалқӣ аслан бар асоси оилаи байналхалқии насронии Аврупо бунёд шудааст. Қонуни байналхалқӣ аслан созишномаҳои давлатҳои насронӣ ва расму оинҳои ҷамоаҳои насронии Аврупо мебошад. Фақат ба давлатҳои Аврупо додани номи оилаи байналхалқӣ сохтакорӣ ва гумроҳсозӣ аст. Чунки олам фақат аз оилаи байналхалқии Аврупо иборат нест. Фақат ба расму оин ва созишномаҳои давлатҳои насронӣ додани номи қонуни байналхалқӣ фиреб ва қаллобӣ мебошад. Зеро фикрҳое, ки ба қонуни байналхалқӣ муносибанд, нафақат расму оин ва созишномаҳои давлатҳои насронӣ, балки маҷмӯаи расму оин ва созишномаҳои тамоми ҷамоаҳои ҷаҳон мебошад. Бинобар ин ҳам асоси мафҳуми оилаи байналхалқӣ ва ҳам асоси мафҳуми қонуни байналхалқӣ хатост. Агар ин давлатҳо давлатҳои дигари ҷаҳонро эътироф менамуданд, корро ҳаллу фасл кардан мумкин буд. Лекин воқеъ нишон медиҳад, ки онҳо ғайр аз худ ҳеҷ касро эътироф намекарданд, ғайр аз насронӣ ягон каси дигарро ҳамроҳ намегирифтанд. Нимаи дуюми асри XIX баъзе давлатҳои ғайринасрониро низ ба оилаи байналхалқӣ пазируфтанд. Дар ин ҳолат низ ғайр аз қоидаҳои анъанавӣ, ки бар асоси давлатҳои насронии Аврупо будан тартиб додаанд, чизи дигарро напазируфтанд. Бинобар ин ба Давлати Усмонӣ шарт гузоштанд, ки дар корҳои байналхалқӣ Исломро ҳакам накунад. Фақат ҳамон вақт ба қабули узвияти вай розӣ шуданд, ки ин шартро пазируфта, қоидаҳои анъанавии давлатҳои насронии Аврупоро риоя кард. Пас ин оила, гарчи ба қабули узвияти баъзе давлатҳо розӣ бошад ҳам, дар муносибатҳои байналхалқӣ ҷуз расму оин ва қоидаҳои худ чизи дигарро мутлақо роҳ намедод. Ин ҳолат то анҷоми ҷанги якуми ҷаҳон ва сарнагуншавии Давлати Ислом идома ёфт. Акнун душмане, ки сабабгори пайдоиши оилаи байналхалқӣ ва қоидаҳои байналхалқӣ шуда буд, сарнагун гашт, пас ислоҳ кардани он низ мумкин буд. Вале кор бар хилофи ин сурат гирифт. Ин давлатҳо асоси оилаи байналхалқӣ ва қоидаҳои байналхалқиро маҳкам доштанд. Барои таъсиси як созмони байналхалқӣ, ки оилаи байналхалқиро таҷассум мекард, мувофиқат намуданд. Созмони мазкур мебоист аз они давлатҳои муайян бошад, на ба таври умумӣ аз они ҳамаи давлатҳо. Ба узвияти он баъзе давлатҳои ғайринасронӣ ва давлатҳои берун аз Аврупо пазируфта шуданд. Лекин аздусар ҷуз қоидаҳои анъанавии давлатҳои насронии Аврупо қабул карда нашуд. Расму оин ва фикрҳои давлатҳои

дигарро ба эътибор нагирифтанд. Илова бар ин, оилаи байналхалқӣ маънои «давлатҳои насронии Аврупо»-ро дошт ва давлатҳое, ки ба Лигаи миллатҳо шомил ҳастанд, ба оилаи насронии байналхалқӣ пазируфта шудаанд. Сипас СММ таъсис ёфт. Сараввал давлатҳои насронӣ ва давлатҳои мутеи онҳо, ки бар зидди Олмон ба ҷанг даромада буданд, ба узвияти ин созмон даровaрда шуданд. Лекин Амрико бо мақсади вусъати нуфузи худ дар ҷаҳон ва ба зери даст гирифтани он узвияти СММ-ро васеъ гардонида, ба тамоми давлатҳо имкон дод, ки аъзо шаванд. Бо вуҷуди ин, Амрико ва дигар давлатҳои насронӣ нагузоштанд, ки ба қонуни байналхалқӣ ва низомномаи СММ ягон қоидаи бегона ворид гардад. Қоидаҳои давлатҳои насронӣ ҳамчун асоси қонуни байналхалқӣ боқӣ монданд. Қонуни байналхалқӣ айнан низоми СММ мебошад. Ҳатто лагери шарқӣ таҳти роҳбарии Русия, гарчи ақидаи зиддикапиталистӣ ва зидди қоидаҳои давлатҳои насронӣ, яъне ақидаи коммунистиро пазируфта бошад ҳам, натавонист, ки ягон банди низоми байналхалқиро тағйир диҳад ва ё ягон фикри худро даровaрад. Барои ҳамин ба тамоми ҷамоаҳои дунё фақат қоидаҳои анъанавии давлатҳои насронӣ ё давлатҳои капиталистӣ ҳукмрон гашт. Расму оин ва фикрҳои давлатҳои дигар ба инобат гирифта нашуд. Айни вақт маънои оилаи байналхалқӣ, гарчи ба узвияти он давлатҳои зиёд пазируфта шудааст, воқеан ба оилаи давлатҳои насронӣ, ба таври дигар гӯем, ба оилаи давлатҳои капиталистӣ табдил ёфт. Пас бояд мафҳуми оилаи байналхалқӣ ва қонуни байналхалқӣ аз нав баррасӣ карда шавад. Минбаъд низ иҷрои қонуни байналхалқиро аз рӯи ҳамон анъанае, ки ба қонуни байналхалқӣ табдил ёфтааст, ба омили маънавӣ ҳавола накарданд, ки ин ба болои сӯхта намакоб буд. Баръакс онро ба тамоми давлатҳо хоҳ пазируфта бошанду хоҳ на бо қувваи силоҳ ҷорӣ гардонданд. Давлатҳои калон дар гузашта худро созмони ҳомии амният ва тартиби ҷомеаи байналхалқӣ ҳисобида, бо шунидани андак садои халалдорсозандаи сулҳ ва вайронкунандаи тартиб ба корҳои давлатҳои дигар дахолат менамуданд. Фақат қуввaву тавони давлат ва пойдорӣ дар баробари давлатҳои калон онҳоро аз мудохила боздошта метавонист. Ин мудохила, дурусттараш, маҷбурияти иҷрои қоидаҳои анъанавии онҳо вобаста ба пурзурӣ ва нотавонии ҳамон давлат амалӣ мегашт. Пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон ҳамаи давлатҳои насронии Аврупо дар якҷоягӣ ё алоҳида худро пулиси байналхалқии низоми байналхалқии ҷаҳонро иҷрокунанда меҳисобиданд. Ин ҳолат баъд аз таъсиси Лигаи миллатҳо низ идома ёфт. Вақте ки СММ таъсис ёфт, давлатҳои капиталистӣ худро пулиси байналхалқие, ки низом ва қонуни ҷаҳонро иҷро мекунад, муайян намуданд. Амрико ва Британия соли 1958 ба Шарқи Авсат мудохила намуданд, қӯшуни Амрико дар Лубнон ва қӯшуни Британия дар Урдун ҷойгир карда шуд, соли 2003 Ироқро истило намуданд, ки мисоли гуфтаҳои боло мебошад. Ин кори басо қабеҳ аст. Олам аз дасти оилаи байналхалқӣ ва қонуни байналхалқии мувофиқи фаҳмиши Аврупо ба чӣ мусибатҳое гирифтор гаштааст. Пас барои раҳонидани

олам аз бадбахтӣ ин масъаларо ҳал кардан зарур мебошад. Акнун дар бораи ҳалли ин масъала таваққуф менамоем. Агар дар ҷомеаи байналхалқӣ ҷамоаи байналхалқиро ба вуҷуд овардан зарур бошад, ба ҷомеаи оддӣ қиёс накардани ҷомеаи байналхалқӣ лозим аст. сомеаи оддӣ бояд вуҷуде дошта бошад, ки шикоятҳоро қабул кунад, даъвоҳоро баррасӣ намояд ва носозиҳоро бартараф созад. Барои ҳамин ҳар як ҷомеа бояд давлат, роҳбар, қонун ва қувваи татбиқкунандаи онро дошта бошад. сомеаи байналхалқӣ на аз шахсҳо, балки аз маҷмӯаҳое иборат аст, ки бо ҳам муносибат доранд. Ҳар як маҷмӯа дорои ҳуқуқи истиқлолият ва интихоби мутлақ аст. Ҳар гуна маҷбурияти хориҷӣ нисбат ба он маънои аз истиқлолият маҳрум сохтанро дорад. Ин айнан ғуломист, ки дар мустамликадорӣ ва зӯроварӣ ифода меёбад. Манъ намудани ин маҷмӯа ё ин давлат аз иҷрои қарори худ завлона задан, аз кор баровардан ва ношоям кардани он ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ба вуҷуд омадани як қувва дар болои маҷмӯаҳо ҳамчун ҳокимият монанди ҳокимияти маҷмӯа ғайриимкон аст. Ба таври дигар гӯем, мумкин нест, ки ҷомеаи байналхалқӣ ҳамчун маҷмӯаи ягона дар зери ҳокимияте қарор гирад, ки ваколати идораи корҳоро доро бошад. Яъне ба вуҷуд омадани як давлати оламшумул, ки ба якчанд давлат ҳукмронӣ мекунад, ғайриимкон аст. Мавҷуд будани давлати оламшумул, ки аз болои якчанд маҷмӯа ҳуқуқи идора карданро дорад, ҷоиз нест. Балки маҷмӯаҳо бояд ҳамчун маҷмӯаҳое боқӣ монанд, ки дорои ҳуқуқи вуҷуд, идора ва интихоб бошанд. Мабодо аз маҷмӯаҳои мазкур ҷамоаи байналхалқӣ таъсис додан шарт гардад, вай набояд давлати оламшумул бошад. Ин ҷамоа бояд аз тарафи хоҳишмандон ба таври ихтиёрӣ таъсис дода шавад. Вай набояд аз тарафи як давлати муайян, ки пиндорҳои муайян ё қувваи аз дигарон волотар дорад, балки аз тарафи тамоми хоҳишмандон ба таври ихтиёрӣ таъсис ёбад. Дар ин кор пиндор, қувва ва нуфузи онҳо ба эътибор гирифта намешавад. Ба давлате, ки ҳангоми таъсис ёфтан иштирок накардааст, дар вақти дилхоҳ ихтиёри ширкат дар ҷамоаи байналхалқӣ дода мешавад ва он мисли таъсисдиҳандагон ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро ба даст медарорад. Дар айни вақт ба ҳама ихтиёри дар вақти дилхоҳ тарк намудани ҷамоаи байналхалқӣ дода мешавад. Ба ҳеҷ кас қарор маҷбуран иҷро намегардад. Ҳамон вақт ҷамоаи ҳақиқии байналхалқӣ ба вуҷуд меояд, на созмони сохта, ки бо гумроҳсозӣ номи оилаи байналхалқиро гирифтааст ва давлати оламшумул, ки бо найранг номи СММ-ро гирифтааст. Мулоҳизаҳо дар бораи оила ҳамин аст. Агар ба ҷиҳати қонун таваққуф кардан хоҳем, мавҷудияти қонуни байналхалқӣ ҳам барои ҷамоаи байналхалқӣ ва ҳам барои давлатҳои ҷаҳон мумкин нест. Ҳамагӣ мавҷуд будани қонуни иҷроие мумкин аст, ки корҳои идории ҷамоаи байналхалқиро ба танзим медарорад ва услуби коргузориро нишон медиҳад. Ин қонун ҷоиз аст, ки фақат бо фикри аксарият бо равиши шартӣ қабул гардад ва аксарият аз рӯи воқеаву тақозои воқеа ба вай тағйирот дароварад.

Ҳам мавҷудият ва ҳам тартиб додани қонуни байналхалқӣ ҷоиз нест. Чунки қонун фармони ҳоким аст. На давлати ҷаҳонӣ ва на ҳокими ҷаҳонӣ вуҷуд дорад. Чунки ин амри маҳол аст. Мавҷудияти он маънои ҷангҳо ва задухӯрдҳои хунинро дорад. Барои ҳамин мавҷуд будани давлати ҷаҳонӣ ё салтанати ҷаҳонӣ дуруст нест. Пас қонуни байналхалқӣ мавҷуд нест ва тартиб дода намешавад. Ин се сабаб дорад. Якум: қонун фармони ҳоким аст. Ҳам тамоми давлатҳои ҷаҳон ва ҳам ҷомеаи байналхалқӣ ҳокими ягона надоранд. Пас қонуни байналхалқӣ як чизи ношуданӣ аст. Дуюм: иҷрои қонун воҷиб аст. Барои ин ҳокимият лозим аст. Мавҷудияти ҳокимияти оламшумул, ки ба тамоми давлатҳои ҷаҳон фармонҳои худро бо зӯри қувва татбиқ мекунад, ғайриимкон аст. Чунки боиси ҷангҳо ва задухӯрдҳои хунин мегардад. Сеюм: қонун муносибатҳоро ба танзим медарорад. Муносибатҳои байналхалқӣ дар байни маҷмӯаҳо ба тарзи ихтиёрӣ ба амал меояд. Ду ё якчанд давлат муносибатҳои худро аз рӯи манфиатҳо ва ихтиёри худ ба тартиб медароранд. Ин муносибат аз муносибатҳои миёни як, ду ё якчанд давлати дигар фарқ мекунад. Омиле, ки муносибатҳоро ба танзим медарорад, қонун нест, балки созишномаҳо мебошад. Муносибатҳо дар амал фақат бо созишномаҳо ба тартиб медароянд. Пас қонуни байналхалқӣ, ки муносибатҳои тамоми давлатҳоро ба танзим медарорад, мавҷуд буда наметавонад. Мавҷуд будани ин гуна қонун мумкин ҳам нест.

Ҳатто бештари мардуми Ғарб мавҷудияти қонуни умумии байналхалқӣ ва риояи он аз тарафи давлатҳо ва маҷбуран татбиқ шудани онро инкор мекунанд. Аз пайдоиши фикри қонуни байналхалқӣ дар байни қонуншиносони Ғарб дар хусуси моҳияти он ихтилоф сар зад. Аксарият ба қувваи маҷбуркунандаи вай бо шубҳа нигаристанд. Масалан, Кант ва Гегел дар Олмон, Гоббс ва Остин дар Англия, инчунин пайравони онҳо мавҷудияти қонуни умумии байналхалқиро рад намуданд. Аксари қонуншиносони Ғарб ба ҳамин фикр омаданд. Ҳатто тарафдорони мавҷудияти қонуни байналхалқӣ мегӯянд, ки он набояд ҳамчун қонуни иҷрояш воҷиб, балки ҳамчун меъёри ахлоқӣ, ки риоянакунанда ба ҳеҷ гуна ҷавобгарии қонунӣ кашида намешавад, мавҷуд бошад. Ҳатто эзоҳи касоне, ки барои шарҳи мазмуни қонунияти қонуни байналхалқӣ баҳона меоваранд, ба мавҷуд набудани қонуни байналхалқӣ ва ҳамагӣ ба мавҷудияти урфи байналхалқӣ далолат мекунад. Аз ин рӯ, дар байни мутафаккирони Ғарб тарафдорони мавҷудияти қонуни умумии байналхалқӣ ақаллиятро ташкил медиҳанд. Ғайр аз мавҷудияти урфи байналхалқӣ исботи қонуни дигари байналхалқӣ амри маҳол аст.

Дуруст, урфҳое мавҷуданд, ки дар байни маҷмӯаҳо ба онҳо созиш карда шудааст. Урфи умумие, ки аз қадим дар байни тамоми маҷмӯаҳо мавҷуд буд, аз ҳамин ҷумла мебошад. Масалан, накуштани сафири давлати дигар ва эҳтиёт кардани консулҳо. Инчунин урфи хусусие, ки дар байни маҷмӯаҳои муайян мавҷуд буд, аз ҷумлаи ҳамин аст.

Масалан, одати арабҳо ин буд, ки ҳеҷ касро аз зиёрати Байтулҳаром бознамедоштанд. Дар мавҷудияти ин урфҳо шубҳа нест. Лекин онҳо на қонун, балки ҳамагӣ меъёрҳое мебошанд ва бо сабаби ҳодисаҳои муайян, ки аз тарафи ҳама ё баъзе маҷмӯаҳо такрор ёфтааст, бо равиши шартӣ пазируфта шудаанд. Бинобар ин, урфи байналхалқӣ мавҷуд аст, аммо мавҷудияти қонуни умумии байналхалқӣ ягон асос надорад. Агар масъалаи ба мардум бо қувва ва маҷбуран татбиқ кардани қонуни байналхалқиро дида бароем, ин кор ғайриимкон аст. Чунки барои татбиқ ҳокимияти ҷаҳонӣ ва давлати ҷаҳонӣ лозим мешавад, ки ин амри маҳол аст. Ба вуҷуд омадани давлати ҷаҳонӣ кори имконнопазир аст. Агар ин кор аз тарафи ду ё якчанд давлат содир шавад, на иҷрои қонун, балки таҷовузкорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки яке аз ду ё якчанд давлат қонунро вайрон кунанд, дигарон қонунро маҷбуран бар вай татбиқ карда наметавонанд. Зеро ин маънои ҷангро дорад. Агар ҳар ду давлат ё якчанд давлат қонунро вайрон кунанд, кӣ ба онҳо қонунро татбиқ мекунад? Табиист, ки ҳеҷ кас. Чунки ин кор маънои ҷангро дорад. Агар ду ё якчанд давлат қонунро вайрон кунанд, кӣ ба онҳо қонунро татбиқ мекунад? Табиист, ки ҳеҷ кас. Хуллас, ба давлатҳои хурд ё нотавон татбиқ кардани қонуни байналхалқӣ аз тарафи давлатҳои пурқувват на татбиқи қонун, балки таҷовузкорӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин кушоду равшан аён мегардад, ки ба тамоми давлатҳо татбиқ кардани қонуни умумии байналхалқӣ аслан ғайриимкон аст. Фикри бо зӯри қувва татбиқ намудани қонуни байналхалқиро ҳатто ба хаёл овардан мумкин нест. Чунки он ғайр аз таҷовуз кори дигар нест. Аз ин ҳама аён мегардад, ки мавҷудияти қонуни байналхалқӣ моҳиятан мумкин нест. Фақат созишномаҳо доир ба муносибатҳои ҷангу сулҳ дар байни давлатҳо ва урфҳо доир ба ин созишномаҳо дар байни маҷмӯаҳо мавҷуд мебошаду бас. Бинобар ин, агар ба вуҷуд овардани ҷамоаи байналхалқӣ зарур гардад, он фақат дорои қонуни идорӣ мешавад. Кори вай мушоҳидаи урфҳои байналхалқӣ ва ҷараёни риояи онҳо мебошад. Масалан, созишномаҳои байналхалқӣ, тарзи бастан, иҷро ва таҳлили онҳо ба ҳамин ҷумла дохил мешавад. То ки тамоми урфҳои байналхалқӣ, яъне танҳо урфҳое гирифта шаванд, ки дар ҷомеаи байналхалқии ҷамоаи байналхалқиро ташкилдиҳанда пайдо шудаанд. Ин урфҳо аз қарорҳои давлатҳо пайдо намешаванд. Ин гуна кор хато ва басо зараровар аст. Онҳо бо сабаби риоя шудан аз тарафи давлатҳо ба вуҷуд меоянд. Яъне онҳо урфҳое ҳастанд, ки муддатҳои тӯлонӣ қабул шуда сахт реша гирифтаанд. Давлатҳо бар он ақидаанд, ки ба ин урфҳо бо такондиҳии омили дохилӣ амал кардан воҷиб аст. Ба он пайравӣ намудани давлатҳо маҳсули такрорёбии меъёр, тамоил ё пиндорест, ки ба урф табдил ёфтааст, зеро дар шакли шартӣ ба коре риоя намудани мардум онро ба урф табдил намедиҳад. Балки барои ба урф табдил ёфтан такроршавии ҳамон кор ногузир аст. самоаи байналхалқӣ ҳангоми назорати бархӯрд ва зиддиятҳое, ки аз ҷониби ташкилкунандагони ин ҷамоа содир мешавад, бояд ба урфи умумӣ

эътибор диҳад. Пас ҳангоми бартараф намудани бархӯрдҳои байналхалқӣ ба урфи байналхалқии дорои маънои ҳақиқӣ эътибор нигаронида мешавад. Урфи мазкури байналхалқӣ на бо ёрии қувва, балки тавассути афкори омма, яъне омили маънавӣ иҷро карда мешавад, зеро давлатҳои шомили ҷамоаи байналхалқӣ дар бораи ягон меъёр ё тамоил, то он даме ки ба урф табдил наёбад, урфи байналхалқӣ гуфта қарор бароварда наметавонанд. Агар қарор бароварда шавад, давлатҳои мазкур ба ин урф итоат намуданро ҳатмӣ медонанд. Бинобар ин, барои иҷрои он тавассути қувва ҳоҷат намемонад. Илова бар ин, қувваи афкори омма нисбат ба давлате, ки ба урф риоя накардааст, давлатҳоро аз маҷбурсозии моддӣ ва хориҷӣ бештар аз дохил ва дар шакли табиӣ водор месозад. Хавфи маҷмӯа аз танқиде, ки бо сабаби риоя накардан ба урфи умумӣ дучор мешавад, назар ба хавфи он аз иҷрои маҷбурӣ пуртаъсиртар мешавад. Аз ин рӯ, назорати иҷрои қарорҳои ҷамоа ба афкори омма, яъне омили маънавӣ вогузошта мешавад ва ин роҳи иҷрои вай мебошад.

Акнун дар бораи мусибатҳое, ки олам аз дасти давлатҳои калон мекашад, сухан меронем. Офати мазкур на аз сабаби бузургии давлатҳо, балки дар натиҷаи иттиҳоди ин давлатҳо дар роҳи тақсими манфиатҳо ба миён меояд. Сарчашмаи офат маҳз ҳамин иттиҳод аст. Бинобар ин, барои бартарафсозии офати мазкур на ба бузургии давлатҳо, балки ба иттиҳоди онҳо эътибор нигаронидан лозим аст. Иттиҳоди нахустини давлатҳои калон «Иттиҳоди муқаддас» буд. Ин иттиҳод бо мақсади тақсими манфиатҳо, мудофиаи тахти шоҳони муттаҳидшуда, хомӯшсозии ҳар гуна ҳаракати исёнгарона, ки бар зидди ин шоҳон ва корҳои мувофиқатнамудаи онҳо аланга мегирад, инчунин бо мақсади дахолат ба давлати дилхоҳи олам бо баҳонаи таҳдид ба осоиштагӣ ва сохтор таъсис дода шуд. Аз ин рӯ, иттиҳоди мазкур ҳам барои ҷаҳон ва ҳам барои худи Аврупо фалокате буд. Оре, халқҳои Аврупо қувваи таъсири онро шикастанд ва шӯришҳо бардошта, қарорҳои онро бекор карданд. Вале фикрати муттаҳидшавии давлатҳои калон дар роҳи тақсими манфиатҳо то ҳол бар олам ҳукмфармоӣ мекунад. Фаронса шӯриш бардошта, шоҳигариро сарнагун сохт ва ҷумҳурияти худро эълон кард. Белгия ба шӯр омада, аз Голландия ҷудо шуд ва ба истиқлол ноил гашт. Халқи немис ба давлатчаҳо тақсим шуда буд. Ин давлатчаҳоро барҳам дода, Олмони ягонаро бунёд кард. Ин ҳама корҳое буд, ки бар зидди иттиҳоди панҷ шоҳ анҷом дода шуд. Баъдан худи ин давлатҳои калон низомҳояшонро тағйир дода, ба фикрати иттиҳоди байналхалқӣ маҳкам чанг заданд. Айнан ҳамин омил боиси ҷанги якуми ҷаҳон ва ҷанги дуюми ҷаҳон гардид.

Оре, Амрико ва Иттиҳоди шӯравӣ бо ҳам иттиҳод баста, ду лагер, яъне лагери капиталистӣ ва лагери коммунистиро нест карданд ва хавфи ҷанги сеюми ҷаҳонро аз байн бурданд. Хрушёв ва Кеннедӣ соли 1961 дар Вена оид ба ин масъала созишнома ба имзо расониданд. Вале онҳо инро тавассути иттиҳоди нав амалӣ гардониданд. Аз ин рӯ, онҳо

фикрати муттаҳидшавии давлатҳои калонро ҳал накарданд. Баръакс иттиҳоди мазкурро тавассути иттиҳоди нав сӯи манфиатҳои худ равона сохта, хавфи наверо ба миён оварданд. Ин хавф аз тақсимшавии ҷаҳон дар байни ду гигант иборат буд. Хуллас, онҳо ба ҷои он ки иттиҳоди байналхалқиро бартараф созанд, онро мураккабтар гардонда, ба иттиҳоди мустаҳкам табдил доданд. Давлатҳои хурдро маҳрум сохтанд, ки дар ҳалли масъалаҳои худ аз иттиҳоди миёни ин ду давлат истифода баранд. Дар натиҷаи иттиҳоди ду давлати гигант барои сиёсати байналхалқӣ хавфи бузург пайдо шуд. Дар иттиҳоди кунунӣ давлати калони якум (ИМА) давлатҳои дигари иттиҳодро, дар навбати аввал, ба амалигардонии манфиатҳои худ сар хам мекунонад. Ҳамаи ғаниматҳо ё бештари онро худ мегирад ва барои аъзоҳои боқимондаи иттиҳод танҳо нонрезаҳоро мегузорад. Дар иттиҳоди байналхалқии ҷанги дуюми Халиҷ айнан ҳамин ҳолат рух дода буд. Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта Ироқ Қувайтро истило намуд. Сипас Амрико бар зидди он ҳуҷуми ваҳшиёна оғоз карда, қариб сӣ давлатро дар атрофи худ ҷамъ овард. Дар аввалҳои соли 2003 ҳангоми ҳуҷум ба Ироқ низ айнан ҳамин чиз рух дод. Амрико бо номи иттиҳодҳои гуногун қариб сӣ давлатро ҳамроҳи худ ба Ироқ даровард.

Дар ҳама ҳолат тамоми иттиҳодҳо ба арсаи байналхалқӣ бадкирдорӣ ва зӯровариро меорад. Бинобар ин, мафҳуми иттиҳоди байналхалқиро хоҳ он танҳо аз давлатҳои калон таъсис ёбад, хоҳ аз давлатҳои хурд ва калон бо зудӣ ҳал бояд кард.

Инак, муаммои мазкур бо кадом роҳ ҳал карда мешавад? Барои расидан ба мақсад ғайр аз пурра тағйир додани пиндорҳо роҳи дигаре вуҷуд надорад, зеро корҳои инсон дар ҳаёт мувофиқи пиндорҳои ӯ дар бораи ҳаёт ташаккул меёбад. Пас аввало пиндори халқҳои давлатҳои калонро дар бораи иттиҳоди байналхалқӣ тағйир додан лозим аст. Сипас ба нобудсозии иттиҳодҳои байналхалқӣ метавон шурӯъ намуд. Модом ки пиндори зерин тағйир дода нашавад, мусибатҳои ҷаҳон аз дасти давлатҳои калон идома меёбад. Натанҳо идома меёбад, балки бадтар мешавад. Роҳи тағйири пиндорҳо эҷоди афкори омма аст бар зидди иттиҳодҳо. Роҳи ягонаи ҳал ҳамин мебошад. Далели ин чунин аст: Дар асри XIX давлатҳои хурд ва калони Аврупо бо мустамлика намудани давлатҳои нотавон фахр мекарданд. Дар ин кор монанди девонаҳо мусобиқа менамуданд. Британия, Голландия, Олмон, Белгия, Фаронса, Испания – ҳамаи инҳо ба авҷи мустамликадорӣ расида буданд. Пас аз ҷанги якуми ҷаҳон дар Русия давлати коммунистӣ бунёд гашта, фикрати мубориза бар зидди мустамликадориро қабул кард. Бар зидди он ҳуҷуми пуршиддат оғоз намуда, халқҳои ҷаҳонро барангехт. Баробари ҷанги дуюми ҷаҳон дар олам бар зидди мустамликадорӣ афкори қатъии омма пайдо шуд. Аз ин рӯ, ба низомномаи СММ оид ба нобудсозии мустамликадорӣ дар ҷаҳон якчанд банд ворид карда шуд. Фикрати озодӣ интишор ёфт. Давлатҳои мустамликадор аз мустамликаҳои худ ақибнишинӣ карданд. Ҳамзамон дар зери фишори

афкори оммаи оламшумул маҷбур шуданд, ки ба халқҳои мустамликашуда озодӣ ва истиқлол диҳанд. Оре, баъзе давлатҳо бо ин фақат шакли мустамликадориро тағйир доданд. Вале ба ҳар ҳол афкори омма тавонист, ки нуқтаи назарро дар бораи мустамликадорӣ тағйир диҳад. Нисбат ба давлатҳои калон, аниқтараш, иттиҳоди давлатҳои калон низ айнан чунин ҳолат рух дод. Аз ин рӯ, халқҳое, ки аз сабаби иттиҳоди давлатҳои калон дучори мусибат ва балоҳо мегарданд, бояд бар зидди иттиҳоди давлатҳои калон бо тамоми имконият мубориза бурда, онро нобуд созанд. Вале барои тамоман нобуд сохтани ин пиндор давлати пурзӯр ва дорои чунин мафкура зарур аст. Азбаски давлатҳои калони имрӯза фикрати мазкурро бо мақсади истифода дар роҳи манфиатҳои худ аз ҳар ҷониб дастгирӣ менамоянд, халқҳои аз дасти онҳо заҳматкашида, то он даме ки давлати пурзӯреро бунёд накунанд, онро барҳам дода наметавонанд. Шояд Давлати Ислом ягона халоскоре гардад, ки инсониятро аз ин бало раҳо медиҳад. Акнун дар бораи тороҷи боигариҳои халқҳо ва таҳқири худи онҳо сухан меронем. Ҳарчанд ҷаҳон бар зидди ин кор қадамҳои назаррас гузоштааст, вале он ҳанӯз дар сафи якуми корҳое, ки халқҳои нотавонро азоб дода, ба амнияти маҳаллӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳдид меандозад, қарор дорад. Муаммои чандинсолаи Конго, ки то ҳол минтақаи мустамликадорӣ мебошад, инчунин ногувории вазъи кунунии Шарқи Авсат ба ҷуз намунаҳои таҳдиди мустамликадорӣ ба амният чизи дигар нест. Бинобар ин, ҳалли муаммои мустамликадорӣ ниҳоят зарур аст. Мустамликадорӣ қисми таркибии мабдаи капиталистӣ аст, боз ҳам дурусттараш, роҳи иҷрои мафкураи капитализм мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳалли қатъии вай бояд бар зидди мабдаи капиталистӣ мубориза бурда ва он сарнагун карда шавад. Барои ҳамин бояд тамоми ҳаракатҳо ба барҳамдиҳии мабдаи капиталистӣ сафарбар карда шаванд. Коммунизм барои бар зидди мабдаи капиталистӣ мубориза бурдан ва ҳалли мустамликадорӣ масофаи муайянро тай намуд. Вале мафкураи вай хато ва ҳаракатҳояш бетанзим буд. Бар зидди эътиқоди аз ҳаёт ҷудо кардани дин бо ақидаи инкишофи моддӣ баромад. Ин ақида хатост ва ба табиати инсон мувофиқ нест. Барои ҳамин ҷомеаҳои капиталистӣ онро қабул накарданд. Он ба тарзи зиндагии соҳибони мафкураи капитализм таъсир нарасонд. Зеро барои шахсе, ки ба инкишофи моддӣ (эволютсия) эътиқод мекунад, татбиқи мафкураи аз давлат ҷудо кардани дин зарар надорад. Зеро эътиқоди аз давлат ҷудо намудани динро ҳам эътирофкунандаи Офаридгор ва ҳам инкоркунандаи Офаридгор қабул мекунад. Чунки он на маънои боимонӣ ва на беимониро дорад, ҳамагӣ ба корҳои давлат омехта накардани динро мефаҳмонад. Ин чиз ба тарзи зиндагии шахсе, ки ба инкишофи моддӣ эътиқод мекунад, таъсир намерасонад. Барои ҳамин эътиқоди коммунистӣ ба ҷомеаҳои капиталистӣ таъсир расонида натавонист. Дар онҳо ҳеҷ гуна дигаргунӣ ба вуҷуд наомад. Зиддияти коммунизм ба капитализм бо фикрҳои Карл Маркс ва файласуфони коммунисти баъд аз ӯ оғоз ёфтааст. Шахсҳо ва

ҷамоаҳо ин фикрҳоро қабул кардаанд, вале ҳеҷ кадом мардуми соҳибтафаккур бо омӯхтан онро қабул накардааст. Илова бар ин, роҳи ташаккули он ҳамчун давлати коммунистӣ хато ва хаёлӣ буд. Азбаски вай муборизаи давлатро роҳе медонист, ки мебоист ба бедавлатӣ барад, хатост. Азбаски хост инқилоби умумиҷаҳониро ба вуҷуд биёрад, хаёлист. Хостанд, ки аз халқҳои саноаташ тараққикарда оғоз намуда, ба тамоми олам онро оммавӣ гардонанд. Барои ҳамин Ленин бо баҳонаи эзоҳ маҷбур шуд, ки ба вай амал накунад ва давлати коммунистиро дар Русия барпо кард. Ҳамон вақт Русия аз ҷиҳати саноат аз Аврупо ақибмонда буд. Бо гузашти муддати беш аз 30 сол пайравони Ленин бо калонтарин давлати мустамликадор Амрико, яъне бо мустамликадорӣ иттифоқ бастанд. Оқибат коммунизм батамом сарнагун гашт. Давлати асосии коммунистӣ аз байн рафт ва ғояҳояш низ барбод шуд. Аз ин рӯ, барои мубориза бар зидди капитализм ва барҳам додани мустамликадорӣ роҳи дигар ҷустан лозим аст. Фақат Ислом ба ин кор қодир аст. Танҳо вай чораи ягонаи барҳамдиҳии мустамликадорӣ ва сарнагунсозии капитализм мебошад. Барои ҳамин фикри умумиро дар хусуси коинот, инсон ва ҳаёт ба майдони музокираи умумиҷаҳонӣ бароварда, ба низомномаи ҷамоаи байналхалқӣ, ки бар асоси иҷрои ихтиёрии урфи байналхалқӣ бунёд шудааст, даровардан лозим аст. Муҳокимаи фикри умумӣ дар хусуси коинот, инсон ва ҳаёт дар миқёси умумиҷаҳонӣ пиндорҳоро тағйир медиҳад, хатоҳоро дуруст ва урфи байналхалқиро ислоҳ мекунад. Мустамликадорӣ нуқтаи назари муайян дар бораи ҳаёт аст. Модом ки ҳамин нуқтаи назар тағйир наёбад, вай ҳеҷ гоҳ барҳам намехӯрад. Дуруст, афкори оммаи байналхалқӣ, ки дар ҷаҳон бар зидди мустамликадорӣ ба вуҷуд омадааст, ба вай таъсир расонд. Вале онро барҳам дода ва заиф гардонида натавонист. Ҳамагӣ услуби мустамликадорӣ тағйир ёфт. Давлатҳои Африқо, Осиё ва Амрикои Лотинӣ, гарчи шаклан мустақил намоянд ҳам, ҳамоно мустамлика мебошанд. Ин мустамликаҳо фақат бо инқилобҳо ва ҷангҳои маҳалливу байналхалқӣ ба озодӣ мушарраф мегарданд. Модом ки давлатҳои калони ҷаҳон мустамликадориро ҳамчун мафкура қабул мекунанд, аз дилҳои онҳо баркандани ин мафкура – нуқтаи назар дар бораи ҳаёт ва аз байн бурдани мустамликадорӣ имконнопазир аст. Дуруст, бар зидди мустамликадорӣ бояд зиддияти моддӣ нишон дода шавад, афкори омма ҳамеша ба вай муқобилат кунад ва дар ин ҷода пайваста қувва сарф гардад. Вале ин ба танҳоӣ масъаларо ҳал намекунад. Барои ҳалли масъала бояд Ислом ҳамчун фикри куллӣ дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт дар миқёси умумиҷаҳонӣ ба майдони муҳокима кашида шуда, тамоми миллату халқҳо онро қабул кунанд ва дар байни тамоми давлатҳо, хусусан ҷамоаи байналхалқӣ татбиқ гардад. Чораи ягонаи барҳамдиҳии мустамликадорӣ ҳамин аст. Татбиқи амалии ин кор танҳо бо қад рост кардани Давлати абарқудрати Ислом дар майдони байналхалқӣ амалӣ мегардад.

Чунон ки дар боло гуфта гузаштем, ҳамин се чиз балоянд, ки оламро ба

бадбахтӣ дучор карда, садди роҳи саодати вай мегарданд. Вале бо ҳалли ин масъала ҷангҳову изтиробҳо, домҳои байналхалқиву найрангҳои сиёсӣ ва бозиҳои палидона барҳам намехӯрад. Ҳамагӣ ғафлати ҷамоие, ки барои бедоршавӣ имкон намедиҳад, барҳам мехӯрад. Мубориза дар байни давлатҳо табиист. Оташи ҷангро барафрӯхтани давлатҳо табиист. Манёврҳо ва ҳилаву найрангҳоро ба кор бурдани онҳо низ табиист. Вале онҳо корҳои ҷудогона ва доиравӣ мешаванд. Монанди ду ҷанги ҷаҳонии гузашта тамоми дунёро ба ҷанг намекашанд. Фикру хаёли давлатҳо чун имрӯза бо макидани хуни дигарон банд намешавад. Хусусиятҳои табиати инсон мисли ҳидоят ва залолат, некиву бадӣ, зебоӣ ва қабоҳат ҳамеша вуҷуд дорад. Вале чунон ки бо сабаби гурӯҳбандии давлатҳои калон, оилаи байналхалқӣ ва мафкураи мустамликадорӣ ба амал омад, бадӣ ҳама ҷоро фаро намегирад. Барои ҳамин ба бадие, ки тӯли асрҳо боз ба олам ситамро раво мебинад, барҳам додан лозим аст. Зарур аст, ки Давлати Хилофати Ислом, давлате, ки ба ин кор қодир аст, бунёд гардад.

Мумкин аст гуфта шавад, ки ба сиёсати дунё таъсир расондани шахсҳо, ҳатто ба самти давлатҳо таъсир расондани ҳизбҳо имконнопазир аст, зеро ин самт якчанд аср идома ёфта, реша давондааст. савоб ин аст: шахсҳо ё ҳизбҳо, вақте ки корҳои сиёсиро мушоҳида ва сиёсати байналхалқиро дарк менамоянд, аз ин кор на фоидаи ақливу гуногунии фикрӣ ё омӯзишу афзудани маълумот, балки сарварии дунё ва ба он таъсир расониданро қасд кунанд. Ба таври мухтасар гӯем, сиёсатмадориро мақсад кунанд. Сиёсатмадор, агарчи оқилтарини оқилон бошад ҳам, фоидаи ақлиро қасд накунад, агарчи мутафаккири барҷаста бошад ҳам, ба рангорангии фикрӣ майл накунад. Ӯ на барои оқил ё мутафаккир будан, балки аз рӯи сиёсатмадор будан сиёсатро омӯзад, мавқеи байналхалқӣ ва вазъияти байналхалқиро дарк кунад, сиёсати байналхалқиро мушоҳида намояд. Барои сарварии дунё, ба таври дигар гӯем, барои ба сиёсати байналхалқӣ таъсир расондан ҳаракат кунад. Аз тарафи дигар, ӯ ҳангоми ҳаракат худро танҳо тасаввур накунад, балки ҳамчун як ҷузъи уммат ва вуҷуди зинда дар дохили давлат бидонад. Ӯ, гарчи аз ҷумлаи шахсони дастгирикунанда ё иҷрокунандаи сиёсати давлат набошад ҳам, аз зумраи касонест, ки барои дастгирӣ ва иҷрои сиёсат кӯшиш ба харҷ медиҳад ё дастгирикунандагону иҷрокунандагонро муҳосаба мекунад. Ҳамин тавр, гарчи шахси танҳо бошад ҳам, ки ҳатто салоҳияти дастгирӣ ё иҷро карданро надорад, дар миқёси байналхалқӣ таъсир расонида метавонад. Дурусттараш, ӯ ва амсоли ӯ кӯшиш мекунанд, ки давлати худро ба мақоми ба сиёсати байналхалқӣ ва мавқеи байналхалқӣ таъсиррасонанда бардоранд. Аз ҳамин ҷо метавон донист, ки мақсад аз самараҳои пиндорҳои сиёсӣ чист. Мақсад ин аст, ки тавассути ба воя расонидани соҳибони хиради сиёсӣ, ки корҳои сиёсии дунёро дарк мекунанд, давлатро ба мақоми ба сиёсати байналхалқӣ ва аҳволи байналхалқӣ таъсиррасонанда бардорем. Бинобар ин, қадами нахустин дар таъсиррасонӣ ба сиёсати байналхалқӣ ва мавқеи байналхалқӣ сайқал додани пиндорҳои сиёсист. Хишти нахустини ин иморат такон

додани шахсҳо ба мушоҳидаи корҳои сиёсӣ ва дарк кардани сиёсати байналхалқӣ мебошад. Ба таври кӯтоҳ гӯем, ба воя расондани сиёсатмадорони сиёсати ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамон вақт ба сиёсати байналхалқӣ ва мавқеи байналхалқӣ таъсир расондани давлат бо равиши табиӣ пайдо мешавад. Аз ин ҷо аён мегардад, ки пиндорҳои сиёсӣ чӣ қадар заруранд ва чӣ қадар муҳиманд. Бояд гуфт, ки бе муносибатҳои байналхалқӣ ягон давлат ба мақоми байналхалқӣ намерасад. Шахс дар ҷомеа, то бо дигарон ба муносибат надарояд, мавқеи худро ёфта наметавонад. Мавқеи ӯ дар ҷомеа айнан аз рӯи ҳамин муносибатҳо ва қувваи таъсиррасонӣ ба алоқаҳои мардум муайян карда мешавад. Айнан монанди ҳамин давлат низ аз рӯи муносибатҳо бо давлатҳои дигар мавқеи худро меёбад. Обрӯи вай аз рӯи ҳамин муносибатҳо ва қувваи таъсиррасонӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ муайян карда мешавад. Давлати Ислом давлати мабдаӣ аст. Вазифаи асосии вай ба ҷаҳон расонидани даъвати Ислом мебошад. Пас вай бояд мақоми байналхалқӣ дошта бошад ва ба муносибатҳои байналхалқӣ таъсир расонад, боз ҳам дурусттараш, ин хусусият қисми таркибии вай аст. Барои ҳамин пиндорҳои сиёсатмадорони мусулмон набояд оид ба сиёсати маҳаллӣ ё минтақавӣ, балки оид ба сиёсати байналхалқӣ бошад. Ба таври дигар гӯем, сиёсатмадори мусулмон ба сиёсат на аз ҷиҳати маҳаллӣ ё минтақавӣ, балки аз ҷиҳати байналхалқӣ эътибор диҳад ва онро аз рӯи ҳамин ҷиҳат дарк кунад. Хуллас, барои Давлати Ислом шудани давлат онҳо бояд соҳиби хиради сиёсии мукаммал бошанд. Мусулмон будани онҳо ва вазифаи асосии онҳо – ба ҷаҳон расонидани даъвати Ислом тақозо мекунад, ки онҳо соҳиби хиради сиёсӣ бошанд ва ин хиради сиёсӣ мукаммал бошад.

Дарки вазъиятҳои сиёсӣ, ҳодисаҳои сиёсӣ ва мавқеи байналхалқӣ, инчунин мушоҳидаи сиёсати байналхалқӣ ва корҳои сиёсӣ, гарчи аз омилҳои такмилдиҳандаи хиради сиёсӣ ба ҳисоб раванд ҳам, айнан хиради сиёсӣ нестанд. Ба олам аз нуқтаи назари муайян нигаристан хиради сиёсӣ мебошад. Нуқтаи назари мо нуқтаи назари Ақидаи Ислом аст, нуқтаи назари: «***Фармуда шудам, ки бо мардум биҷангам, то бигӯянд: «Нест илоҳе ба ҷуз Аллоҳ, Муҳаммад пайғамбари Аллоҳ аст***». Агар ҳамин суханро бигӯянд, ҷону моли худро аз ман нигоҳ медоранд, магар бо ҳақ». Хиради сиёсӣ ҳамин аст. Ба ҷаҳон аз нуқтаи назари муайян нанигаристан тангназарист, на вуҷуд надоштани хиради сиёсӣ. Маҳдуд шудан бо нигоҳ ба майдони маҳаллӣ ё минтақавӣ хиради сиёсӣ нест, балки кӯтаҳназарист. Хуллас, барои мавҷуд будани хиради сиёсӣ ду элемант зарур аст: аввалан, ба тамоми ҷаҳон нигаристан, сониян, аз нуқтаи назари муайян нигаристан. Чигунагии нуқтаи назар фарқ надорад. Мумкин аст як мабдаи муайян ё як мафкураи муайян ва ё дигар бошад. Воқеи хиради сиёсӣ ҳамин аст. Табиист, ки нуқтаи назари мусулмон Ақидаи Ислом аст. Хиради сиёсӣ ҳамин аст. Бинобар ин, табиист, ки ба дӯши сиёсатмадор новобаста ба макон маҷбурияти муборизаро дар роҳи ташаккули пиндори инсон дар бораи ҳаёт ҳамчун инсон бор мекунад. Ташаккули ҳамин пиндор вазифаи аввалиндараҷаи соҳиби хиради сиёсист ва иҷрои ин кор бе машаққат ба осонӣ ба даст намеояд.

Соҳиби хиради сиёсӣ бояд пайваста бар зидди тамоми самтҳое, ки ба самти ӯ зиданд, бар зидди тамоми пиндорҳое, ки ба пиндорҳои ӯ муқобиланд, биҷангад, айни замон барои мутамарказгардонии пиндорҳо ва мустаҳкамгардонии самти худ талош варзад. Ӯ дар як вақт дар ду самт фаъолият мебарад ва аз онҳо мисли заррае берун намебарояд. Чунки онҳо як чизанд. Ӯ дар як вақт ҳам вайрон мекунад ва ҳам бунёд. Зулматро меронаду нурро мехонад. «Ӯ оташест, ки фасодро месӯзонад, нурест, ки роҳи ҳидоятро равшан месозад». Баробари

мутамарказгардонии пиндорҳо, мустаҳкамгардонии самтҳо, ба ҳодисаҳо фикр изҳор кардан, аз мавҳумият ва мантиқ дурӣ ҷустан бар зидди самтҳои дигар ба ҷанг медарояд. Бар зидди зарбаҳое, ки ба пиндори ӯ дар бораи ҳаёт ҳуҷум мекунанд, бар зидди пиндорҳои ақибмондаи асрҳои ақибмонӣ, бар зидди иғвоҳои гумроҳсозандаи душманон дар бораи фикрҳо ва чизҳо ва бар зидди ба қолаби мақсадҳои яклаҳзагӣ ва ҷузъӣ рехта шудани ғояҳои дурандешонаи бузург мубориза мебарад. Дар ду фронт: дохилӣ ва хориҷӣ меҷангад. Дар ду самт: вайрон кардан ва аз нав сохтан мубориза мебарад. Дар ду соҳа: сиёсат ва фикр фаъолият мекунад. Хуллас, ӯ дар майдонҳои олитарин ва баландтарини ҳаёт меразмад. Бинобар ин чи дар сатҳи дохилӣ-маҳаллӣ ва чи дар сатҳи байналхалқӣ-умумиҷаҳонӣ, вақте ки воқеъ, мардум ва душвориҳои ҳаёт пеш меоянд, табиист, ки хирадмандон ба муаммо бармехӯранд. Дар ҳамин бархӯрд ӯ рисолатеро, ки бар дӯш гирифтааст ва нуқтаи назареро, ки аз он ба олам менигарад, то чӣ андоза асос, ҳакам, ғоя ва мақсад қарор дода метавонад, маълум мегардад. Бояд эътибор дод, ки хирадманд хоҳ табиӣ бошад, хоҳ мабдаӣ, бо сабаби он ки аз нуқтаи назари муайян менигарад, диди муайян ва майли муайян дорад, собитқадам набошад, хавф вуҷуд дорад, ки ба ҳақиқатҳо аз рӯи ҳавои нафс ранг диҳад, фикрҳоро аз рӯи хоҳиши худ таъвил кунад ва хабарҳоро мувофиқи натиҷаи дилхоҳи худ дарк намояд. Барои ҳамин бояд эҳтиёт шуд, ки майлҳо ба фикрҳову хабарҳо ҳукмрон нагарданд. Мумкин аст, ки фард бо сабаби рағбат ба худ, ҳизб ё мабдааш дурӯғро рост ва ростро дурӯғ гумон кунад ва таъвил намояд. Барои ҳамин хирадманд бояд сухани гуфташаванда ва кори иҷрошавандаро муайян кунад. Масалан, воқеъҳоро чи чизҳо бошанд, чи ҳодисаҳо дар шакли аслӣ на аз рӯи хоҳиши худ, балки бо воситаи ҳис дарк намояд, аз ҷиҳати мантиқӣ низ эҳсос кунад. Фикрҳоро низ дар шакли аслӣ дарк кунад. Фикреро, ки дар майна дорад, ба берун барорад ва воқеъеро, ки ифода мекунад, бо чашми дил бинад. Сипас на аз рӯи хоҳиш, балки аз рӯи биниш дарк кунад. Дуруст, ибора мумкин аст маҷоз, истиора, киноя бошад ва гоҳо мумкин аст ҷумла бошад, ки дар ҳамин ҳолат маънои заруриро медиҳад. Лафзҳое, ки ҷумларо ҳосил мекунанд, дар ҳоли ҷудогона тамоман маънои дигарро медиҳанд. Вале ин чиз ӯро аз амали дигар, масалан, аз дидани воқеъе, ки талқини луғатшиносон дар луғат далолат мекунад, бознамедорад. Хуллас, соҳиби хиради сиёсӣ бояд тарафдори ҳақиқат бошад, айни замон аз рӯи нуқтаи назаре, ки ӯ боварии қатъӣ ҳосил кардааст, кор барад. Ӯ бояд ҳақиқатҳоро дар шакли аслӣ бинад, айни замон ба назари ҳиссӣ ва фикрии худ асоснок шавад. Ҳамин тавр, хирад камол меёбад ва воситаҳои тадаббур дар он пурра мегардад. Як чизи дигар низ лозим ба ёдоварист, ки бояд асоси назар, дарк, ҳис ва пиндори ӯро ҳамеша аз нуқтаи муайян ба олам нигаристан ташкил намояд.

Ин ҷо мумкин аст, ки саволе ба миён ояд: Тарафдори ҳақиқат будану ҳақиқатҳоро дар шакли аслӣ дидани соҳиби хиради сиёсӣ ва ба ҷаҳон аз

нуқтаи назари муайян нигаристани ӯ чӣ тавр мувофиқат мекунад? Ин гуна савол аз назари сатҳӣ ба корҳо ба миён меояд. Агар чуқур назар карда шавад, ба ин гуна савол ҳоҷат намемонад. Чунки дар байни воқеи чизҳо ва аз болои онҳо ҳукм баровардан фарқ вуҷуд дорад. Воқеи чизҳоро ҳама як хел мефаҳмад. Дар байни мардум дар ин хусус ҳеҷ гуна зиддият вуҷуд надорад. Масалан, ҳар чизеро, ки чашм дида метавонад, тамоми биноён як хел мебинанд, фақат дар ҳолати фиреб додан ва гумроҳ сохтан мумкин аст дигар хел бинад. Чизҳоеро, ки ба ҳис алоқаманданд, чи оид ба таъм бошад, мисли талху ширин, чи оид ба ламс бошад, мисли нарму дурушт, чи оид ба шунавоӣ бошад, мисли овозҳо ва чи оид ба машом бошад, мисли бӯйҳо ҳама як хел ҳис мекунад. Вале мардум дар бораи ҳукмбарорӣ бар онҳо гуногунанд. Ба олам аз нуқтаи назари муайян нигаристан ба ҳукмбарорӣ аз болои чизҳо ва корҳо алоқадор аст. Дар шакли аслӣ дидани ҳақиқатҳо ба ҳис ва дарк тааллуқ дорад. Барои ҳамин бояд ҳақиқатҳоро дар шакли аслӣ бубинем, тарафдори ҳақиқат бошем ва айни вақт ба ҷаҳон ва ҳодисаву чизҳои он аз нуқтаи назари муайян нигарем.

Пас ин чиз чӣ тавр ба сиёсати дунё мувофиқ меояд? Овардани баъзе мисолҳо нишон медиҳад, ки ба ҳодисаҳои сиёсӣ аз нуқтаи назари муайян чӣ гуна менигаранд. Барои ҳамин аз сиёсати Пайғамбар (с), сиёсати асрҳои миёна ва сиёсати имрӯза баъзе мисолҳоро меорем. Нуқтаи назари муайяни Пайғамбар (с), ки ба олам менигаристанд, расонидани даъват буд. Қурайш, ки калонтарин давлати ҷазира ба ҳисоб мерафт, сардори куфр буд, ки ба ин даъват муқовимат мекард. Пайғамбар (с) корҳои сиёсӣ ва ҳарбиро пеши назар оварда, барои поидани Қурайш, роҳи тиҷораташро бастан ва ҷангидан бо вай ҷосусонро фиристоданд. Бо бетараф мондани давлатҳои дигар, яъне қабилаҳои дигар кифоя мекарданд. Пайғамбар (с), ки ба олам аз нуқтаи назари муайян менигаристанд, корҳои сиёсӣ ва ҳарбии он кас низ аз ҳамин нуқтаи назар бармеомад. Ба Пайғамбар (с) вақте хабар расид, ки яҳудиёни Хайбар бо мақсади ҳуҷум ба Мадина, сарнагун сохтани Муҳаммад (с) ва несту нобудсозии Ислом барои бастани созишнома бо Қурайш музокира мекунанд, ҳамчун санги зербино корро аз сулҳ бастан бо Қурайш оғоз карда, барои нобудсозии Хайбар омода шуданд. Дар роҳи амалигардонии ғояи худ бо ҳамин нуқтаи назари муайян ба корҳои оянда сиёсати сулҳро асос карданд. Тамоми корҳое, ки дар ин давра ба анҷом расиданд: сафари умра, ба муқовимати Қурайш розӣ шудан, ба саркашии он бо нармӣ ҷавоб гардонидан, ба саҳобагон мухолифат намудан ва ғайра корҳое буданд, ки дар асоси ҳамин сиёсати сулҳ анҷом дода шуданд. Нигоҳи эшон ба корҳои сиёсӣ бо душман аз нуқтаи назари махсус ва тақозои он бармеомад.

Ин ду мисол аз корҳои Пайғамбар (с) гирифта шуданд. Яке аз онҳо умумӣ ва дигаре хусусӣ мебошад. Бинобар нуқтаи назари махсус бар зидди давлати калон, ки сардори душманон ба ҳисоб мерафт, мутамарказ шудан умумӣ буд ва ба мақсади муайян мутамарказ шудану

ба нуқтаи назари махсус табдил додани вай хусусӣ буд. Он кас ба корҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ аз ҳамин нуқтаи назар менигаристанд. Аз ин ҷо аён мегардад, ки аз нуқтаи назари махсус ба ҳодисаҳои сиёсӣ нигаристан чӣ тавр корҳоро идора мекунад ва дар ҳолати вуҷуд надоштани он чӣ тавр корҳо мазмуни худро гум мекунанд. Тамоми давлатҳои калон баъд аз анҷумани Берлин на сарнагун сохтани Давлати Усмонӣ, балки тороҷи боигариҳои онро нуқтаи назари худ қабул карданд. Ҳол он ки ба қарори муайян омада буданд, ки сарнагунсозӣ ва тороҷкуниро якбора омӯхта, якҷоя амалӣ гардонанд. Лекин сарнагунсозиро ба нуқтаи назари худ табдил надода буданд. Бинобар ин тамоми корҳои онҳо ба ҳамин нуқтаи назар мувофиқ омад. Дар давоми беш аз як аср бо ҳам ба ҷанги сиёсӣ даромаданд. Гарчи ҷанг баробари сарнагуншавии Давлати Ислом ба охир расида бошад ҳам, ин кор санги зербино, ки ба ҳодисаҳо ва корҳои сиёсии онҳо баҳо медиҳад, набуд. Онҳо ба сиёсат ва нигоҳи худ дар бораи корҳои сиёсӣ аз рӯи нуқтаи назари худ баҳо медоданд.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон Амрико гуфт: «Дунё ширкатест, ки бештари саҳми ин ширкат аз они Амрико аст. Барои ҳамин идораи дунё бояд дар дасти Амрико бошад». Ин суханро ба нуқтаи назари худ табдил дод. Тамоми корҳои вай аз рӯи ҳамин нуқтаи назар ташаккул ёфт. Ба корҳои сиёсие, ки дар олам рух медод, аз рӯи ҳамин нуқтаи назар баҳо дод. Айнан дар асоси ҳамин нуқтаи назар бо Иттиҳоди шӯравӣ созишнома баст. Британия ва Фаронсаро инкор кард. Баъд аз сарнагуншавии Иттиҳоди шӯравӣ назари вай тағйир ёфт. Нафақат Британия ва Фаронса, балки давлатҳои тамоми дунёро инкор кард. То андозае аз ҳад гузашт, ки дигар созишномаҳои аз тарафи тамоми давлатҳои олам тартиб додашударо эътироф накард. Аз «Созишномаи Киото» баромад. Аз созишномаи поксозии минаҳо, ташкили суди баррасикунандаи ҷиноятҳои байналхалқӣ ва ҳамроҳшавӣ ба созишномаҳои дигар сар кашид. Мувофиқи нуқтаи назари Амрико ягон давлат лаёқат надошт, ки бо вай дар асоси сулҳ созишнома бандад, зеро вай давлати ягона аст. Бинобар ин нисбат ба дигар давлатҳои калон худро бузургтар гирифта, ҳамчун нозир рафтор кард.

Тарзи баҳогузорӣ ба ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳон аз рӯи нуқтаи назари муайян ҳамин аст. Хоҳ ин нуқтаи назар умумӣ бошад, мисли ба асоси сиёсати хориҷӣ табдил додани расонидани даъват, хоҳ хусусӣ бошад, мисли душманӣ бо давлате, ки дар сурати ғолиб омадан роҳи мо ба олам кушода мешавад, хоҳ басо хусусӣ бошад, мисли ба ҷанги муайяни сиёсӣ даромадан барои намуна нишон додани шахсияти худ ба давлатҳои дигар. Хуллас, баҳогузории корҳо ва ҳодисаҳои сиёсӣ аз рӯи нуқтаи назари муайян кори осон аст. Бинобар ин ҳамагӣ амалан ба сиёсат машғул шудан лозим аст. Ҳатто амиқ дарк кардани ҳодисаҳои сиёсӣ кифоя аст. Аз ин аён мегардад, ки мушоҳидаи сиёсат ва дарки пиндорҳои сиёсӣ бояд ба пайдошавии хиради сиёсӣ барад. Ҳам барои кори сиёсӣ ва ҳам барои таъсиррасонӣ ба ҳодисаҳои сиёсӣ бояд хиради

сиёсӣ мавҷуд бошад.
Дар давлатҳои калон хиради сиёсӣ ба чизи табиӣ, ба нони сиёсатмадорон табдил ёфтааст. Пас фарзандони Уммати Ислом, фарзандони Давлатиояндаи Ислом пеш аз ҳама бояд дар худ хиради сиёсиро ташаккул диҳанд, онро дар корҳои сиёсӣ асос кунанд, дар байни мардум васеъ паҳн намоянд, ба чизи табиии ҷомеа, ба нони рӯзмарраи сиёсатмадорон табдил диҳанд. Зеро супориши бузург ва вазифаи асил, ки дар зиммаи онҳост, ба олам расонидани даъвати Ислом ва ба мардум расонидани ҳидоят мебошад. Агар сиёсатмадор нашавем, ба олам аз нуқтаи назари муайян нанигарем ва соҳиби хиради сиёсӣ нагардем, аз ӯҳдаи ин кор баромадан имконнопазир аст.
Барои он ки хиради сиёсӣ ба мардум душвор нанамояд ва гумон накунанд, ки он як чизи муҳим аст, ки фақат заковатмандону зиёиён азхуд карда метавонанд, хиради сиёсӣ бояд ба онҳо дар шакли басо содда ва ба ҳама, ҳатто ба авом низ дастрас маънидод карда шавад. Зеро хиради сиёсӣ маънои донистани ҳамаи Ислом ё ҳамаи нуқтаи назари хоси барои ба дунё нигаристан лозимиро надорад. Он ҳамагӣ пайдошавии дониш чи каму чи зиёд аз нигоҳ афгандан ба олам ва бар асоси нуқтаи назари муайян будани ҳамин нигоҳ мебошад. Пас агарчи фақат як кори сиёсӣ бошад ҳам, ба олам аз нуқтаи назари муайян нигариста шавад, ҳамин чиз ба хиради сиёсӣ ва ифодаи хиради сиёсӣ кифоя аст.
Дуруст, хиради сиёсӣ аз рӯи донишҳо дар бораи олам, дар бораи ҳодисаҳои сиёсӣ ва дар бораи нуқтаи назари муайян пурқувват ва камқувват мешавад. Вале ҳамаи онҳо хиради сиёсиянд, ҳамаашон натиҷа медиҳанд, ҳамаашон кӯтоҳандешии сиёсиро бартараф мекунад. Бинобар ин, хиради сиёсӣ фақат ба сиёсатмадорон ё мутафаккирон хос нест, фақат ба онҳо хос шудани он мумкин нест. Хиради сиёсӣ аз они ҳама аст ва шарт аст, ки аз они ҳама бошад. Олимон онро чӣ тавр азхуд карда тавонанд, авом низ ҳамон тавр азхуд карда метавонанд. Боз ҳам дурусттараш, бояд тамоми уммат онро азхуд намояд. Чунки уммат заминест, ки дар он мардони ҳақиқӣ ба воя мерасанд. Ин замин бояд замине бошад, ки хиради сиёсиро ба камол бирасонад, то дар он мардони ҳақиқӣ ба воя расанд, ҳокимон ба муҳосаба кашида шаванд, ба қадри мардони ҳақиқӣ бирасанд ва ба хавфу хатари хориҷӣ хирадмандона муқовимат карда шавад!
Роҳи пайдо кардани хиради сиёсӣ дар шахсҳо ва умуман дар уммат сақофатнокгардонии сиёсӣ ба маънои сиёсӣ мебошад. Хоҳ ин кор бо омӯзиши фикрҳову ҳукмҳои Ислом ва хоҳ бо воситаи мушоҳидаи ҳодисаҳои сиёсӣ амалӣ гардад. Фикрҳову ҳукмҳои Ислом нафақат аз ҷиҳати назарӣ, балки мувофиқи воқеъҳо омӯхта мешавад. Ҳодисаҳои сиёсӣ на мисли рӯзноманигор ва тадқиқотгар барои ҷамъи хабару маълумот, балки барои аз нуқтаи назари муайян нигаристану аз болои он ҳукм баровардан, барои ба дигар ҳодисаҳову фикрҳо ё корҳои сиёсии пешина вобаста кардан мушоҳида карда мешавад. Сақофатнокгардонии

сиёсӣ бо мабдаъ ва сиёсат ҳамин аст. Роҳи пайдокунии хиради сиёсӣ дар уммат ва шахсҳо ҳамин аст. Ҳамин аст омиле, ки Умматӣ Исломро ба вазифаи асосии вай такон медиҳад. Вазифаи асосии Умати Ислом расонидани даъват ба олам ва расонидани ҳидоят ба мардум аст. Барои ҳамин роҳи пайдокунии хиради сиёсӣ дар уммат ва шахсҳо сақофатнокгардонии сиёсӣ мебошад. Аз ин ҷо аён мегардад, ки бо сақофати сиёсӣ тарбия кардани Уммати Ислом бояд ба таври густурда вусъат дода шавад. Зеро ин омилест, ки дар уммат хиради сиёсиро ба вуҷуд оварда, онро ба замине табдил медиҳад, ки сиёсатмадорони фаровони моҳирро ба воя мерасонад.

***ҷумодуссонии 1425 ҳиҷрӣ.***
***августи 2004 милодӣ***

***1- созишнома дар бораи кам кардани густариши мушакҳои баллистикӣ ва пешгирии интишори силоҳҳои ядровӣ***
***2 - фалсафае, ки фақат чизҳои фоидаоварро ҳақиқат медонад***
***3 - штатҳо***
***4 - Идораи маркази разведка, CIA***
***5 - Идораи федералии тафтишот, FBI***
***6 - кӯҳнапарастӣ***
***7 - Кумитаи амнияти давлатӣ, номи мухтасари идораи мазкур ба забони русӣ КГБ мебошад, ки бештар маъруф аст***
***8 - мушаки зериобӣ***